А. САЪДУЛЛОЕВ, В. КОСТЕТСКИЙ

# ТАЪРИХ

## ДУНЁИ ҚАДИМ

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 6-уми
мактабҳои миёнаи таълими умумӣ

Тарҷума аз нашри чоруми таҳрирёфтаву пуррагардида

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон
тасдиқ намудааст

«Yangiyo‘l Poligraf Servis»
Тошканд – 2013

**УДК: 94(075)**
**КВК 63.3(0)3**
**С16**

Саъдуллоев, Анатолий Саъдуллоевич.
**Таърих.** Дунёи қадим: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 6-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ/ А.С.Саъдуллоев, В.А.Костетский. — Нашри чоруми таҳрирёфтаву пуррагардида. Тошканд: Yangiyo‘l Poligraf Servis, 2013. — 192 с.

УДК: 94(075)
I. Костетский, Василий Ануфриевич. КВК 63.3(0)3я72 + 63.3(5Ӯ)

Муқарризон:
**Ю.Ф. Буряков** – доктори илмҳои таърих;
**Қ.М.Мавлонов** – доктори илмҳои таърих;
**Н.Т.Полвонов** – номзади илмҳои таърих;
**А.Замонов** – мудири сектори Маркази методикии мувофиқгардонии масъалаҳои таърихи аз ҳама навини Ӯзбекистон;
**М.Холбоева** – саруслубшиноси шӯъбаи асосҳои дониши иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва корҳои маънавиву маърифати МТР.

Маводи китоби дарсӣ дар асоси барномаи таълими оптималӣ оид ба фанни таърихи мактабҳои миёнаи таълими умумӣ таҳия гардид. Мувофиқи андозаҳои давлатии таълим муаллифон китобро дар асоси таҷрибаҳои кории омӯзгорони фанни таърихи Ӯзбекистон ва мамолики хориҷӣ офаридаанд.

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби Республика барои иҷора чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-366-00-8

© Yangio‘l Poligraf Servis, 2009, 2013
© А.С.Саъдуллоев, В.А.Костетский, 2009, 2013

# Мундарича

Аз муаллифон ........................................................................ 5

**ФАСЛИ I**

**Аз сохтори аз ҳама қадима ба сӯи тамаддун**

§ 1. Таърихи қадим — оғози тамаддун..........................................8
§ 2. Марҳалаҳои аввали афзоиши одами аз ҳама қадима.........13
§ 3. Ҷамоатҳои авлодӣ ...............................................................18
§ 4. Зироаткорони асри энеолит ва биринҷӣ ..............................22
§ 5. Рушди Осиёи Миёна дар давраи гузариш ба асри оҳан......25

**ФАСЛИ II**

**Шарқи Қадима ва Осиёи Миёна**

§ 6. Водии Нил ва аҳолии он....................................................... 28
§ 7. Миср ва халқҳои ҳамсоя...................................................... 32
§ 8. Дини Мисри қадим ............................................................... 34
§ 9. Аҳромҳо ва мақбараҳо ........................................................ 37
§§ 10 – 11. Маданияти Мисри қадим .......................................... 40
§ 12. Тамаддуни Месопотамия ................................................... 43
§ 13. Шоҳигарии Бобул................................................................ 49
§ 14. Давлатҳои Осиёи Пеш ва ҳамсоягони онҳо....................... 53
§ 15. Давлати Аҳамониён............................................................ 57
§ 16. Тамаддуни Ҳиндустон ........................................................ 61
§ 17. Ҳиндустон дар аввали ҳазораи I пеш аз милод ................ 65
§ 18. Тамаддуни Чини қадим ...................................................... 68
§ 19. Чин дар асри III то милодӣ ва асри II милодӣ.................... 72
§ 20. Давлатҳои аввалини ҳудуди Ӯзбекистон ........................... 75
§§ 21 – 22. Зардуштиён ............................................................... 80

## ФАСЛИ III
## Юнони қадим

§ 23. Оғози таърихи атиқа ........ 84
§§ 24 – 25. Равнақи Юнони қадим ........ 86
§ 26. Демократия дар Афина ........ 93
§ 27. Набардҳои байни юнону форс ........ 98
§ 28. Аз ҷониби Македония забт гардидани Юнон ........ 102
§§ 29 – 30. Маданияти Юнони қадим ........ 105
§§ 31 – 32. Олимон ва мутафаккирон ........ 111
§§ 33 – 34. Асотирҳои Юнони қадим ........ 115

## ФАСЛИ IV
## Осиёи Миёна дар асри VI пеш аз милод ва асри III милодӣ

§§ 35 – 36. Юришҳои истилогаронаи Аҳамониён дар Осиёи Миёна ........ 118
§§ 37 – 38. Мубориза аҳолии Осиёи Миёна ба муқобили истилогарони юнону македонӣ ........ 123
§§ 39 – 40. Давлати Салавкиён ва Шоҳигарии Юнон-Бохтар........ 128
§ 41. Хоразми қадим, давлатҳои Қанғ ва Довон ........ 132
§§ 42 – 43. Шоҳигарии Кушон ........ 137
§ 44. Роҳи бузурги абрешим ........ 141

## ФАСЛИ V
## Рими қадим

§ 45. Итолиё ва аҳолии он........ 145
§ 46. Республикаи Рим ........ 148
§ 47. Ҳаёти Республикаи Рим ........ 151
§ 48. Мубориза барои ҳукмронӣ дар баҳри Миёназамин ........ 159
§ 49. Ғуломон ва гладиаторон ........ 160
§ 50. Сарнагуншавии Республикаи Рим........ 164
§ 51. Барбодравии империяи Рим ........ 168
§§ 52 – 53. Маданияти Рими қадим ........ 171
§ 54. Дар манбаъҳои маънавиёт ........ 177
Луғати истилоҳоти таърихӣ........ 181
Такроркунии хотимавӣ........ 185
Истилоҳоти таърихӣ ва ҷуғрофӣ оид ба таърихи дунёи қадим........ 186
Номҳои таърихии дунёи қадим ........ 187
Таърихи дунёи қадим дар тақвимҳо ........ 188

# АЗ МУАЛЛИФОН

Донишомӯзи гиромӣ! Дар синфи 5 бо “Ҳикояҳо аз таърих” шинос шуда будед. Шумоён акнун бо чӣ тавр ҷамъулҷамъ гардидани донишҳо дар хусуси гузаштаи дур ошно мегардед.

Дар синфи 6 сайёҳатамонро ба замонҳои ниҳоят қадим давом медиҳем, бо таърихи давлату халқҳои аз ҳама қадима, маданият ва урфу одатҳояшон шинос мегардем.

Аз давраҳои ҳукмронии давлатҳои Месопотамия, Миср, Юнон, Рим ва давлатҳои аввалини Осиёи Миёна чандин ҳазор солҳо сипарӣ гаштанд. Аммо аз бисёр ашёҳое, ки одамон дар замони қадим офаридаанд, имрӯзҳо ҳам дар зиндагонии рӯзмарраамон истифода мебарем. Онҳо олотҳои меҳнат, зарфҳои сафолин, чарх, қубурҳои обии сафолин, газворҳо, хат ва ҳоказо. Асарҳое, ки муаллифони қадима иншо карда, аз худ боқӣ гузоштаанд, ҳоли ҳозир ҳам ба одамон дониш ва тарбия медиҳад.

Олимон ба мақсади аз нав эҳё бахшидани воқеаҳое, ки дар рӯи Замин кайҳо рӯй додаанд, бисёр қувваву ғайрати хешро сарф менамоянд. Онҳо шаҳрҳои қадимаро дарёфтанд, ҳафриёт гузаронданд, навиштаҷоти сеҳрнокро дар чармҳо, тахтачаҳои сафолӣ, папирус, ҳамчунин тангаҳо хонданд. Шумоён акнун бозёфтҳои ҳафриётӣ аз хусуси чиҳо нақл карданашро медонед. Бо омӯзиши катибаҳои қадима фанҳои махсуси *эпиграфика*, тадқиқи тангаҳо бошад, *нумизматика* шуғл меварзанд.

Инсон аз сохтани олоти оддии меҳнат то дурдонаҳои ҳунармандӣ, аз сохтани истиқоматгоҳи оддӣ то бунёди шаҳрҳо роҳи дурударозро тай намуд. Давраи аз ҳама қадимаи ташкилёбии шаҳрҳо ва давлатҳоро олимон *тамаддуни аввалин* ном мебаранд. Таърихи тамаддуни аввалин дар Шарқи Қадим, баъдтар дар ҷазираи Крити Юнон оғоз ёфтааст. Тамаддуни қадима дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз он ҷумла, Осиёи Миёна ва ҳудуди Ӯзбекистон ҳам ба вуҷуд омадаанд.



**Намунаи хатти қадима**

Аз пайдоиши одам то соли **476-уми мелодӣ** вожгуни империяи Рими Ғарбӣ сурат гирифтани воқеаҳо *таърихи дунёи қадимро* ба вуҷуд овардааст. Таърихи мазкур ба воситаи манбаъҳои мухталифи ҳафриётӣ (археологӣ) ва хаттӣ омӯхта шудааст.



**Кофтуковҳои ҳафриётӣ**

Таърихи дунёи қадим дар солномаҳои мухталифи (воқеаҳо сол ба сол қайд гардидаанд) ашрофони сарой ва подшоҳони Шарқи Қадим, Юнон ва Рим, маҷмӯи қонунҳо, тарҷимаи ҳол акс ёфтаанд. Дар онҳо дар хусуси юришҳо ва набардҳо, сохтмони ибодатхонаву саройҳо ва қалъаҳо, ҳунармандӣ ва деҳқонӣ, фанну санъати қадима ҳикоя гардидаанд.

Матнҳои қадимае, ки олимон онҳоро хонда тавонистаанд, масалан, “Матнҳои Пирамидаҳо” (Аҳромҳо) ва “Китоби Марҳумон” аз таърихи мисриён, “Ригведа”— ҳиндуён, “Авасто” бошад, таърихи халқҳои Осиёи Миёна нақл мекунад.

*Маҷмӯи аҳромҳои Мисри* водии Нил, шаҳрҳои Бобул байни Даҷла ва Фурот, Нохенҷодарои водии Ҳинд, Персеполи Эрон, ҳафриётҳои бисёр шаҳрҳои Юнон, Рим ва Осиёи Миёна дар саросари ҷаҳон машҳуранд.

Вале, дар бобати кушода додани таърихи дунёи қадим бисёр сирҳо ошкор нагардидаанд. Шояд кушодани яке аз онҳо ба Шумо муяссар гардад. Таърих ба мо бисёр чизро меомӯзонад. Беҳуда онро “омӯзгори бузург” наномидаанд. Аз ин рӯ, бояд ҳар якеамон таърихи Ватанамонро хуб аз бар намоем ва ба таъриху фарҳанги халқи мамлакатҳои дигар



**Навиштаҷоти тангаҳо**

бо ҳурмат муносибат кунем. Ҳангоми омӯзиши китоби дарсии мазкур ба бисёр калима, истилоҳот ва ибораҳои таърихии нофаҳмо дучор меоед. Онҳоро аз ёд кардан ва дар хотир нигоҳ доштан лозим меояд.

**Корбарӣ бо матни китоб**

Маслиҳатҳои зеринамонро бо диққат гӯш андозед, онҳо дар бобати омӯзишу аз худ кардани мавзӯъ аз наздик кӯмак мерасонанд.

Ҳангоми ҳаллу фасли супоришҳои хонагӣ ба инҳо риоя кунед:

1. Матни дар дарс навишта гирифтаатонро чандин маротиба хонед.

2. Пеш аз хондан ба сарлавҳаи мавзӯъ диққат кунед, дар дарс чиҳо таъкид ёфтанашро ба хотир оваред.

3. Саволҳои дар охири ҳар як мавзӯъ додашударо хонед. Дар он сурат шумоён ҳангоми хондани навиштаҷотатон ба чӣ аҳамият додан ва бо кадом тарз баён кардани маводи хондаатонро диниста мегиред.

4. Матнро ба қисмҳои тахминӣ тақсим кунед ва мазмуни асосии ҳар кадоми онро бо суханони худ гӯед, сонӣ тамоми мавзӯъро ҳикоя кунед. Ҳарф зада натавонед, ҷойҳои душворашро аз нав хонед. Такрор кунед. Матни дарсро ёд кардан шарт нест.

5. Ҳангоми ҷараёни хондани матн сурату ҷадвали хотиррасон-гардидаро ёфта гиред, эзоҳҳояшро хонед, номҳои шаҳрҳо, мамлакат-ҳоеро, ки дар матн дучор меоед, аз харита ёбед.

6. Ба саволҳо ҷавоб гардонед ва супоришоти охири мавзӯъро ба иҷро расонед.

Агар Шумо мувофиқи конспекти такягоҳӣ, ки дар анҷоми ҳар як параграф дода шудаанд, таърихро омӯхтанӣ бошед, вазифаҳои зеринро мебояд ба иҷро расонед:

1. Матнҳои параграфҳои китоби дарсиро бо суханони конспекти такягоҳӣ муқоиса кунед.

2. Аз конспект истифода бурда, параграфро чандин маротиба нақл карда диҳед.

3. Ишораҳои такягоҳиро барои аз ёд гуфта додан ҳаракат намоед (баъди фикрронии амиқ онро омӯхтан лозим).

4. Баъди якчанд соат боз як маротиба конспекти такягоҳиро такрор намоед.

Мо, муаллифони китоби дарсӣ, ба шумоён барои ба гузаштаи дур саёҳат кардан, ошноӣ бо ёдгориҳои фарҳангӣ ва омӯзиши таърихи дунёи қадим дасти мадад дароз мекунем.



# ФАСЛИ I

# АЗ СОХТОРИ АЗ ҲАМА ҚАДИМА БА СӮИ ТАМАДДУН

## § 1. Таърихи қадим — оғози тамаддун



Харобаҳои шаҳрҳои қадима

**Омӯзиши таърихи қадим**

Таърихи қадимаи инсониятро олимони тахассусашон гуногун тадқиқ менамоянд. Ҳафриётгарон (археологҳо) дар манзилгоҳҳое, ки одамон дар замонҳои гузаштаи қадим истиқомат кардаанд, корҳои ҳафриётиро ба амал мебароранд.

Пасмондаҳои одамони қадима (устухон ва косахонаи сар)-ро ҳамаҷониба тадқиқ карда, *антропологҳо* барои аз нав офаридани намуди берунаи онҳо, тағйиротҳоеро, ки дар давоми ҳазорсолаҳо дар қиёфаи онҳо руй додаанд, барои аз назар гузарондан ҳаракат менамоянд.

*Этнографҳо* ҳоли ҳозир қабилаҳои барҳаёт ва халқҳо, одатҳои бисёри нигоҳ доштаашудаи одамони қадим, анъанаҳои хоҷагидорӣ ва мадании онҳоро меомӯзанд.

*Лингвистон*, яъне забоншиносон ба мақсади дарки бо кадом тарз ташаккул ёфтани забони замони ҳозира забонҳои қадимаро тадқиқ менамоянд.

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Археологҳо — ин ...*** | ***Этнографҳо — ин ...*** |
| ***Антропологҳо — ин ...*** | ***Лингвистон — ин ...*** |



Боқимондаҳои дастхатҳои қадима

**Манбаъҳо оид ба таърихи қадима**

Мо таърихи аз ҳама қадимаи кишварамонро аз куҷо медонем? Охир дар ҳамон замонҳои дуродур хат набудааст-ку?! Манбаи аз ҳама васеъ паҳнгардидаи таърихӣ ва аз ҳама қадимаи диёрамон аз ҷониби қадимшиносон дарёфт гардидани *манбаъҳои* моддист. Олотҳои меҳнат, зарфҳои сафолин, силоҳу

аслиҳаҳо, маводи зебу зиннат, алқисса, тамоми ашёҳое, ки бо дастони одами қадим сохта шудаанд, ба ҷумлаи онҳо шомил мегардад.

Баробари дарёфти манбаъҳои хаттӣ кори олимонро дар бобати эҳёи таърихи ҳазорсолаҳо осон гардонд. Манбаи аз ҳама қадима оид ба таърихи Осиёи Миёна китоби муқаддаси зардуштиён "Авасто" мебошад. Дар асари мазкур таърихи вилоятҳои кишварамон, маданияти аҳолии Бохтар, Суғдиёна, Хоразм акси худро пайдо намудааст.



**Саҳифаи дастхати "Авасто"**

Боз як манбаи хаттӣ доир ба таърихи давраи қадим навиштаҷоти харсангҳои Беҳистун мебошад. Харсангҳои Беҳистун дар шафати шаҳри *Кирмоншоҳи* Эрон ҷойгиранд. Дар ин ҷо мувофиқи фармони шоҳи форсҳо Доро I дар харсангҳо бо се забон — форси қадима, елам ва бобул хат кандакорӣ карда, дар он номи мамлакату халқҳое, ки ӯ забт намудааст, аз он ҷумла, вилоятҳои Хоразм, Суғдиёна, Бохтар номбар гардидааст.



**Геродот – муаррихи Юнони қадим**

Дар асри V пеш аз мелод муаррихи Юнони қадим Геродот ба мамлакатҳои гуногун сайёҳат намуда, асари "Таърих"-и худро иборат аз нӯҳ китоб иншо намуд. Дар он аз хусуси аҳолии қадимаи кишварамон маълумотҳои муфассал гирд омадаанд.

Муаррих ва ҷуғрофидони Юнони қадима Страбон, ки дар охири асри I пеш аз мелод ҳаёт ба сар бурдааст, дар китоби худ "Ҷуғрофия" маълумотҳоро аз хусуси маданияти халқҳои бисёр мамлакатҳо ва воқеаҳои таърихӣ овардааст.



**Навиштаҷоти зарфи сафолӣ. Меххат**

Муаррихи қадимаи Чин Сим Суан доир ба таърихи Чин дар охири асри II аввали асри I пеш аз мелод "Ёддоштҳои таърихӣ" ном асаращро таълиф намудааст. Вай дар бобати аҳолӣ ва давлатҳои қадимаи кишварамон маълумотҳо додааст.

Муаррихи римӣ дар асри I мелодӣ Квинт Курсӣ Руф китобро таҳти унвони "Таърихи Искандари Мақдунӣ" таълиф намудааст. Маълумотҳоро оид ба юришҳои ҳарбии Искандари Мақдунӣ ба Осиёи Марказӣ муаррихи юнонӣ Арриан пурра гардондааст,

ки дар асри II мелодӣ умр ба сар бурдааст. Ӯ асарро таҳти унвони “Юришҳои ҳарбии Александр” навиштааст.

Манбаъҳои мазкур, ҳамчунин ба туфайли корҳои минбаъдаи илмӣ олимон барои эҳёи таърихи қадимаи кишварамон муваффақ шуданд.



Кӯҳҳои Осиёи Миёна

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Геродот — ...*** | ***Квинт Курсӣ Руф — ...*** |
| ***Страбон — ...*** | ***Сим Суан — ...*** |
| ***Арриан — ...*** | ***Навиштаҷоти Беҳистун — ...*** |

**Ӯзбекистон ва тамаддуни ҷаҳонӣ**

Ӯзбекистон аз мавқеи ҷуғрофӣ аз қадимулайём боз ба ҳудуде дохил аст, ки Осиёи Миёна ном дорад. Ӯзбекистон ҳудуди калонеро дар байни дарёҳои Аму ва Сир, аз водиҳои Фарғонаву Зарафшон, воҳаи Сурхондарё то қуллаҳои кӯҳҳои осмонбӯс ишғол мекунад. Сарзамини мазкур бо серҳосилии замин ва иқлими гармаш ба макони аз ҳама қадимаи инсоният мубаддал гардидааст. Азбаски дар минтақаи қулаи ҷуғрофӣ ҷойгир буд, мамлакатҳои Шарқу Ғарбро бо ҳам пайваст гардондааст. Дар ин бобат аҳамияти Роҳи бузурги абрешим хеле калон аст, ки ба воситаи қариб ҳамаи шаҳрҳои калони Ӯзбекистон гузаштааст. Ӯзбекистон яке аз масканҳои аз ҳама қадимаи таърихи маданияти ашхосӣ ба ҳисоб меравад.



Шикорчиёни аввалин

Дар ин сарзамин аҳолии маҳаллӣ аз қадим ҳаёт ба сар бурдааст. Юнониён дар V асри пеш аз мелод аз хусуси аҳолии кишварамон, вилоятҳо маълумотҳои кофиро дар даст доштаанд. Ду дарёи бузурги Осиёи Миёна Амударё ва Сирдарё аз кӯҳҳои Ҳиндукуш, Помир ва Тиёншон маҷро гирифта, чун оби дарёҳои тезгузар ба баҳр ворид гаштаанд. Дарёҳо саросари водиҳо роҳи муҳими тиҷоратӣ будаанд.



Баъди шикори бобарор

5-4 ҳазор сол пештар аҳолии қадимаи Осиёи Миёна бо ҳудудҳои мухталифи васеи Шарқи қади-

ма алоқаҳои фарҳангӣ дошт. Ҳангоми корҳои ҳафриётии қадимаи ҷойҳои кӯҳна ҳафриётшиносон зарфҳои сафолин ва маъданӣ, ашёҳои заргариеро ёфтанд,ки аз ҷониби ҳунармандони Ҳиндистон, Эрон ва Месопотамия тайёр гардидаанд.

Дар ҳазораи I пеш аз мелод вақте ки дар Шарқ салтанатҳои қадима шукуфон буданд, алоқаҳои маданӣ боз ҳам васеъ гаштаанд. Дар манбаъҳои мухталифи хаттӣ дар соҳаҳои ҳунармандӣ, меъморӣ ва хоҷагии деҳот намоён будани ин халқҳои қадима қайд гардидаанд.



**Амударёе, ки сероб аст**

**Даврагардонии сохти аз ҳама қадима**

Тамоми халқҳои ҷаҳон сохти ҷамъияти ибтидоиро аз сар гузарондаанд.

> *Сохти ҷамоаи ибтидоӣ* — **як давраест дар таърихи инсоният, ки тамоми олоти меҳнат умумӣ буда, ҳама баробар кор кардаанд.**

**Дар хотир доред!**

5-4 ҳазор сол пештар аҳолии кишварамон бо ҳудудҳои гуногуни Шарқи қадима алоқаҳои фарҳангӣ дошт.

Марҳалаи аввалини ривоҷи инсоният ин муттаҳидшавии одамон дар *тӯдаи ибтидоӣ* буда, тӯдаи мазкур дар худ ҷамоаи калони одамони қадимаро таҷассум гардондааст.

> *Тӯдаи ибтидоӣ* — **ҷамоаи одамони аз ҳама қадима буда, дар пояи умумияти зиндагонӣ ва меҳнат муттаҳид гардидаанд.**

Тӯдаи ибтидоӣ оҳиста-оҳиста тақсим гардида, ба иттиҳодияи алоҳидаи пайвандон-ҷамоаи авлодӣ мубаддал гардидан гирифт.



**Одамон ҷамоат шуда ҳаёт ба сар бурдаанд**

> *Авлод* — **ҷамоаи хешовандон аст,ки якҷоя зиндагонӣ ва меҳнат кардаанд, соҳиби олоти меҳнат ва силоҳи умумӣ будаанд.**

Ҷамоаҳои аввалини авлодӣ дар атрофи бонувон, яъне дар атрофи модар муттаҳид гаштаанд.



Таъқиби галаи аспони ёбоӣ

Дар таърихи инсоният он давраи авлоди модарӣ-*матриархат* номида мешавад.

Хеле дертар, вақте ки силоҳҳои меҳнат ва шаклҳои хоҷагидорӣ такмил ёфтан гирифт, мавқеи сару сарварӣ дар ҷамоа ба оҳистагӣ ба дасти мард гузаштан гирифт, акнун мард ба авлод сардор гардид. Олимон ин давраро дар таърихи инсоният *патриархат* меноманду бо патриархат сохти авлодии қадима ҳам анҷоми худро ёфт.

Одамони қадима азбаски аввалин олоти меҳнатро аз санг сохтаанд, ҳафриётшиносон ибтидои таърихи инсониятро “асри санг” номидаанд. Асри санг дуру дароз давом кардааст ва барои ҳамин ҳам онро ба марҳалаҳои зерин, аз он ҷумла:

— асри қадимаи санг — палеолит (юнонии “палеос” — қадима” ва “литос” — “санг” мебошад);

— асри миёнаи санг — мезолит (“мезос” — “миёна”);

— асри нави санг — неолит (“неос”—“нав”);

— асри мису санг — энеолит (лотинии “энеус”— “мис” ва юнонии “литос”—“санг”) тақсим мекунанд.



Олотҳои меҳнати сангӣ

### *Конспекти такягоҳӣ*

манбаъҳои таърихӣ
- манбаъҳои моддии ашёвӣ →
  - олотҳои меҳнат
  - зебу зиннат
  - силоҳу аслиҳа
- манбаъҳои хаттӣ →
  - “Авасто”
  - Навиштаҷоти Беҳистун
  - Асарҳои, Геродот,
  - Страбон
  - Сим Суан
  - Квинт Курсӣ Руф
  - Арриан

→ археологҳо
→ антропологҳо
→ этнографҳо
→ лингвистҳо
→ палеолит → мезолит → неолит → энеолит
↓
матриархат → патриархат


**Манзилгоҳи давраи охирини палеолит**

**Дар хотир доред!**

Палеолит
- **Олдувай**[1] → аз мелод 3-2 миллион сол аввал.
- **Аввал** → аз мелод 1 миллион – 100 ҳазор сол пеш.
- **Миёна** → 100-40 ҳазор сол муқаддам аз мелод.
- **Охирин** → 40-12 ҳазор сол муқаддам аз мелод.

*Савол ва супоришҳо*

1. Чаро ҳафриётшиносон ибтидои таърихи инсониятро «давраи санг» номидаанд?
2. Давраҳои асри сангро номбар кунед. Чаро онҳо ҳамин тавр номгузорӣ шудаанд?
3. Номи манбаъҳоеро гӯед,ки олимон ба воситаи онҳо таърихро эҳё мебахшанд.
4. Кадом манбаъҳои моддиеро медонед,ки ҳангоми омӯзиши таърих истифода бурда мешаванд?
5. Дар борам археология, антропология ва этнография барин фанҳо чиро медонед?


**Одами аз ҳама қадима**

## § 2. Марҳалаи аввали афзоиши одами аз ҳама қадима

**Одамони аз ҳама қадима**

Аввалин одамони рӯи Замин бо қаду қомати рост гашта, аз санг олоти меҳнат сохтааст ва роҳҳои истифода бурдани онро медонист. Олимон пасмондаҳои устухонҳои одами аз ҳама қадимаро, ки сохтани олоти меҳнати оддиро аз санг медонист, дар минтақаҳои гуногун, Африқои Ҷанубӣ — австралопитек, водии Зинҷи Африқои


**Австралопитек**

[1] Ғори Олдувай (Танзания) дар Африқои Шарқӣ вокест,ки аввалин аҷдоди одам ёфт гардидааст



Зинҷантроп



**Питекантроп Синантроп Неандертал Кроманyон**

Шарқӣ — зинҷаптроп, ҷазираҳои Ява (Индонезия) — питекантроп, ҳудуди Чин — синантроп, Олмон неандертал ва ғори Кромануони Фаронса — қиёфаи одами ҳозира-кромануон ёфта, озмуда дидаанд.

Вақте ки обу ҳаво дар рӯи Замин мӯътадил буд, манзилгоҳҳои одамон дар баландиҳои наздики дарёҳои хурд ё худ сойҳо ҷойгир шудааст. Дар охири зинаи аввали палеолит давраи пиряххои бузург оғоз ёфт. Одами ибтидоӣ ба озмоиши ниҳоят сахт дучор омад. Ҳолати мазкур одамонро маҷбур сохт,ки ба шароити нав мос гарданд. Дар ин ҳолат танҳо пурқувватҳо зинда мондаанд.



**Синантроп**

**Машғулиятҳои одамони қадима**

Манзилгоҳҳои одамони қадима дар бисёр мамолики Африқо, Осиё ва Аврупо ёфт гардидаанд. Олотҳои меҳнати қадимае, ки дар Осиёи Миёна аз санг сохта шудаанд, аз қароргоҳи *Селунгури* водии Фарғона ва манзилгоҳи *Кӯлбулоқи* воҳаи Тошканд ёфт гардидаанд. Нӯги ин *силоҳҳои* дағали сангин ба як тараф нигоҳ карда тез гардидаанд. Дар фанни археология силоҳҳои мазкури сангинро *чопперҳо* номидаанд.



**Шикори хирс**

Олотҳои меҳнат ба одамон барои ёфтани ғизо зарур буд. Аввалин олотҳои меҳнат содда буданд. Одами бо сангу таёқи нӯгаш тез мусаллаҳгардида ҳайвонҳоро шикор кардааст, бо ёрдами таёқи нӯгтез решаи рустании истеъмолӣ ва бехмеваҳоро коф-

тааст. Табиат ба инсон чиро инъом кунад, одам онро гирифтааст, бо хӯрокии ёфтгардида қаноат ҳосил кардааст. Аз ҳамин сабаб машғулоти аз ҳама қадимаи одамон *неъматчинӣ* ва *шикор хоҷагидории азхудкунанда* номида мешавад



Бозёфтҳои ғори Тешиктош

***Худро озмуда бинед!***

> ***Чопперҳо — ин....***
> ***Хоҷагидории азхудкунанда — ин....***

Ғори Тешиктош яке аз ёдгории машҳури ҷаҳонии маданияти асри сангин мебошад. Соли 1938 аз ғори Тешиктоши кӯҳсори Бойсун,ки аз тарафи А.П.Окландников дарёфта шудааст, олоти сангин ва порчаҳои онҳо, ҳамчунин устухонҳои гӯсфанди кӯҳӣ, оҳу, аспи ваҳшӣ, шер, харгӯш, хояндагони хурд, ҳамчунин устухонҳои паррандагон ёфт гардидаанд.

Пасмондаҳои устухони бачаи 8-9-солаи мансуби садаи санг, ки аз ғори Тешиктош кофта гирифта шудааст, бозёфти аз ҳама машҳур мебошад. Ҳафриётшиносон (археологҳо) ба боқимондаҳои устухони одами неандертал кам андар кам дучор меоянд. Ҷасади бача ба сӯи Ғарб гӯронда шудааст. Атрофи ҷасад бо шоххои бузҳо иҳота гардидаанд. Дафни мурда бо эътиқодҳои аввалини динӣ вобаста будаанд.

**Бавуҷудоии эътиқодҳои динӣ**

Фаъолияти меҳнатӣ, донишҳои ҷамъгардида оид ба оламии атроф оҳиста-оҳиста боиси тағйирёбии қобилияти фикрронӣ ва тафаккури инсоният гардид.




Манзилгоҳҳои давраи палеолит

Одамон аз хусуси ҳодисаҳое, ки барояшон нофаҳмоянд, фикр кардан шурӯъ намуданд: шабу рӯз, тағйир ёфтани фаслҳои сол, фаввораи вулканҳо, заминларзаҳо ва дигар ҳодисаҳои табиат диққату эътибори одамонро ба худ ҷалб сохтаанд.

Инсоне, ки сабаби сар задани ана ҳамин ҳодисаро фаҳмонда дода наметавонист, ба раъду барқ, шамол, боронгарӣ барин ходисаҳои табиат эътиқод кардан гирифт.



**Бачаи Неандертал (Тешиктош)**

Одамони қадима баробари гузаштани солҳо ба чунин ақида омаданд: инсон баъди вафоташ ба дигар олам рафта, ҳаёташро давом медиҳад.

Тағйир ёфтани фаслҳои сол, раъду барқ, тӯфонро одамони қадима ҳаракати қувваҳои табиат фаҳмидаанд, ки дар он рӯҳ таҷассум гардидааст. Эътиқод дар бобати мавҷуд будани ҷону рӯҳҳо дар муҳите, ки одамро иҳота намудааст, дар фан номи *анимизмро* гирифтааст.

*Анимизм* — дар муҳите, ки инсонро иҳота намудааст, боварӣ кардан ба мавҷудияти ҷонҳо ва рӯҳҳост.



**Маросими омодагӣ ба шикор**

Одамони қадима ба амал овардани ин ё он чизу чора ё худ ба бартараф кардани балову қазо қодир будани онҳо ҳам эътиқод кардаанд. Эътиқоди мазкур номи *фетишизмро* гирифтааст.

Ёфт гардидани суратҳои харсангҳои мутааллиқи зинаи охирини палеолит дар одамони аз ҳама қадима мавҷуд будани эътиқоди диниро маълум месозад ва яке аз далелҳо мебошад. Ин қабил расмҳои аз ҳама қадима аз Алтамири Испониё, Ласкои Фаронса ва Кароваи Бошқирдистон ёфт шудаанд.

Одамон дар шикори минбаъда ба онҳо кӯмак расондани расмҳо боварӣ ҳосил кардаанд. Дар шафати расмҳо ба ҳаракати ҳайвонот тақлид намуда, манзараҳои шикорро тасаввур карда, найзағуррониро машқ намудаанд.



**Мусаввири қадима**

Расмҳои қадимаи харсангҳо ҳуҷҷати қиматбаҳои таърихист. Онҳо аз хусуси чӣ фикр кардани инсон, чӣ тавр тасаввур кардани олами гирду атроф, шикор кардани кадом ҳайвонот, донистани аз кадом олоти меҳнат ва силоҳ истифода бурдани онҳо ва фаҳмонда додан кӯмак мерасонад.

Саъю кӯшиши инсон дар бобати дарки дунёи гирду атрофаш ба ривоҷи санъати қадимаи тасвирӣ ҳамчун асос хизмат кардааст.



**Расми деворҳои ғори Ласко**

> **Дар хотир доред!**
>
> Расмҳои аз ҳама қадимаи харсангҳо аз ғорҳои **Алтамири** Испониё, **Ласкои** Фаронса, **Кароваи** Бошқирдистон ёфт гарди-даанд.



**Тасвири шикор бо воситаи тиру камон**

### *Конспекти такягоҳӣ*

Эволютсияи одам

- → зинаи аввали палеолит — австралопитек; зинҷантроп; питекантроп ва синантроп
- → зинаи миёнаи палеолит → одами неандертал → Тешиктош (1938)
- → зинаи охири палеолит → кромануон
- → расмҳои аз ҳама қадима — Алтамир; Ласко; ғори Карова
- → эътиқодҳои динӣ → анимизм → фетишизм

*Савол ва супоришҳо*

1. Қиёфаи берунаи одами давраи зинаи аввали палеолитро тасвир карда диҳед.
2. Дар ҳудуди Ӯзбекистон кадом қароргоҳи давраи зинаи аввали палеолитро медонед?
3. Машғулиятҳои одами аз ҳама қадимаро дар давраи зинаи миёнаи палеолит шуморед.
4. Сабабҳои ба вуҷуд омадани муғчаҳои эътиқоди диниро номбар кунед.
5. Расмҳои аввалин дар кадом давр пайдо шудаанд?



**Мусаввирони аввалин**

## § 3. Ҷамоатҳои авлодӣ



Оғози зимистон

**Давраи зинаи охирини палеолит**

Дар давраи охирини палеолит **(40-12 ҳазор сол пеш аз мелод)** бисёр воқеаҳо рӯй додаанд. Дар ин давра техникаи коркарди санг ва усулҳои сохтани олотҳои меҳнат такмил ёфт. Худи одам ҳам, қиёфаи берунаи он ҳам тағйир меёфт. Дар давраи мазкур одами қиёфаи имрӯза — одами кромануон ҳаёт ба сар мебурд.

Қароргоҳҳои одами давраи анҷоми зинаи палеолит аз ҳудуди шаҳри Самарқанд, аз қабати болоии маданияти қароргоҳи Кӯлбулоқи водии дарёи Оҳангарони вилояти Тошканд, ҳамчунин водии Фарғона ёфт гардидаанд.



Кромануон

Дар зинаи охирини палеолит одамон асбобу ускунаи такомулёфтаи бурранда, арракунанда ва пармакуниро сохтаанд. Инсон ба сохтани зебу зиннат – занҷирҳо, туморҳо ва ангуштарин шурӯъ намуд.

Ҳамин тавр, дар зинаи охирини палеолит инсоният дар ривоҷ боз ба як зина инкишоф ёфт. Одамон ба гурӯҳҳои ихчаме, ки аз хешовандагон таркиб ёфта буданд, *ҷамоатҳои авлодӣ* тақсим гардиданд. Аъзоёни авлод дар як манзил ҳаёт ба сар бурдаанд. Якчанд авлодҳое, ки дар як маҳал истиқомат кардаанд, қабиларо ташкил додаанд.

Сохтани манзилгоҳ ихтирои муҳими одамоне буд, ки дар зинаи охирини палеолит зиндагонӣ кардаанд. Барои тайёр кардани либосҳо пӯсти ҳайвонотро истифода бурдаанд. Инсон дар ин давр бо роҳи сунъӣ ҳосил кардани оташро (ба ҳамдигар соиш додани чӯб, ба ҳам задани сангҳои чақмоқӣ) ҳам ёд гирифт.



Шере,ки дар ғор умр ба сар бурдааст

**Давраи мезолит**

Давраи мезолит (зинаи миёнаи асри санг) тахминан аз **аввалҳои ҳазораҳои 12 – 7 то мелод** давом кардааст. Баробари оғози давраи мезолит давраи пиряххо ба анҷом расид, он боиси ниҳоят ба мӯътадилӣ омадани



**Ҷамоати авлодӣ**



**Занҷире,ки аз сангҳои ранга сохта шудааст**



**Манзили истиқоматие,ки аз устухони мамонт сохта шуааст**



**Ҷараёни оташафрӯзӣ**

иқлим ва тағйир ёфтани тарзи зиндагонии одамон гардид.

Дар давраи мезолит инсон сохтани тиру туфангро ёд гирифт. Баробари кашфи тиру туфанг ба инсон имконияти шикори ҳайвоноти тезгард ва паррандаҳо ба амал омад.

Дар зинаи охири давраи мезолит дар хона парвариш кардани ҳайвоноти ваҳшӣ оғоз ёфт. Шикорчиён сагонро ба шикор омада сохтанд. Якҷоя бо онҳо шикор кардан боиси зиёд шудани тӯъмаҳо гардид. Ҳайвоноти зинда ба даст афтода (барраҳо, бузғолаҳо, хукбачаҳо)-ро одамон накушта, он ба сифати захираҳои хӯрокӣ нигоҳ дошта мешуд.

Дар охири давраи мезолит дар Осиёи Пеш соҳаи нави **хоҷагидорӣ-зироаткорӣ** ва **чорводории ибтидоӣ** ба вуҷуд омад.

Баробари аз байн рафтани пиряхҳо ҷамоатҳои авлодӣ на танҳо дар ҳудудҳои Осиёву Африқо, балки шимолии Аврупо ҳам васеъ ҷойгир шудан гирифтанд.

Имрӯзҳо доир ба давраи мезолит дар Осиёи Миёна беш аз сад манзилгоҳ кушода шудааст. Дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳии водии Фарғона, воҳаи Тошканд, ҳамчунин дар ҷануби Ӯзбекистон ин қабил манзилгоҳҳо бештар дучор меоянд. Қароргоҳҳои Обишир, Қӯшилиш ва Мачай, ҳамчунин расмҳои харсангҳои давраи Зараутсой ниҳоят муфассал омӯхта шудаанд.



Сохтани олоти меҳнат

**Дар хотир доред!**

Хоҷагидории истеҳсолӣ — зироаткорӣ ва чорводорӣ мебошад,ки вақти тӯлонӣ авлодро бо маҳсулоти озуқавӣ таъмин кардааст. Зироаткорӣ аз термагарӣ оғоз ёфта, чорводорӣ бошад, аз шикори ҳайвон ва ёд додани ҳайвонот дар хона омада баромадааст.



Олотҳои меҳнати сангӣ. Микролитҳо

Соҳилҳои Амударё, Сирдарё, соҳилҳои кӯлу дарёҳои ҳудуди Ўзбекистон дар давраи мезолит ба масканҳое мубаддал ёфтаанд,ки шикорчиён ва моҳидорон бо ҳам ҳамроҳ гардидаанд.

**Ривоҷи зироаткорӣ ва чорводорӣ**

Дар давраи неолит — асри нави сангӣ дар хоҷагидории азхудшаванда тағйиротҳои куллӣ рӯй дод. Инсоне,ки барои аз табиат гирифтани чизҳои тайёр одат карда буд, акнун ба хоҷагидории истеҳсолӣ—зироаткорӣ ва чорводорӣ дар вилоятхои гуногуни Шарқи Кадима гузашт. Дар Осиёи Миёна давраи неолит **бо ҳазораҳои 6-4 пеш аз мелод** муайян карда мешавад. Ҳафриётшиносон оғози давраи неолитро бо кашф гардидани сохтани зарфҳои сафолин муайян мекунанд.

Дар давраҳои мезолит ва неолит одам ба сохтани олоти хурди меҳнат-микролитҳо, истифодаи усулҳои пештар номаълуми коркарди санг – суфтакунӣ, арракунӣ, рӯкашкунӣ ва пармакунии сӯрохиҳо шурӯъ намуд.

Дар давраи неолит аксари қабилаҳо ба тарзи ҳаёти муқимӣ гузашта, манзилгоҳҳои доимӣ сохтан гирифтанд. Сохтани иморатҳо аз пахса оғоз ёфт. Ба оҳистагӣ манзилгоҳҳои муқими ҷамоатҳои авлодӣ ташаккул ёфтан гирифтанд. Тарзи зиндагонии муқимӣ ва боз ҳам такмил ёфтани олотҳои меҳнат имконияти ба зироаткорӣ ва деҳқонӣ гузарондани ҷамоатҳоро фароҳам овард. Тарзи зиндагонии муқимӣ ба равоҷи ҳунармандӣ – соҳаи тайёркунии ҳар гуна мавод замина ба вуҷуд овард.

Соҳаи сохтани зарфҳо аз лойу дар оташ пазондани он-*кулолгарӣ* номида, соҳае, ки аз наху пашм либос тайёр мекунад, ҳунармандии *бофандагӣ* кашфиёт ва ихтирои муҳими давраи неолит ба ҳисоб меравад.

Аҳолии вилоятҳои ҷанубии Осиёи Миёна дар аввали ҳазорсолаҳои 6-5 то мелод ба зироаткорӣ гузашта бошанд, кишварҳои марказӣ ва шимолӣ шикору моҳидориро идома додаанд.

*Худро озмуда бинед!*

> ***Микролитҳо — ин...***
> ***Хоҷагидории истеҳсолӣ — ин...***

## *Конспекти такягоҳӣ*

### *Зинаи охирини давраи палеолит (ҳазораҳои 40 – 12 то мелод)*

- одами кромануон
- кашфи оташ
- қароргоҳҳои Самарқанд, Кӯлбулоқ (вилояти Тошканд), водии Фарғона
- ҷамоатҳои авлодӣ
- сохтани зебу зиннат, манзилгоҳҳо, олоти меҳнати бурранда, арракунанда

### *Давраи мезолит (ҳазораҳои 12 – 7 пеш аз мелод)*

- камони тирдор, омӯзондани ҳайвонот ба шароити хона
- Обишир, Қӯшилиш, Мачай, Зараутсой
- зироаткорӣ ва чорводорӣ (Осиёи Пеш)

### *Давраи неолит (ҳазораҳои 6 – 4 пеш аз мелод)*

- хоҷагии истеҳсолӣ
- микролитҳо, кулолгарӣ, бофандагӣ
- тарзи ҳаёти муқимӣ

*Савол ва супоришҳо*

1. Қиёфаи берунаи одами зинаи охирини палеолитро тасвир карда диҳед.
2. Ҷамоаи одамони аз ҳама қадима аз ҷамоати авлодӣ бо чӣ фарқ мекунанд?
3. Ихтироъҳои муҳими зинаи охирини палеолитро номбар кунед.
4. Кадом ёдгориҳои ҳафриётии давраи мезолитро медонед, ки аз ҳудуди Ӯзбекистон ёфт гардидаанд?
5. Сабабҳои асосии ба ҳудудҳои калони Осиёи Миёна кӯчбандии қабилаҳои аз ҳама қадимаро маънидод созед.
6. Давраи мезолит аз давраи палеолит бо чӣ фарқ мекунад?
7. Ихтироъҳои давраи неолитро номбар кунед.
8. Хоҷагии истеҳсолӣ аз шикорчигӣ ва моҳидорӣ бо чӣ фарқ мекунад?



**Зарфҳое,ки аз лой сохтаву дар оташ пухта шудаанд**



**Сохтани зарфи сафолин**



**Манзилгоҳҳои деҳқонон ва чорводорон дар давраи неолит**

## § 4. Зироаткорони асри энеолит ва биринҷӣ



**Зарфҳои сафолин**



**Нӯги тирҳои камон**

**Дар хотир доред!**

Энеолит **асри мис ва санг** мебошад



**Дастпонаҳои аз биринҷӣ сохташуда ва занҷири сангин (Асри XVII пеш аз мелод)**

**Хусусиятҳои асосии давраи маъдан**

Одамон дар фарҷоми давраи неолит дар байни ихтирову кашфиётҳо ба яке бузургтаринаш муяссар гардиданд, яъне ба истифодабарӣ аз мис, аз ин маъдан тайёр кардани олотҳои меҳнат ва силоҳҳо шурӯъ намуданд.

Давраи силоҳҳои аз миср сохташударо баробари истифодаи силоҳҳои аз санг сохташуда энеолит-асри мису санг номида мешавад. Давраи мазкур ба миёнаи **ҳазорсолаҳои 4—3 пеш аз мелод** рост меояд.

Силоҳи мисин нисбати силоҳи сангин бартарият дошта бошад ҳам, вале он қадар васеъ паҳн нагардид. Одамон баъди мисро ба қалъагӣ, қӯрғошим ё ки рух омехта гудохтан маъдан силоҳи сангинро танг карда баромад. Сипас маъдани сунъии нисбати мис мустаҳкам васеъ паҳн гардид.

Рушди маъдангудозӣ ба маданияти моддӣ ва маънавии одамон таъсири калон расонд. Дар ҳазораи 4 пеш аз мелод дар Шарқи қадима аввалин шаҳру давлатҳо пайдо гардиданд. Дар ҷануби Осиёи Миёна зироаткории обӣ ба вуҷуд омада, аз хишти хом ба сохтани манзилгоҳи бисёрҳуҷрадор шурӯъ намуданд, барои пухтани зарфҳо аз хумдонҳои кулолгарӣ истифода бурданд. Зарфҳои сафолин бо тасвирҳои ҳайвоноту парранда ва нақшҳои рустанӣ (баргҳо, гулҳо) оро дода шудаанд

Биринҷӣ азбаски нисбат ба мис сахт буд, дар мобайни **ҳазорсолаи 3 пеш аз мелод** ба оҳистагӣ дар сохтани олотҳои меҳнат, силоҳу аслиҳа ва зебу зиннатҳо ба маъдани асосӣ мубаддал ёфт.

Одамоне, ки соҳиби силоҳҳои меҳнатӣ аз биринҷӣ буданд, ба саҳро акнун дуруст коркард мегузаронданд ва имконияти васеъ кардани

киштзорро ба даст оварданд. Оқибат, дар ихтиёри онҳо маҳсулоти зиёдатим кишоварзӣ ба вуҷуд омад, чорводорӣ ба оҳистагӣ аз кишоварзӣ ҷудо шудан гирифт.

**Оғози патриархат**

Дар давраи зиёди таърихӣ дар ҷамоаи авлодӣ бисёр корҳо дар зиммаи бонувон (тарбияи бачагон, тайёркунии хӯрок, либос, тозакунии пӯсти ҳайвонот) буда, мавқеи онон, алалхусус занони кӯҳансол нисбати мардон баланд буд. Ҳамин ки заминро ронда зироаткорӣ кардан, бо чорводорӣ ва ҳунармандӣ машғул гардидан, оиларо бо маводи зарурӣ таъмин кардан ба дасти мардон гузашт, бонувон барои хоҷагии хонадон ғамхорӣ мекардагӣ шуданд. Акнун дар оилаи авлодӣ мардон мавқеи муҳимро ишғол мекарданд. Ақрабогӣ бо номи мардон муқаррар мегардидагӣ шуд ва давраи патриархат оғоз ёфт. Оила аз якчанд авлоди хешовандони ба падар наздик ташкил меёфт.

**Манзилҳои деҳқонони давраи бринҷӣ**

Яке аз манзилҳои қадимаи деҳқонон дар қарибии кӯли Замонбобои ҳавзаи За-рафшон ёфт гардидааст. Манзилгоҳҳои қадимаи кишоварзӣ аз Хоразм ҳам ёфт гардидаанд.

Ҳафриётчиён дар наздикии Шерободи вилояти Сурхондарё яке аз қароргоҳҳои қадимаи зироаткорони **Сополитеппаро** ёфтанд. Дар давоми корҳои ҳафриётӣ дар ин ҷо манзилгоҳ, иморатҳои похсагини иборат аз хонаҳои таъиноти маишӣ ва ҳоҷагӣ, чизу чораи сафолин, олотҳои меҳнатие, ки аз биринҷӣ сохта шудаанд, боқимондаҳои устохонаҳои заргарӣ, ҳамчунин гандуму ҷави дар хумҳои калон маҳфузбударо ёфтанд.

Аз ин сеюмин ҳазор сол муқаддам дар воҳаи Сурхон дар ҷои ҳозираи Шеробод манзилгоҳи **Ҷарқӯтон** ба вуҷуд омада буд. Дар таърихи сохтмони қароргоҳи Ҷарқӯтон аломатҳои аввалини

**Дар хотир доред!**

Оилаи патриархал — оилаест,ки аз ҷониби якчанд авлоди ақрабои наздики ҷониби падар ташкил ёфтааст.



**Тумори сангине,ки дар он морон тасвир ёфтаанд. Ҳазораи 2 пеш аз мелод**



**Дастпонаи биринҷӣ. Асри XII пеш аз мелод**

Дар хотир доред!

*Замонбобо* — қароргоҳи қадимаи чорводорон ва деҳқононест,ки дар ҳазораи 2 пеш аз мелод дар соҳилҳои кӯли Замонбобои ноҳияи Қарокӯли вилояти Бухоро зиндагонӣ кардаанд.

шаҳр ба чашм намудор мегардад. Ҷарқӯтон ба ду қисм тақсим гардида буд: қаср ва хонадони аъзоёни ҷамоат, ҳунармандон ва тоҷирон. Дар даруни қаср ибодатхона будааст.

Аҳолии манзилгоҳи давраи биринҷӣ дар рушди ҳунармандии ҳархела, бофандагӣ, кулолгарӣ, сохтани зебу зиннатҳо, соҳаи бинокорӣ ба комёбиҳои калон муваффақ гардидаанд. Дар давраи биринҷӣ одамон *чархи кулолгарӣ* ва *гилдирак* (чарх)-ро кашф намудаанд. Ҳамин тавр, воситаҳои ба пеш ҳаракат кардан ба вуҷуд омадаанд.



**Кофтуковҳои манзилгоҳи Ҷарқӯтон**

**Дар хотир доред!**

*Сополитеппа* — манзилгоҳи деҳқонон дар садаи биринҷӣ дар ҷануби Ӯзбекистон (ҳазораи 2 пеш аз мелод).



**Зарфи сафолини бо нақшу нигор орододашуда**



**Оинаҳои мисин. Манзилгоҳи Замонбобо**

## *Конспекти такягоҳӣ*

***Давраи энеолит (ҳазораи 4 пеш аз мелод-миёнаи ҳазораи 3)***

- → кишоварзии обӣ (обёрии сунъӣ)
- → олоти меҳнати мисин
- → хонаҳои бисёрхуҷрадор
- → давлатҳо ва шаҳрҳои аввалини Шарқ

***Давраи биринҷӣ (ҳазораи 3 пеш аз мелод-миёнаи ҳазораи 2)***

- → патриархат
- → Замонбобо, Сополитеппа, Ҷарқӯтон
- → чархи кулолгарӣ, ғилдирак (чарх)
- → ибодатхона

*Савол ва супоришҳо*

1. Фарқи асосии давраи энеолитро аз давраи неолит гӯед.
2. Ба фикри шумо кашфи мис чӣ тавр рӯй додааст?
3. Мис аз биринҷӣ бо чӣ фарқ мекунад?
4. Чаро ҷараёни гузариш аз матриархат ба патриархат содир гардид?
5. Аз хусуси манзилгоҳҳои деҳқонон дар давраи биринҷӣ нақл кунед.
6. Деҳқонон ҳангоми сохтани истиқоматгоҳ аз кадом маъдан истифода бурдаанд?

## § 5. Рушди Осиёи Миёна дар давраи гузариш ба асри оҳан

**Истифода аз оҳан**

Аз вақте ки одам аз мис ва биринҷӣ сохтани олотҳои меҳнатро ёд гирифт, чандин асрҳо гузашт. Танҳо **дар аввалҳои ҳазорсолаи I пеш аз мелод** имконияти аз оҳан сохтани олоти меҳнат фароҳам омад. Ҷараёни мазкур албатта сермеҳнат буд, чунки оҳан нисбат ба мис дида дар ҳарорати баланд гудохта шудааст (1500°). Аммо оҳан нисбат ба мис, биринҷӣ дида ба як қатор афзалият молик буд: оҳан аз онҳо сахттар буд.

Аз оҳан аввалин шуда дар Осиёи Сағир хеттҳо (асрҳои XIV-XIII пеш аз мелод), баъд халқҳои мамлакатҳои ҳамсоя (Месопотамия, Эрон, Паси Қафқоз) истифода бурдаанд. Паҳншавии маводҳо аз оҳан ба оҳистагӣ сурат гирифтааст. Ҳарчанд оҳан филизоти нодиру қиматбаҳо набошад ҳам, аз он ба сифати ашёи зебу зиннатӣ истифода бурдаанд. Ҳамин қабил нақшҳо аз мақбараи *Тутанхамон* — фиръавни Миср ва ёдгориҳои қасри Майкопи Қафқоз ёфт шудаанд.



Оҳангарони қадима



Зарфҳои сафолин

**Дар хотир доред!**

Аз оҳан аввалин шуда дар Осиёи Сағир хеттҳо (асрҳои XIV–XIII пеш аз мелод), баъд халқҳои мамлакатҳои ҳамсояи Месопотамия, Эрон, паси Кафқоз истифода бурдаанд.



**Деги биринҷӣ (Асри VI–V пеш аз мелод)**

Барои тайёркунии олоти меҳнат истифодабарии оҳан сараввал ба рушди техникаи деҳқонӣ таъсир гузошт. Омочҳои нӯгашон оҳанин, табарҳои оҳанин ва омочҳои оҳанин пайдо шуданд. Олотҳои меҳнати мазкур ба ривоҷи зироаткорӣ дар майдонҳои калон имконият фароҳам овард. Силоҳҳои аз ҳама қадимаи оҳанин дар Осиёи Миёна ёфтгардида мутааллиқи асрҳои IX–VIII мелодӣ бошанд ҳам, бисёрии онҳо мансуби садаҳои VII–VI то мелоданд.

Фарқ нисбат ба Аврупо дар Шарқ деҳқонӣ ба обёрии сунъӣ такя мекарду дар ҳамин поя инкишоф меёфт. Боғҳои саросар пур аз гулҳо ва саҳроҳои серҳосил тавассути обе нашъунамо доштанд, ки аз анҳору ҷӯйҳои Шарқ ҷорӣ мегардиду саҳроҳо аз онҳо баҳра мебардоштанд.

**Дар хотир доред!**

Демократияи ҳарбӣ дар давраи гузариш ба давлатдории аввалин шакли идоракуниест,ки ба қабила сардорони ҳарбӣ роҳбарӣ кардаанд.

**Сохтори иҷтимоӣ**

Васеъ паҳн гардидани олотҳои меҳнати оҳанин ҳосилнокии меҳнатро баланд бардошт. Он барои боз ҳам инкишоф ёфтану гузаштан ба усулҳои истеҳсолӣ заминаро ба вуҷуд овард. Ҷои ҷамоати авлодиро *ҷамоати хешовандии ҳудудӣ* ишғол кардан гирифт.

Таъсири оқсақолони қабилаву авлод пурзӯр гардид. Дар шароити бархӯрдҳои доимии ҳарбӣ иттифоқҳои қабилаҳо пайдо шуданд. Бо ин иттифоқҳо одамони аз сардорони ҳарбӣ интихобгардида роҳбарӣ карданд, ҷамъият бошад, асосан мувофиқи қоидаҳои *демократияи* ҳарбӣ зиндагонӣ ба сар мебурд.



**Нӯги оҳанини тирҳои камон**

Дар аввалҳои ҳазораи I пеш аз мелод аҳолии Осиёи Миёна ба чор гурӯҳ тақсим гардида буд: коҳинҳо, ҷанговарон, деҳқонон, ҳунармандон.

Аз “Авасто” дониста мегирем, ки дар Осиёи Миёна асоси ҷамъият “нмана” номида шуда, оилаи калони патриархалӣ мавҷуд будааст. Якчанд “нманаҳо” ҷамоати авлодӣ — “вис”-ро ташкил додаанд. Ҷамоаи ҳудудии ҳамсоягӣ “варзана” номида шудааст. Ҷамоати авлодии ҳудудӣ бошад, ба “занту” муттаҳид

гардидааст. Барои ҳимоя кардани ҳудуди худ якчанд иттифоқи қабилаҳо—ба “дахъуӣ” муттаҳид гардидаанд. Мувофиқи “Авасто” чунин низоми идоракунии ҷамъият мавҷуд будааст:

♦ “шӯрои оқсақолон;
♦ маҷлиси мардумӣ;
♦ ҳукмдорони ноҳияҳои алоҳида;
♦ ҳукмдорони вилоятҳо.

Аҳолӣ аз рӯи авлод ва қабила не, балки мувофиқи таомили ҳудудӣ ба гурӯҳҳо ҷудо гардида, аломати муҳими давлатӣ дар асрҳои IX–VIII пеш аз мелод дар Осиёи Миёна гардидаанд, ки ба вуҷуд меомад.

**Дар хотир доред!**

Тараққиёти сохтори иҷтимоӣ: **тӯдаи ибтидоӣ → авлод → қабила → иттифоқи қабилаҳо.**



**Корди оҳанин. Асрҳои VII–VI пеш аз мелод**

### *Конспекти такягоҳӣ*

→ Асрҳои XIV–XIII пеш аз мелод — хеттҳо (дар Осиёи Сағир) аввалин шуда ба тайёркунии олоти меҳнат аз оҳан шурӯъ кардаанд.
→ Тайёркунии силоҳҳои аввалини меҳнатие, ки дар Осиёи Миёна аз оҳан сохта шудаанд — ҳазораи IX–VIII пеш аз мелод.
→ ҷамоати авлодӣ – ҷамоати ҳамсоягон
→ гузаштан ба демократияи ҳарбӣ
→ “Авасто”: нмана, вис, варзана, занту, дахъуӣ
→ дар асрҳои IX–VIII пеш аз мелод дар ҳудуди Осиёи Миёна иттифоқҳои аввалини давлатҳо ба вуҷуд омаданд.



**Ханҷар ва қине,ки аз оҳан сохта шудааст. Ҳазораи I пеш аз мелод**

*Савол ва супоришҳо*

1. Истифода аз маводи оҳан кай оғоз ёфтааст?
2. Оғозёбии сохтани олоти меҳнат аз оҳан дар ҷамъият ба кадом тағйиротҳо оварда расонд?
3. Дар “Авасто” оилаи патриархал, ҷамоати авлодӣ, ҷамоати авлодии ҳудудӣ ва қабила чӣ тавр номгузорӣ шудааст?
4. Ҳангоми ба вуҷуд омадани давлати аввалин аз хусуси низоми идораи ҷамъият ҳарф занед.
5. Ба вуҷуд омадани иттиҳоди давлатҳои аввалин ба кадом омил вобаста аст?



# ФАСЛИ II

# ШАРҚИ ҚАДИМА ВА ОСИЁИ МИЁНА

## § 6. Водии Нил ва аҳолии он



Водии Нил

**Дар хотир доред!**

Дарёи Нил охири оқибат рафта ба баҳри Миёназамин мерезад. Маҷроҳои дарёи Нилро юнониён **“делта”** номидаанд.



Дар соҳили дарёи Нил

**Миср – инъоми Нил**

Нили сероб, ки ҳамроҳи худ ҳавои салқини ҳузурбахш ва ҳосили фаровон меовард, бовиқор ҷорӣ мешавад. Дарёи бузург барои дар шимоли шарқии Африқо ба вуҷуд омадани тамаддун майдон ҳозир кардааст. Дарёи Нил,ки ҳангоми анҷомёбии худ ба чанд шохобчаҳо тақсим мегардад, охири оқибат рафта ба баҳри Миёназамин мерезад. Маҷроҳои дарёи Нилро юнониён **“делта”** номидаанд. Зеро манзараи шохобчаи пурра ба баҳр рехтаистода шакли секунҷа ё худ он ба ҳарфи “делта”- и юнониҳо монанд аст.

Водии Нил — заминҳои обёришавандаеанд, ки дар ҳар ду соҳил аз 3 то 22 километр фароҳӣ ва 6 ҳазор километр дарозиро дар бар гирифтаанд. Нил водиро аз ҳар ду тараф чун деворҳои кӯҳӣ муҳофизат мекунад, паси адирҳоро *Саҳрои Кабир* ва регзорҳои нопайдоканори дашти *Либия* оро медод. Дар ҳар ду соҳили дарё саҳроҳои серҳосили сиёҳхок сабзу хуррам гардидаанд. Водигиён ба кишвари худ “Хоки сиёҳ” ё ки инъоми Нил гуён ном гузоштаанд.

Ба ҳар хол, ҳамма вақт ин тавр нашудааст. Дар замони гузаштаи қадима водии Нил бо ботлоқзори бо папириуси ба ҳам пайваста, маскани одам нагузаранда фаро гирифта, дар об тимсоҳҳои ваҳшии беҳисоб умр бо сар бурда, дар заминҳои хушк галаи ҳайвоноти рах-рах гашта, дар батлоқзорҳо морҳои заҳрнок зиндагӣ кардаанд.

Баробари сипарӣ шудани вақт иқлим тағйир ёфтааст, об ҳам сол то сол кам гардидааст. Африқои Шимолӣ ҳам ба дашту биёбон мубаддал

ёфтааст. Одамон ба азхудкунии водӣ ва делтаи Нил шурӯъ карданд. Ҳамин тавр, зироаткорӣ ба машғулияти асосии аҳолӣ мубаддал ёфт. Дар аввалҳои **ҳазораи 4 пеш аз мелод** одамон барои азхудкунии заминҳои соҳили дарёи Нил камар бастанд.



**Водии дарёи Нил**

### Машғулиятҳои мисриён

Дар солҳое, ки дарёи Нил сероб гардида, саҳроҳоро бо об пахш кунондааст, ҳосили деҳқонони мисрӣ ҳам пурбаракат мегардид. Деҳқонони мисрӣ гандуму ҷав, ҳамчунин зироати полизӣ коштаанд, аз канаби руёндаашон газвор бофтаанд. Дар водии Нил ангур, харбуза, анор, хурмо, пиёз, бодиринг, лӯбиё барин меваву сабзавот руёндаанд

Дар замонҳои қадим заминро бо кӯмаки омоч аз нав кор кардаанд, бо даст тухмӣ пошида, барои тухмиро ба хок омехта кардан чорвои калони шохдорро аз болои замин ҳай карда мегузаштанд. Баробари такмил ёфтани олоти меҳнат аз қувваи ҳайвонот ва омоч истифода мебурдагӣ шуданд. Мисриён модагов, бузу гӯсфанд, хукро парвариш кардаанд, зироаткорон говҳоро ба кори саҳроӣ истифода бурдаанд.




**Шоҳигарии Миср**

Деҳқонони мисрӣ корҳои тухмипошӣ ва ҷамъоварии ҳосилро дар мӯҳлатҳои ғайриоддӣ ба иҷро мерасонданд. Дар ҳавои тафсони тобистон истироҳат мекарданд, тухмиро барои кишт омода месохтанд, чунки ин маҳал тамоми заминҳоро об пахш мекард. Тирамоҳ ба заминҳо тухмиро мепошиданд, барои обёрӣ каналҳо ва ҷӯйҳоро тоза мекарданд. Зеро борон ниҳоят кам меборид. Зимистон бошад, ҷамъоварии ҳосил оғоз мегардид. Хӯшаҳоро бо кӯмаки досҳои мисин даравида, сипас онро ба ҷои махсус оварда, аз болои ғарами гандум ва ҷав ҳайвонотро гузаронда, ҳосилро мекӯфтанд. Ҳосили хирманро дар хумҳои сафолин нигоҳ доштаанд. Тадбири мазкур ғалладонаро аз ҳар гуна хояндагон ҳимоя кардааст.



Савдо-тиҷорат



Тоҷи фиръавнҳои Миср



Шоҳи воломақоми Миср шоҳи поёни мисриро қатл менамояд

**Равнақи ҳунармандӣ**

Дар Мисри қадим беш аз 30 намуди касбу кори ҳунармандӣ вуҷуд доштааст. Мисгарон мисро об кунанд, оҳангарон аз он олоти меҳнат сохтаанд. Кулолон аз лой зарфу табақҳои мухталиф сохта, барои мустаҳкам шуданашон дар хумдон лойашро пухта мекарданд. Бинокорон саройҳо, ибодатхонаҳо ва хонаҳо барпо кардаанд. Хонаи мисриёни оддӣ аз пояҳои папируси бо лой андова кардашуда, маъвои ашрофзодагон бошад, аз лойи коҳ омехтагардида сохта, аз хишти дар офтоб хушккардашуда қад кашида буд. Саройҳо ва ибодатхонаҳои фиръавнҳои ҳукмдор аз санг сохта мешуданд. Устоён ва дуредгарон тиреза ва дарҳои мухталиф, мебелҳои рӯзғорбоб сохтаанд. Киштисозон аз қамиш қайиқ (заврақ), аз чӯб бошад, киштиҳо месохтанд. Бофандагон барои либос газворро омада сохтаанд, дӯзандагон либос дӯхтаанд. Заргарон аз тилло ва сангҳои қимматбаҳо ҳар гуна зебу зиннатҳо сохтаанд.

**Ташкил ёфтани давлати Миср**

Одамон дар охири ҳазораи IV пеш аз мелод ба шароиту тарзи зиндагонии сермашаққат одат кардан гирифтанд. Манзилгоҳҳои пароканда ба давлати аввалине муттаҳид гардиданд, ки “ном” ном дошт.

Баробари сипарӣ шудани вақт оҳиста-оҳиста сардорони қабилаҳо ба ҳукмдорон-подшоҳон мубаддал гардиданд, оқсақолон бошанд, дар корҳои идоракунӣ ба онҳо дасти мадад дароз намуданд. Коҳинҳо ба мавқеъ ва нуфузи алоҳида молик буданд. Онҳо маросимҳои диниро ба ҷо овар-да, пеш аз корҳои муҳим аз худоҳо мадад пурсида, илтиҷо кардаанд.

Ду подшоҳ дар Миср ҳукмронӣ кардааст: якумаш дар Мисри поёнӣ, дуюмаш дар Мисри болоӣ (ҷанубӣ). Онҳо давлати Мисрро идора намудаанд. Дар набарде, ки байни ду давлат соли **3000-уми пеш аз мелод** оғоз ёфт, ҳукмдори Мисри болоӣ Менес ғалаба карда, ҳукмдори аввалини мамлакати муттаҳид шуд, яъне *фиръавн* гардид. Шаҳри Мемфис барпо гардид,

ки барои давлати ягона ва муттаҳидгардида пойтахт гардид.

Баробари сипарӣ шудани солҳо "номҳо" молу мулки худро зиёд кардан гирифтанд, Миср боз ба давлатҳои мустақил-ба "номҳо"-и алоҳида тақсим гардид. Баробари сипарии вақт аз нав муттаҳидкунии мамлакат рӯй дод. Пойтахти ин давлат шаҳри Фива гардид.

Олимон таърихи Мисрро ба давраҳои шоҳигарии зинаи *Аввал, Қадимӣ, Миёна, Нав* ва *Охирин* тақсим кардаанд.



Нармкунин замин

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***"Ном" — ин...*** | ***Мемфис ва Фива — ин...*** |
| ***Менес — ин...*** | ***Фиръавн — ин...*** |

***Конспекти такягоҳӣ***

→ Шимоли шарқии Африқо — дар аввали ҳазораи 4 пеш аз мелод
→ Нил → делта → баҳри Миёназамин
→ "Водии Нил" — аз 3 то 22 километр фарохӣ, 6 ҳазор километр дарозӣ
→ деҳқонӣ, чорводорӣ
→ папирус — сохтмони хонаҳо
→ давлатҳо – "ном"
→ соли 3000 — уми пеш аз мелод — Мисри ягонаи муттаҳидгардида
→ пойтахт — Мемфис

**Дар хотир доред!**

Олимон таърихи Мисрро ба давраҳои шоҳигарии зинаи **Аввал, Қадимӣ, Миёна, Нав** ва **Охирин** тақсим кардаанд.

*Савол ва супоришҳо*

1. Чаро мисриён мамлакати худро "Инъоми Нил" гӯён тавсиф намудаанд?
2. Шароити табиии Мисри қадима барои чӣ ба деҳқонӣ қулай буд?
3. Аз харита Мисри қадимаро ёбед. Делтаи дарёи Нил, Мисри поёнӣ ва болоиро нишон диҳед.
4. Чаро одамон вақти зиёде ба водии Нил кӯчида наомаданд?
5. Машғулиятҳои мисриёнро номбар кунед.
6. Таърихи Мисри қадима ба кадом давраҳо тақсим гардидааст?



**Бо кӯмаки канал ва ҷуйҳо обёрикунии киштзор**

## § 7. Миср ва халқҳои ҳамсоя

Дар хотир доред!

Нубия, Ливия, Сурия ва Фаластин мамлакатҳои ҳамсояи Мисри қадима будаанд.

**Ҳамсоягони мисриёни қадим** Миср аз ҷануб бо Нубия ҳамсарҳад мебошад. Мисриён ба мамлакати мазкур саросари Нил барои ивазкунии тилло, қатрон, устухони фил, навъҳои нодири чӯб рафтаанд.

Дар ғарби Миср дар дашти Ливия бо ҳамин ном мамлакат ҷойгир шудааст. Аҳолии саҳроро чорводорони бодиянишин ташкил додааст. Дар саҳрои Арабистон ягон кас истиқомат намекард, аммо роҳи ба воситаи он гузашта ба нимҷазираҳои Синай мебурд, дар ин ҷо бошад, мисро кофта мегирифтанд. Дар шимолтари нимҷазираҳои Синай Фаластин, дар паҳлӯи он Сурия ҷойгир шуда буд. Мамлакатҳои мазкур аз кони мис ва оҳан бой, аз дигар канданиҳои фоиданок саршор буданд.

Мисриён аз Фаластин ва Сурия маводи нодири ҳунармардон сохта ва сангҳои қимматбаҳоро овардаанд.



Тахти Тутанхамон

**Истилои фиръавнҳо** Дар давраи шоҳигарии зинаи Миёна нимҷазираи Синай забт гардид. Қабилаҳои маҳаллӣ ба додани “хироҷ”ба Миср шурӯъ намуданд. Фиръавнҳо ба Нубия ва Ливия ҳам юриш ташкил карданд. Шаҳрҳояшро толону тороҷ карда, ба асирон, чорво ва дигар боигариҳо соҳибӣ намуданд. Шоҳони зинаи Миёнаи фиръавнҳо бошанд, барои ҳамроҳ кардани заминҳои Фаластини ҷанубӣ ва шимоли Нубия ба Миср муваффақ гардиданд.

Дар охирҳои асри XVIII пеш аз мелод қабилаҳои *гиксосҳои* бодиянишин ба Миср ҳуҷум оварданд. Фарқ аз қӯшунҳои пиёдагарди мисриён қувваи асосии гиксосҳоро аробаҳои сабук — аробаҳои ҷангии аспҳо кашанда ташкил додааст. Як аскар аспҳоро рондааст. Дуюмӣ аз камон ба душманон тир холӣ кардааст. Гиксосҳои Мисри поёниро забтнамуда ба шаҳру деҳоти мисриён ҳуҷум карда, одамонро ба асирӣ гирифтанд.



Ҳайкалҳои аз сафол сохташудаи ҷанговарони Мисри Қадима

Дар ин вақт шоҳигарии Миёна ба бисёр “ном”—ҳо тақсим гардида буд. Онҳо ба гиксосҳо боҷ

месупурданд. Танҳо ҳукмдори Фива ба онҳо итоат намекард.

Ҳукмдорони "ном"-ҳо, ки дар тараддуди халос шудан аз зулму истибдоди истилогарон буданд, дар атрофи шаҳри Фива муттаҳид шудан гирифтанд. Дере нагузашта тамоми "ном"-ҳои Мисри болоӣ дар атрофи фиръавни "номаш" Фива муттаҳид гардиданд. Дар чанд набард фиръавн Яхмос гиксосҳоро торумор карда, истилогаронро аз ҳудуди Миср ронд. Ҳукмдорони беҷилавро ба худ ром сохта, Яхмос ба асосгузори сулолаи нави фиръавнҳо мубаддал ёфт, аз замони ана ҳамин фиръавн давраи шоҳигарии нав сар шуд. Дар давраи ҳукмронии Яхмос Миср ба қуллаи баланди қувваву қудрат расид.

**Дар хотир доред!**

Фиръавн Яхмос гигсосҳоро торумор карда, истилогаронро аз ҳудуди Миср ронд. Яхмос ба асосгузори сусолаи нави фиръавнҳо тадбил ёфт ва давраи нави шоҳигарӣ оғоз ёфт.

**Натиҷаҳои юришҳои фиръавнҳо**

Ҳукмдорони шоҳигарии нав мамлакати худро озод намуда, муборизаро бо давлатҳои ҳамсоя акнун ба сифати истилогар давом доданд. Лашкари худро бо шамшерҳо ва табарзинҳо (табарҳои ҷанговаронаи дастаашон дароз), ҳамчунин бо аробаҳои ҷангӣ таъмин карда, фиръавнҳо ҳуҷумро ба мамлакат-ҳои Нубия ва Осиёи Пеш сар намуданд.

Баъди чанд юриш фиръавнҳо Нубияро саросар ба Миср ҳамроҳ карда гирифтанд. Қабилаҳои Ливияро барои супурдани боҷ маҷбур сохтанд. Дар **солҳои 1500-уми пеш аз мелод** фиръавн Тутмос II ба ташкил кардани юришҳои калон муваффақ гардид. Истилои Фаластин ва Сурия оғоз ёфт, дар юришҳое, ки чандин даҳсолаҳо идома ёфтанд, қабилаҳои озодидӯстро пурра тобеъ кардан муяссар нагардид. Танҳо фиръавн Тутмос III барои забт кардани Фаластин муваффақ гардид.



**Ҷанговарони Тутмос III ба шаҳр ҳуҷум мекунанд**

Халқҳои мутеъгардида нисбати мисриён нафрат дошта, барои мустақилӣ ва озодии худ мубориза бурдаанд. Фаръанҳои мисрӣ чандин сол бо қабилаҳои маҳаллӣ ҷангидаанд. Он мадори мисриёнро хушк кард, давлат заиф гардид, шоҳигарии нав ҳам бо «ном»-ҳои алоҳида тақсим шуд.

**Дар хотир доред!**

Камбиз писари Кир II **соли 525-уми пеш аз мелод** Мисрро забт намуд



Шоҳи форси қадима Камбиз II, ки мисриёнро асир кардааст

Дар асри VII пеш аз мелод Миср боз дар атрофи давлати ягона муттаҳид гардида, иқтисодиёт ва маданияти мамлакат тараққӣ кард. Аммо дар асри VI пеш аз мелод ба Миср боз як душмани нав зада даромад.

Писари шоҳаншоҳ Кир II — Камбиз II, ки аз ҷумлаи форсон лашкари калонро ҷамъ оварда буд, Мисрро **соли 525-уми пеш аз мелод** забт намуд.

***Худро озмуда бинед!***

***Гиксосҳо — ин... Тутмос III — ин... Яхмос — ин...***

### Конспекти такягоҳӣ

→ Ҳамсояҳои Миср — Нибия, Ливия, Фаластин, Сурия
→ аз тарафи Миср забт гардидани мамлакатҳои ҳамсоя
→ дар асри XVIII пеш аз мелод — аз тарафи гиксосҳо забт гардидани Мисри поёнӣ
→ Яхмос → шоҳигарии нав → пеш кардани гиксосҳо
→ Тутмос II → соли 1500 пеш аз мелод → юришҳои забткорона
→ Соли 525-уми то мелод аз ҷониби шоҳи давлати Форс Камбиз II забт гардидани Миср



Ибодатхонаи Ра дар Баолбек

*Савол ва супоришҳо*

1. Давлатҳои ҳамсояи Мисри қадимаро шумуред ва аз харита нишон диҳед.
2. Фиръавнҳои Мисри қадима кадом мамлакатҳоро забт намудаанд?
3. Чаро гиксосҳои бодиянишин барои Миср ба қувваи даҳшатнок мубаддал ёфтанд?
4. Дар давраи ҳукмронии кадом фиръавн барои аз мамлакат рондани гиксосҳо муваффақ гардидаанд?
5. Ҳукмдорони шоҳигарии нав кадом ҳудудҳоро ишғол намуданд?
6. Миср кай ва аз ҷониби кӣ забт карда шудааст?

## § 8. Дини Мисри Қадим



Апис. Худои ҳосилдорӣ дар рамзи Буддо

**Худоёни мисриён** Барои аҳолии Миср дин як қисми ҷудонопазири ҳаёти рӯзмарра гардидааст. Мисриёни қадим худоён ба симои ҳайвон гузашта, дар шакли гурба, гӯсфанд, гов, шер, модагов дар байни одамон зиндагонӣ мекунад гуфта фикр мекарданд. Чанд ҷони худоёни мисрӣ будаанд: якеи

он дар ҷуссаи ҳайвон, дигараш бошад, дар ҳайкали ҳайвон зиндагонӣ мекунад гӯён тасаввурот доштанд. Дар меҳроби хонадони мисриён ҳайкалчаҳои худоён гузошта мешуданд. Коҳинҳо-рӯҳониёни ибодатхонаҳо чунин меҳисобиданд: диндорон худоёнро бо маводи инъомгардида мепарваранд.

Дар пойтахти шоҳигарии Мисри қадима Мемфис худои худ — Птах буд. Птах бошад, мувофиқи эътиқоди мисриён ҳангоми офариниши Олам номи ҳар як чизро ба одам гузоштааст. Худо бо ҳамин дараҷа пурқувват аст,ки илоҷи дар қиёфаи асл дидани он нест. Барои ҳамин ҳам қиёфаи рӯизаминии худои номаш Птах Апис буда, вай дар симои гови сиёҳи пешона ва миёнаш сафед тасаввур гардидааст. Мисриён ба худоёни худ билкулл боварӣ доштанд, пеш аз иҷрои ҳар як кор аз онҳо маслиҳату мадад ё ки розигӣ пурсидаанд.

Дар асри 2 пеш аз мелод худои Офтоб Амон-Ра ном илоҳ илоҳи асосӣ ва номуси фиръавн ҳисобида шудааст. Сараввал ду худо будааст: ҳимоятгари шаҳри Фива Амон ва худои Офтоб Ра, баъдтар ҳар ду ба як худо мубаддал гардидаанд.

Ибодатхонаи он дар Гелиопол (Баолек) буд.

Дар ин бора чунин ақидае вуҷуд дошт: фиръавнҳо писарони худои Офтоб мебошанд, ҳукмдорон тамоми корҳоро бо амри падари самовии худ ба иҷро мерасонанд.

Хапӣ — худои Нил — манбаи ягонаи ҳаёт ва посбони Миср, Асирус — худои салтанати зеризаминӣ ба ҳисоб мерафт. Мувофиқи ривоят Асирус яке аз подшоҳони аввали Миср буда, халқи худро ба деҳқонӣ ёд дода будааст. Барода-раш Сет бошад, Асирусро мекушад. Аммо завҷаи Асирус Исида ӯро мӯмиё карда, боз аз нав зинда карда будааст. Аз ҳамон вақт ба мақсади ба мар-ҳум ҷон бахшидан барои мӯмиёкунӣ ҷой ҳозир мешудааст. Харобаҳои ибодатханаи Асирус дар шаҳри Абидос то ҳол маҳфуз аст.



**Худои Офтоб Амон-Ра**



**Исида — завҷаи Асирус**



**Тот — худои Моҳ, донишмандӣ ва табобат**



**Анубис — худои махрумон, мумиё-кардашудагон**



**Маат – худои ҳақиқат, адолат**



**Хатхор – худои мусиқӣ, зебогӣ ва муҳаббат**

**Коҳинҳо ва ибодатхонаҳо** Коҳинҳо дар байни худоён ва одамон воситачигӣ кардаанд. Мувофиқи эътиқоди мисриён, мабодо дар рӯи Замин маросимҳои махсус адо карда нашавад, худоён ба одамон дасти мадад дароз намекунанд. Коҳинҳо маросимҳои диниро медонистанд, қурбониҳо мекарданд. Дар корҳои рӯзмарра ҳам бидуни иштироки коҳинҳо ягон чиз ба иҷро расонда намешуд. Коҳинҳо вақти обхезии Нил, ғалладона пошидан ва ҷамъоварии ҳосилро аниқ медонистанд. Дар тамоми "ном"-ҳо ибодатхонаҳо буданд, фиръавнҳо ба онҳо бойигариҳои зиёд, яъне заминҳоро ҳадя кардаанд. Ибодатхонаҳое, ки бахшида ба худоҳои асосӣ сохта шуданд, соҳиби мулкҳои ниҳоят калон буданд. Баъди ҳар як юришҳои ғоратгаронаи зафарнок фиръавнҳо як қисми боигарии ба даст омадаро ба ибодатхонаҳо ҳадя мекарданд.

***Худро озмуда бинед!***

| | | |
|---|---|---|
| ***Птах — ин...*** | ***Хатхор — ин...*** | ***Апис — ин...*** |
| ***Исида — ин...*** | ***Амон-Ра — ин...*** | ***Маат — ин...*** |
| ***Тот — ин...*** | ***Асирус — ин...*** | |

### *Конспекти такягоҳӣ*

- → Мисриён чунин меҳисобиданд: худоён дар байни одамон зиндагонӣ мекунанд
- → Амон-Ра
- → Птах → Апис
- → Хафӣ, Асирус, Тот, Сет, Исида, Хатхор, Анубис, Маат
- → ибодатхонаҳо → коҳинҳо → қурбонӣ кардан

*Савол ва супоришҳо*

1. Дар симои ҳайвон ба худоён эътиқод кардани мисриёнро фаҳмонда диҳед.
2. Чаро худои Офтоб худои асосии Миср ҳисобида мешудааст?
3. Монандии дини қадимаи мисриён бо эътиқоди динии одамони аз ҳама қадима дар чист?
4. Худоёни Мисри Қадимаро номбар кунед.
5. Сабаби нуфуз ва қувваву қудрати коҳинҳои Миср дар чист?

## § 9. Аҳромҳо ва мақбараҳо

**Тамоми чиз аз вақт метарсад, вақт бошад, аз аҳромҳо**

Дар давраи шоҳигарии Қадима ва Миёна аҳромҳое, ки аз ҷониби мисриён барпо карда шуданд, манзили дафни фиръавнҳо-мақбараҳо буданд. Дар давоми ҳазорсолаҳои гузашта бисёр шаҳру давлатҳо несту нобуд шуданд, ибодатхонаҳо ва саройҳо ба харобазор мубаддал ёфтанд, танҳо аҳромҳо аз вақт наметарсанд, танҳо аҳромҳо дар давоми беш аз чор ҳазор сол ҳам тағйир наёфта меистанд.


Сохтмони аҳромҳо

Аҳромҳои аз ҳама машҳур дар наздикии шаҳри Мемфиз барои се фиръавн — Хуфӣ, Хафра ва Менкаура бунёд гардидаанд. Аҳромҳои мазкур яке аз ҳафт мӯъҷизаи ҷаҳон буда, баробари ин иншооти ягонаест, ки то ҳоли ҳозир маҳфуз мебошад. Аҳроми аз ҳама калон Хуфӣ (юнониён онро Хеопс меноманд) барои вай **соли 2600 пеш аз мелод** сохта шудааст. Баландиаш 147 метр.


Намуди водии пирамидаҳои қадима

Аҳромро 2,5 миллион блокҳои сангини ҳар якеаш беш аз дунимтоннагӣ ташкил медиҳад. Сангҳо ҳамин тавр аниқ бурида ва тарошида шудаанд, ки фарохии байни онҳо аз 0,5 миллиметр ҳам зиёд нест. Дар даруни аҳром якчанд хонаҳое ҳастанд, ки бо даҳлез пайваст гардидаанд. Дар якеи онҳо тобути сангин – саркофад ҷойгир аст, ки ҷасади мумиёгардидаи фиръавн андохта шудааст.

Мисриён чунин меҳисобанд: инсон баъди вафоти худ ба олами дигар роҳ пеш мегирад, тамоми чизу чорае, ки дар ин ҳаёт истифода бурдааст, дар дунёи дигар ҳам лозим мегардад.


Ҳайкали сфинкс – «шоҳи саҳро»

Даруни даҳма бо мунoҷоту катибаҳои аз бадӣ ҳимоякунанда фаро гирифта, он барои ҳимояи фиръвн ва ҳангоми гузаштан ба ҳаёти дигар ба вай кӯмак расонданаш лозим.

Аҳромҳои бузургро ба ҳисоби миёна 20-солӣ сохтаанд, он меҳнати ниҳоят душвор буд, Аҳромро ҳайкали бузурги сфинкс – танааш шеру, сараш одам



**Тутанхамон**

посбонӣ мекунад. Ҳайкали сфинкс – "Шоҳи саҳро" аз санг сохта, баландиаш 20 метр аст.

Дар давраи шоҳигарии Нав дигар аҳромҳоро насохтанд. Фиръавнҳоро дар мақбараҳои сан-гине, ки дар кӯҳсор парма карда мешуд, дафн мекарданд. Роҳҳои даромад ба онҳоро руст карда мемонданд.

Мақбараи аз ҳама машҳур мутааллиқи фиръ- авн Тутанхамон мебошад. Боигариҳое, ки дар даруни мақбара мебошанду ба тасаввур намеғунҷанд, то замони мо расида омадаанд.



**Деворҳо ва сутунҳои ибодатхона**

**Мӯмиёкунонӣ**

Мисриёни қадим чунин меҳи-собиданд: инсон баъди вафот карданаш ба салтанати марҳумон меравад, дар ҳамон ҷо умрашро идома медиҳад. Аммо ҳаёт дар салтанати марҳумҳо, ба фикри мисриён, ба натиҷаҳои суди Асирус вобаста мебошад. Ба як паллаи тарозу дили марҳум, ба дигараш пати парранда гузошта мешавад. Мабодо паллаи тарозу баробар ояд, аз ин мебарояд, ки инсон дар ин дунё танҳо корҳои нек кардааст ва баъди вафоташ дар шароити аҷиб умрашро давом медиҳад. Мабодо, дил вазнинӣ кунад, аз ин мебарояд, ки инсон бисёр корҳои зиштро ба иҷро расондааст, ба маҳлуқони бадбашара хӯрокӣ мегардад. Барои дар назди Асирус дар қиёфаи зебо қад рост кардан мисриён ҷасади инсонро мӯмиё гардондаанд.

Одатан мӯмиёкунӣ қариб 70 рӯз давом кар-дааст. Баъди он ки ҷасад махсус аз тахти назорат мегузарад, бо бисёр газворҳо печонда, бо зебу зиннати қимматбаҳо оро дода мешавад. Ба байни газворҳо туморҳое гузошта мешуданд, ки он ба марҳум гӯё омад меоварданд. Мумиёкунонӣ фақат ба хешовандони сарватманде муяссар гардидааст, ки аз паси марҳум мондаанд.



**Асирис худои салтанати марҳумон**

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| *Аҳромҳо — ин...* | *Тобути сангин — ин...* |
| *Мӯмиёкунонӣ — ин...* | *Сфинкс — ин...* |

**Ҳайвоноти муқаддас**

Мувофиқи эътиқоди динии мисриён, худоён бисёр вақт дар симои ҳайвонот таҷассум мегарданд. Азбаски худоёни мисриён сершумор буданд, аксар ҳайвонот худо маҳсуб мегардиданд. Гурба, гӯсфанд, гов, модагов, шер, уқоб, мор ва ғайра ҳайвоноти муқаддас пиндошта мешуд.

Дар байни ҳашарот гамбуски сиёҳ ба ҳурмату эътибори алоҳида сазовор буд. Мисриён чунин меҳисобиданд: кураи Замин ҳам чун ашёи гирдогирде, ки гамбуски сиёҳ ғелонда мебарад, ба фарозиҳои Осмон мубаддал меёбад ва ҳаракат мекунад. Аз ҳамин сабаб гамбускҳои сиёҳ ёварони Офтоб ба ҳисоб мерафтанд. Ба шарафи гурбае, ки дар ҷисмаш Бастет ном илоҳа таҷассум гардидааст, идҳо ороста мешуд ва дар он тамоми аҳолии Миср иштирок менамуд. Ҳайвоноти муқаддасро чун одами вафоткарда бо мӯмиё печонида, бо иззату икром дафн менамуданд.



**Саги мӯмиёкардашуда**



**Гамбускҳое,ки муқаддас ҳисобида шудаанд**



**Бастет-худои зебоӣ дар намуди гурба**

### *Конспекти такягоҳӣ*

- → аҳромҳо — мақбараи фиръавнҳо
- → Хуфӣ → Хафра → Менкаура
- → Хуфӣ (юнонии Хеопс) — соли 2600 пеш аз мелод
- → Сфинкс
- → Тутанхамон
- → мӯмиёгардонӣ — 70 рӯз
- → Бастет — илоҳаи зебоӣ

*Савол ва супоришҳо*

1. Ҳукмдорони Мисри Қадима аҳромҳоро ба кадом мақсад барпо кардаанд?
2. “Ибораи ҳама чиз аз вақт метарсад, вақт бошад, аз аҳромҳо!”-ро чӣ тавр мефаҳмед?
3. Аҳромҳои аз ҳама машҳури Миср дар куҷо барпо гардидаанд?
4. Чаро ҳангоми дафни фиръавнҳо ба мақбараҳо чизу чораи дар ҳаёт истифода бурдаашон якҷоя гӯронда мешудаанд?
5. Марҳумон бо кадом мақсад мӯмиё карда шукдаанд?

## §§ 10 – 11. Маданияти Мисри қадим



Пайкараи хаттот

**Хат**

Хати мисриёни қадим яке аз аввалин хатҳои инсоният ба шумор меравад. Сараввал ҳар як хат дар намуди расм навишта шудааст. Аз хат барои дуоҳои ва навиштани маросимҳо истифода бурдаанд, аз ҳамин сабаб онро “муқаддас” ё худ “каломи худоён” номидаанд.

Юнониёни қадима онҳоро “иэроглифҳо” номидаанд (маънои катибаи муқаддас ба сангро ифода месозад). Хатҳо ба деворҳои мақбараҳо ва ба зери ҳайкалҳои худоён иншо гардидаанд. Барои навиштан аз санг ва сафол ҳам истифода бурдаанд.



Папирус

Алифбои мисриён аз 750 иэроглиф иборат аст. Ҳар як ҷумла дар худ чанд рамзу нишонаҳоро ифода сохтааст. Омӯзиши иэроглифҳо ниҳоят душвор сурат гирифта, саводбарорӣ ба бисёриҳо насиб намегардидааст. Иэроглифҳоро бо қилқалами қамишӣ дар папирусҳо, яъне коғази аз пояи папирус тайёргардида менавиштаанд. Рангҳои минералии мухталиф вазифаи сиёҳро адо мекардааст. Ҳангоми таълим ба порчаҳои моводи сафолин ё ки оҳаксанг навиштаанд, Одамони хушхат шахсони дорои маълумоти володараҷа ва саводхони соҳиби имтиёзот, иззату икром буданд. Фарзандони оилаҳои кашшоқ бесавод буданд, ҳунарро аз волидон омӯхтаанд.



Лавҳаи сангин

**Ошкор намудани сирри иэроглифҳо**

Олими номдори фаронсавӣ Ҷак Франсуа Шамполуон соли 1822 кашфиёти оламшумул кард: калиди хондани навиштаҷоти мисриро ёфт. Ба он катибаи як маъно доштаи бо забони мисриён ва юнонӣ дар санг тасвиргардидаи шафати шаҳрчаи Розетти наздикии шаҳри Қоҳира сабабгор гардид. Тарҷума аз забони юнонӣ ягон душворӣ наовард, матнҳоро қиёс карда, имконияти дарки ҳар яки иэроглиф фароҳам омад. Баъди ана ҳамин кашфиёт бисёр матнҳое, ки дар папирус сабт

ёфта буданд, катибаҳои деворҳои ибодатхонаҳо ва аҳромҳо баъди сукути чандинасрина "ба забон даромаданд". Муаррихон барои омӯзиши тамаддуни Мисри қадима ба манбаи муҳиму боварибахш соҳиб гардиданд. Имрӯзҳо катибаҳои Розетт дар музеи Британиёи Лондон маҳфуз аст.



Нефертитӣ — маликаи Миср

***Худро озмуда бинед!***

***Иэроглифҳо — ин... Катибаи сангии Розетт — ин...***
***Ҷ.Ф. Шамполуон — ин... Папирус — ин...***

### Ба дунё омадани донишҳои назариявӣ

Ба дунё омадан ва ривоҷ ёфтани донишҳои назариявии мисриён ба фаъолияти амалии онҳо вобаста буд. Барои зироаткорон тухмиро кай ба замин пошидан ва ҳосилро кадом вақт ҷамъ овардан хеле зарур буд. Муддатҳои мазкурро мисриён мувофиқи ҳаракати ситорагон муайян кардаанд. Ҳамин тариқ, астрономия (ситорашиносӣ), яъне фан дар хусуси ситорагон ба вуҷуд омад.



Олими ситорашинос

Ситорагонро наззора намуда, мисриён давомияти солро 365 рӯз аниқ муайян карда, аввалин шуда тақвимро офариданд, 365 рӯзро бошад, 30 рӯзӣ ба 12 моҳ тақсим карданд, 5 рӯзи зиёдатиро ба ҳисоби рӯзҳои ид баровარданд. Харитаи ҷойгузини ситораҳои аз тарафи мисриён таҳияшуда то ҳол маҳфуз аст. Мисриён дар баҳру саҳроҳо ситорагонро асос карда, роҳро муайян сохтаанд.



Асбобҳои тиббии мисриён

Ҳангоми кофтани ҷӯйҳо ва сохтани иморату иншооти дилхоҳ майдон ва ҳаҷми онро чен кардан зарур буд. Бо ҳамин васила фанни геометрия — илми ченкунии рӯи Замин ба дунё омад. Мисриён на фақат ҳисобу китоби оддии арифметикӣ, балки касрҳо, махраҷҳо ва ҳисобу китоби мураккабро ҳам дониста гирифтаанд. Фанни математика ҳам дар ҳамин поя тараққӣ намуд.



**Воҳиди ченкунӣ — “Оринҷи шоҳ”**

Барои мисриён фанне бо номи тиббиёт ошно буд. Ҳангоми ба мӯмиёгардонӣ тайёр кардани маитҳо мисриён узвҳои дохилаи одамро ҳам ба хубӣ аз бар намуда буданд. Ҳангоми муолиҷа аз омехтаҳои кабудӣ, оби маъданӣ ва намак васеъ истифода бурдаанд. Дар шаҳрҳои Миср мактабҳои махсуси таълими тиббӣ амал кардаанд.

Дар Миср воҳиди асосии ченкунӣ “оринҷ” буда, вай аз оринҷ то дохили ангуштон дарозиро ташкил медод. Азбаски дарозии дастон мухталиф буд, воҳиди ягонаи ченкунӣ таҳти унвони “оринҷи шоҳ” ҷорӣ гардид ва он ба 52,5 сантиметр баробар буд. “Оринҷи шоҳ” дар саросари мамлакат ба андоза мубаддал ёфт. Аз ин ҳам андозаи кӯтоҳи ченкунӣ истифода гардидааст. Барои ин аз кафтон ва ангуштон истифода бурдаанд.



**Соати обии Мисри қадима**

Дар Миср вақт бо кӯмаки соатҳои обӣ чен гардида, зарфи махсусе будааст, ки ба 24 шӯъба тақсим шудааст. Ҳаҷми оби аз як шӯъба ба шӯъбаи дигар ҷоришавандаро як соат ҳисобидаанд. Юнониёни қадим бисёр дастовардҳои соҳаи математика, меъморӣ, тиббиёт ва дигар соҳаҳоро аз мисриён омӯхтаанд

### Адабиёт

Хати мисриён ҳамин қадар мураккаб буд, ки шахси дилхоҳ онро аз худ карда наметавонист. Лекин ба туфайли меҳнати хаттотон, ки кори асосиашон навиштан ва хондани матнҳо буд, асарҳои бадеии мисриён то замони мо расида омадаанд.



**Асирус – ҳукмдори дунёи марҳумон**

Қиссаву афсонаҳо, асотирҳо, мадҳияву қасидаҳо дар хусуси худоён ва подшоҳон дар Миср васеъ паҳн гардида буд. Дар аксарият асарҳо ҳодисаҳои воқеӣ бо воқеаҳои бофта якҷоя карда баён шудаанд. Ба саъю кӯшиши одамон худоён ҳамроҳ мешаванд, некӣ аз болои бадӣ ғалаба мекунад. Масалан, “Афсона дар бораи ду бародар”, “Афсона дар бораи шоҳзодаи марг”, афсонаҳо дар бораи Исида ва Асирус, “Ҳикояи Синухет” барин асарҳои бадеӣ машҳур будаанд.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- → Иэроглифҳо — 750-то — “каломи худоҳо”, катибаҳои илоҳӣ
- → папирус
- → Ҷак Франсуа Шамполуон (1822)
- → Катибаи сангии Розетт — забонҳои қадимаи мисрӣ ва юнонӣ
- → астрономия → тақвим
- → Геометрия
- → Математика
- → Тиббиёт
- → Қиссаву афсонаҳо, мифҳо



**Худо Сет ҳангоми тантана дар ҳузури Асирус**

*Савол ва супоришҳо*

1. Хусусияти ба худ хоси хати қадимаи мисрӣ дар чист?
2. Чаро мисриён иэроглифҳоро “каломи муқаддас” номидаанд?
3. Кӣ ба хондани хати мисрӣ муваффақ гардидааст? Чӣ тавр?
4. Ба фикри шумо чаро фанҳо ба вуҷуд омадаанд?
5. Муваффақиятҳоеро, ки мисриён дар соҳаи фан ба даст овардаанд, номбар кунед.
6. Ба фикри шумо коҳинҳо – сарварони сохтмони аҳромҳо соҳиби чӣ гуна дониш буданд?

## § 12. Тамаддуни Месопотамия



**Зарфҳои сафолини Шумер**

**Шароити табиӣ ва аҳолиаш** Водиеро, ки дар байни дарёҳои Даҷла ва Фурот ҷойгир буд, юнониён Месопотамия номидаанд. Тарҷумаи ин истилоҳ байни ду наҳр ё худ маънои Байнаннаҳрайнро ифода месозад. Одамон ба Месопотамия замонҳои қадим кӯчида омада буданд

Дарёҳои Месопотамия мунтазам аз соҳили худ баромада, обхезиро ба вуҷуд меоварданд, Оби лойолуди иборат аз хоки гуногун ва ҷинсҳои кӯҳиро оварда, заминро озуқонидаанд. Аз ин рӯ заминҳои Месопотамия барои коркард қулай, серҳосил буданд. Зимистон пайваста борон борида, обхезӣ сар мезад. Аз ҳамин сабаб дар Месопотамия яке аз афсонаҳои аз ҳама қадимаи ҷаҳон-*ривояти Тӯфон* оиди саросари заминро пахш кардани об ба дунё омадааст.



**Котиб дар сари кор**



**Дарахти хурмо – “Дарахти ҳаёт”**

Дарахти хурморо аҳли Месопотамия “дарахти ҳаёт” номидаанд. Як бех дарахт то 50 килограмм ҳосил додааст. Аз меваи хурмо равғани шабеҳи асалро гирифтаанд. Пояи дарахт ба сифати сӯзишворӣ истифода гардидааст. Барои парвариши чорвои калони шохдор мавриди истифода қарор додаанд. Дар устохонаҳои оҳангарӣ ба сифати сӯзишворӣ истифода гардидааст. Месопотамиён аз похсаву хишти хом манзилҳо сохтаанд.

**Дар хотир доред!**
Дар ҳазораи 4 пеш аз мелод дар Месопотамия қароргоҳҳои **шумерҳо** ба вуҷуд омад. Онҳо дар Месопотамияи ҷанубӣ ҷойгир гашта, ин кишварро **Шумер** номиданд. Дар қисми шимолии мамлакат,ки **Аккад** ном дошт, бодиянишинҳои чорводор **аккадҳо** ҷойгир шуданд.

**Дар ҳазораи 4 пеш аз мелод** дар Месопотамия қароргоҳҳои шумерҳо ба вуҷуд омад. Онҳо дар Месопотамияи ҷанубӣ ҷойгир гашта, ин кишварро Шумер номиданд. Дар қисми шимолии мамлакат, ки Аккад ном дошт, бодиянишинҳои чорводор – аккадҳо ҷойгир гардида буданд. Дар охири ҳазораи 3 пеш аз мелод аккадҳо,ки бо шумерҳо омехта гардиданд, тамоми Месопотамияро забт карданд.

**Машғулияти асосии аҳолии Месопотамия**

Машғулияти асосии аҳолии Месопотамия деҳқонӣ буд. Ҳангоми обхезии ҳарсола дарёҳои Даҷла ва Фурот ҳамроҳи об ба саҳроҳо омехтаи лойолудро меоварданд.

Дар Месопотамия ҷӯб, санг, маъдан барин маводи зарурӣ барои хоҷагидорӣ набуд, вале ғалла фаровон руёнда шуда, саршумори чорво ниҳоят зиёд буд. Аз ҳамин сабаб аҳолии Месопотамия бо савдову тиҷорат ҳам машғул гардидаанд. Аз кишварҳои ҳамсояи паси Қафқоз ва Эрон ба ивази ғалладона тилло, мис, нуқра, қалъагӣ ва сангҳои нодирро овардаанд. Аз Сурия ҷӯби дарахти кедр меомад. Корҳои тиҷоратӣ ба воситаи роҳҳои об ва хушкӣ ба иҷро расидаанд.



**Шумерҳои қадима**

***Худро озмуда бинед!***

***Шумер — ин...*** ***Аккад — ин...***




**Месопотамия**



**Хати мехӣ**



**Шаҳри Ури Шумер**

Дар Месопотамия бо маҳсулотҳову маводи мухталифи ҳунармандӣ тиҷорат мекардаанд. Маводи филизӣ, зебу зиннатҳо, силоҳу аслиҳа, маҳсулоти кулолгарӣ махсусан қадру қимати калон дошт. Дар савдо аз тангаҳои маъдании ранги нуқра дошта васеъ истифода бурдаанд. Ченаки вазнинӣ дар Месопотамия "мино" ба ҳисоб рафта, ба нуқраи 550-грамма баробар буд.

**Дар ҳазораи 4 пеш аз мелод** шумерҳо хати аз ҳама қадима — хати мехиро ихтироъ намуданд Шумерҳо бо асочаҳои нӯгтез ба болои тахтаҳо хат навиштаанд. Шумерҳо бинокорон ва ҳунармандони донишманду соҳибтаҷриба будаанд. Санъати заргарӣ дар байни шумерҳо ба дараҷаи олӣ расидааст. Устоёни гулдаст аз тилло ва нуқра ҳар гуна зебу зиннатҳо сохтаанд.

**Шаҳр — давлатҳо**

Баробари гузаштани вақт ба оҳистагӣ манзилгоҳҳо доманадор гашта, дар охири ҳазораи 4 пеш аз мелод дар Месопотамия *Урук, Умма, Лагаш, Ур* ва дигар шаҳрҳо ба вуҷуд омаданд. Онҳо шаҳр-давлатҳо номида шуда, аз худи шаҳрҳо ва ноҳияҳои зироаткории ба онҳо ҳамсоя иборат буданд. Ҳар як ҳукмдори шаҳр худои олӣ-ҳимоятгари шаҳр ҳисобида мешуд. Аз номи худо коҳинҳо ҳукмронӣ карда, ибодатхонаи худоҳо маркази ҳокимияти давлат ба ҳисоб мерафт. Ибодатхонаҳои

**Дар хотир доред!**

Дар охирҳои ҳазораи 4 пеш аз мелод дар Месопотамия **Урук, Умма, Лагаш, Ур** барин шаҳрҳо ба вуҷуд омаданд. Онҳо **шаҳрҳо-давлатҳо** номида шудаанд.

қадимаи Месопотамия-зиккуратҳо аз хишти хом сохта шуда, дар намуди иншооти мустаҳкам буд.

Худои офтоб Шамаш илоҳи сазовори эътибори алоҳида буд, ҳаками олӣ ба ҳисоб мерафт. Шумерҳо инчунин ба худои моҳ Сина, худои об Еа, илоҳаи ҳосилдорӣ, муҳаббат, ҷанг ва ғалаба Иштар саҷда кардаанд.



Иштар-худои ҳосилдорӣ, муҳаббат ва ҷанг

Ба шаҳр-давлатҳо ҳукмдор сарварӣ мекард. Дар ҳазораи 3 пеш мелод дар байни шаҳрҳои Месопотамия аз ҳама пурқудраташ шаҳри Ур буд. Бозёфтҳое, ки ҳафриётшиносон аз қабрҳои подшоҳон ёфтаанд, аз қувваву қудрати шаҳри Ур гувоҳӣ медиҳанд. Онҳо маводҳои тиллогин, силоҳу аслиҳа ва зарфҳои нуқрагинанд.

Дар Месопотамия мулкҳои калон дар зери тасарруфи ҳукмдорон ва коҳинон буд. Дар саҳро ғуломон ва коркунони кирояи озод кор менамуданд. Аҳолие,ки дар атрофи шаҳр истиқомат мекарданд, заминҳои хурд доштанд. Бенавоён ба мақсади бонӣ кардани оилаи хеш дар заминҳои подшоҳон ва мулкдорон меҳнат мекарданд.

Дар мобайни ҳазораи 3 пеш аз мелод давлати Лагаш ба вуҷуд омад. Бисёр шаҳрҳои Шумер ва Аккад ба Лагаш ҳамроҳ гардиданд. Шаҳрҳои Шумер бо деворҳои муҳофизатӣ иҳота гардида буданд. Кӯчаҳое,ки аз дарвозаи асосии шаҳр оғоз мeёфтанд, то майдони марказӣ, ибодатхона ва сарои ҳукмдор тӯл мекашид. Сохтмон аз санг, хиштҳои хом ва пухта ба ҷо оварда мешуд. Ибодатхонаҳои Лагаш бо ҳайкалҳои худоён ва қаҳрамонон зеб дода шуда буд. Дар ҳавзи ибодатхона моҳиҳо шино, кабӯтарҳо дар боғ зиндагонӣ, ҳамчунин тамошогоҳе барпо гардида буд, ки дар он ҷо ҳайвонот ва паррандаҳо умргузаронӣ мекарданд.



Шоҳи шаҳри Урук – Гилгамиш

Ҳангоми набард аҳолии шаҳр сардорро ин-тихоб мекард. Бо мурури вақт нуфузи онҳо хеле афзуда, сардорон мунтазам ҳукмронӣ кардан гирифтанд.

Онҳоро подшоҳон ном мебурданд. Подшоҳ шаҳр—давлатро бо кӯмаки ашрофон, коҳинҳо такя ба қӯшунҳои ҳарбӣ ва амалдорон идора мекард.

**Ривоят дар ҳаққи Гилгамиш**

Қаҳрамони аз ҳама дӯстдоштаи месопотамагиён Гилгамиш – подшоҳи шаҳри Урук буд, ҳаёташ баъдтар аз афсонаҳо саршор гардид.

Аз афсона маълум мегардад, ки баъди ба дунё омадани Гилгамиш ҳукмдори мамлакат бобояш аз тахтро аз вай кашида гирифтани наберааш ба тарсу ваҳм афтода, фармон медиҳад,ки ӯро ба ҷарие партоянд. Кӯдаки ба қаъри ҷар рафтаистодаро уқоб дошта мегираду онро ба як боғбон бурда месупорад. Боғбон Гилгамишро бо меҳру муҳаббат парвариш ва тарбия менамояд. Вақте ки ба балоғат мерасад, Гилгамиш ҳокимиятро аз бобояш кашида мегирад, ба идоракунии шаҳри Урук шурӯъ менамояд. Гилгамиш бо Энкиди ном паҳлавон риштаи дӯстӣ мепайвандад. Якҷоя шуда ба муқобили махлуқоти зишт мубориза мебаранд, барои ин худоҳо Энкидиро ҷазо медиҳанд ва қаҳрамон қазо менамояд. Барои ба ҳаёти боқӣ мушарраф гардидан Гилгамиш гиёҳи сеҳрнокро аз қаъри баҳр ҷустуҷӯ мекунад, барои ба халқи худ ба ҳам дидани он қарор менамояд. Аммо ҳангоми бозгашт вақти бо як даст оббозӣ кардан бӯи гулро мор ҳис менамояд ва меҳригиёҳро медуздад. Аз ҳамон вақт мувофиқи афсонаҳо морон ҳар сол пӯсти худро иваз мекунанд. Гилгамиш бошад, дарк мекунад, ки деворҳои шаҳри ҷонаҷонаш ӯро халос мекунад, корҳои некаш бошад, ӯро абадзинда мегардонад.

**Рушди Аккад**

Шаҳр — давлатҳо бо якдигар бетанаффус ҷангу ҷидол мекарданд. Дар натиҷаи ана ҳамин набардҳо Саргон I подшоҳи тамоми Шумерҳо шуд. **Дар нимаи дуюми ҳазораи 3 пеш аз мелод** вай шаҳрҳои Шумер, Аккадро дар зери ҳокимияти худ муттаҳид месозад. Ба



**Зиккурати (ибодатхонаи) калони Ур**

**Дар хотир доред!**

Қаҳрамони аз ҳама дӯстдоштаи месопотамагиён **Гилгамиш** аст. Ӯ подшоҳи шаҳри Урук буд, ҳаёташ баъдтар аз афсонаҳо саршор гардид.



**Бӯи гулро мор ҳис мекунад. Расм доир ба афсонаи Гилгамиш**



**Шоҳи Шумер-Аккад-Саргон I**

мақсади савдову тиҷорат барои тамоми шаҳрҳо андозаи ягонаи дарозӣ, майдон ва вазнро ҷорӣ намуд. Дар таърихи ҷаҳон аввалин бор қӯшуни мунтазамонаро ташкил намуд. Лашкари мазкур аз 5400 нафар ҷанговар иборат буда, минбаъд Саргон бисёр шаҳру мамлакатҳоро забт намуда, ба лашкари ниҳоят калон асос мегузорад. Саргон аз Месопотамия то Арабистон, Эрон ва Ҳиндустон рафта, тамоми роҳҳои баҳрии савдоро ишғол менамояд. Дар фарҷоми ҳукмдории худ Саргон I унвони "Подшоҳи мамлакати чор иқлим"-ро гирифтааст. Давлати ягона вақти тӯлонӣ арзи амал накард. Баъди вафоти Саргон дар натиҷаи муборизаи байниҳамдигарӣ ба бисёр шаҳр — давлатҳо тақсим гардид. **Дар ҳазораи 2 пеш аз мелод** давлати Шумер — Аккад аз зарби қабилаҳои бодиянишин пора-пора гардид.

## *Конспекти такягоҳӣ*

- → Месопотамия → байни дарёҳои Даҷла ва Фурот аст
- → Дар ҳазораи 4 пеш аз мелод → дар ҷануб шумерҳо, дар
- → шимол аккадҳо
- → деҳқонӣ, ҳунармандӣ ва савдо-тиҷорат
- → шаҳрҳои — Урук, Умма, Лагаш, Ур
- → зиккуратҳо — ибодатхонаҳо
- → худоҳо – Шамаш, Сина, Еа, Иштар
- → Гилгамиш — подшоҳи Урук
- → Саргон I — подшоҳи Шумер
- → дар ҳазораи 2 пеш аз мелод сарнагуншавии давлати Шумер-Аккад

**Дар хотир доред!**

Шоҳ **Саргон I** дар нимаи дуюми ҳазораи 3 пеш аз мелод шаҳрҳои Шумеру Аккадро ба тасарруфаш даровард ва унвони "Подшоҳи мамлакати чор иқлим"-ро гирифт.

*Савол ва супоришҳо*

1. Аз харита давлатҳоеро ёбед,ки дар байни ду дарё ҷойгир шудаанд.
2. Аз луғати истилоҳоти таърихӣ истифода бурда, мафҳуми "тамаддун"-ро шарҳ диҳед.
3. Байни ду дарё дар замонҳои қадим чӣ номида шудааст?
4. Кадом қисми Месопотамия аз ҷониби аввалин аҳолии мамлакат аз худ гардида буд? Кай?

## § 13. Шоҳигарии Бобул

**Бобул — «дарвозаи худоҳо»**

Шоҳигарии Бобул **дар ҳазораи II пеш аз мелод** ба давлати аз ҳама калони қудратноки ҷанубии Месопотамия мубаддал ёфт. Бобул ба мавқеи қулаи ҷуғрофӣ молик буда, дар макone ҷойгир буд, ки шохаҳои дарёҳои Даҷлаву Фурот бо ҳам пайваст мегардиданд. Аксарият тоҷирон,ки ба воситаи киштиҳо меомаданд, ба шаҳри мазкур меҳмон нашуда намерафтанд. Маънои калимаи "Бобул" бошад, "дарвозаи худо"-ст. Дар шаҳри Бобул саройҳои аҷиб, ибодатхонаҳои мӯҳташам қад афрохта буданд. Шоҳроҳи Бобул аз дарвозаи илоҳаи ғалаба Иштар оғоз ёфтааст. Кишоварзӣ, ҳунармандӣ, истеҳсолот ва савдову тиҷорат дар Бобул равоҷ ёфта буд. Аммо набардҳои байниҳамдигарӣ ба он халал мерасонд.



Бобул



Нақши дарвозаи ибодатхонаи худои Иштар

**Дар асри XVIII пеш аз мелод** (солҳои 1792—1750) шоҳи Бобул *Хаммурапӣ* барои дар зери як давлат муттаҳид гардидани тамоми Месопотамия муваффақ гардид. Дар давраи ҳукмронии Ҳаммурапӣ он ба давлати аз ҳама пурқуввате мубаддал ёфт.

**Қонунҳои Хаммурапӣ**

Хаммурапӣ дар таърих ҳамчун ҳукмдори таҳиягари қонун боқӣ мондааст. Қонунҳои Хаммурапӣ ҳам аз ҷиҳати хаҷм ва ҳам бо фарогирии ҳамаи ҷиҳатҳои ҳаёт аз тамоми қонунҳои мавҷуда бартарият пайдо намуд. Қонунҳои Хаммурапӣ барои ҳамагон-сарватмандон, шахсони қашшоқ баробар буд. Матнҳои қонунҳо дар сутунҳои сангини тамоми шаҳрҳо иншо мегардиданд.



Хаммурапӣ

Қонунҳои Хаммурапӣ бо қатъиятнокии худ ҳамаро дар ҳайрат мегузорад. Ба шарте ки дар натиҷаи амалӣ гардондани амалиёти ҷарроҳии шифокор бемор вафот кунад, панҷаҳои духтур бурида партофтанаш шарт буд. Мабодо бинои қадкашондаи меъмор нобаҳангом чаппагардон шаваду ягон шахсро пахш



**Ҷанговарон ба қалъа ҳуҷум мекунанд**

кунад, меъмор қатл карда мешуд. Шахсе, ки қарзашро сари вақт барнамегардонд, аъзои оилаи худро ба шахси қарздода ба муддати се сол ба ғуломӣ додан маҷбур буд. Мабодо айбдор ба чашмони ҷабрдида осебе расонда бошад, ба чашмони айбдор ҳам осеб расонда мешуд. Ҳангоми сӯхтор бо duздӣ ба даст афтад, ҳамон замон дузд ба оташ партофта мешуд. Дузде, ки қулфро вайрон мекард, ба ҷазои аз ин ҳам сахт гирифтор мешуд, вай дар маҳали дуздидани мулк қатл карда, дар худи ҳамон ҷо гӯронда мешуд.

Қонунҳои Хаммурапӣ ба ном қарори шоҳ набуда, ба сифати азму ҳоҳиши худоҳо талқин гардидаанд, аз ҳамин сабаб онҳоро бешаку шубҳа иҷро кардан талаб гардидааст. Ба қатъиятнокиву бераҳмиаш нигоҳ накарда, қонунҳои Хаммурапӣ ба рушди ҷамъият имкониятро фароҳам овард. Зеро ҷиноятҳо, аз қабили толону тороҷ, дуздӣ ва азхудкунии мулки давлат содир намегардид.

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Маънои Бобул — ин...*** | ***Хаммурапӣ — ин...*** |



**Камонандозон ҳангоми набард**

Хаммурапӣ қариб сӣ сол барои ба худ мутеъ сохтани мамлакатҳои ҳамсоя набардҳои бетанаффусро амалӣ гардонд. Баъди вафоти Хаммурапӣ қабилаи касситҳои кӯҳӣ шаҳрро забт намуд. Забткории касситҳо барои ба завол рӯ овардани Бобул заминаро фароҳам овард, вожгу-ни дуру дарози баамаломада дар ҳазораи VII пеш аз мелод ба вуҷуд омадани шоҳигарии Бобули нав анҷоми худро пайдо кард.

**Шоҳигарии Бобули нав**

Дар давраи ҳукмронии Навуходоносор II Бобул ба қуллаи равнақи худ расид. Шоҳи мазкур Мисрро ба шоҳигарии Бобули нав ҳамроҳ карда гирифт. Иерусалим

(Байтулмуқаддас)-ро вайрон сохт, Бобулро бошад, ба қалъаи мустаҳкам мубаддал сохт. Навуходоносор II барои сохтани манзилгоҳ, деворҳои мудофиавӣ истифода бурдани хишти пухта фармонро интишор намуд. Дар давраи ҳукмронии вай шаҳри Бобул ҳашт дарвоза дошт, ҳар яки он номи сархудоҳои мамлакатро ба худ гирифта буданд. Алалхусус, дарвозаи бо номи илоҳа Иштар зебо ва нафис буда, бо сангтахтачаҳои нақшинкори миллии расми ҳайвонҳои афсонавӣ тасвирёфта оро дода шуда буд.



**Навуходоносор II**

Лашкари эрониёни қадима **соли 539** ба ин ҷо зада медароянд. Форсҳо Бобулро забт менамоянд. Аз санаи дар боло номбаргардида шоҳигарии Бобули нав дар таркиби давлати Эрон мемонад. Форсҳоро аз Бобул Искандари Мақдунӣ пеш мекунад. Баъди вафоти Искандари Мақдунӣ ба таркиби давлати Салавкиён медарояд.

**Дар хотир доред!**

Лашкари эрониён **соли 539 пеш аз мелод** ба Бобул зада медарояд. Шоҳигарии Бобули нав дар таркиби давлати Эрон мемонад.

**Маданияти Бобул**

Шумер ва Аккад яке аз сарчашмаҳои аз ҳама қадимаи маданияти Бобул ба ҳисоб меравад. Яке аз манбаъҳои аз ҳама қадимаи хаттии ҷаҳонӣ хати мехии Шумер ба вуҷуд омадааст. Хати мазкур саравввал аз навиштаҷоте иборат буд, ки расмҳои “об”, “офтоб” ва дигар суханҳои алоҳидаро дар бар мегирифт.

Дар саройҳо ва ибодатхонаҳои ҳукмдорон барои ашрофзодагон ва фарзандони оилаҳои бадавлат мактабҳо ташкил гардиданд. Хонандагон ба тахтачаҳои лоии хушкнагардида бо асочаҳое навиштаанд, ки аз устухон ва чӯб сохта шудаанд. Тахтачаҳои лой саравввал дар офтоб хушконида, сипас дар хумдонҳо пухта шудаанд. Тахтачаҳои мазкур аввалин китобҳо шуда, хонандагон ба онҳо афсонаву ривоятҳоро кӯчондаанд, номи растанӣ, парранда, ҳайвонҳо ва кирму дигар хазандагонро иншо сохтаанд. Дар тахтачаҳои сангину лоин номи мамлакатҳо, шаҳрҳо ва деҳаҳо ҳам иншо ёфтаанд.



**Мехxати Шумер**



**Бавуҷудоии хати қадима**



**Манораи Бобул**

Шумерҳо низоми шуморидан, тақвимҳои офтобиву моҳиро ҳам офаридаанд. Давомияти соли Офтоб аз ҷониби шумерҳо 365 рӯз муайян карда, соли Моҳ 354 рӯз муқаррар ёфтааст. Коҳинҳои шумерӣ ва бобулӣ—мунаҷҷимон донишҳоро оид ба ситорашиносӣ аз бар карда буданд. Расадхонаҳои аз ҳама қадима дар майдончаи шафати ибодатхона — зиккуратҳои зинаҳояшон баланд барпо гардиданд.

Дар ҳазораи 3 пеш аз мелод дар Месопотамия дастурамал оид ба тайёр кардани ҳар гуна доруву дармонҳо таҳия гардида буд.

Донишҳо дар соҳаи ҷуғрофия ба шумерҳо ва бобулиён имконият дод, ки тавассути киштиҳо шино намоянд. Яке аз асотири аз ҳама қадима дар бобати офариниши Олам дар Месопотамия эҷод шудааст.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- → ҳазораи 2 пеш аз мелод — шоҳигарии Бобул
- → Бобул — "дарвозаи худоҳо"
- → садаи XVIII пеш аз мелод — Ҳаммурапӣ — шоҳигарии ягона
- → Қонунҳои Ҳаммурапӣ
- → ҳукмронии Навуходоносор II — равнақёбӣ
- → соли 539 пеш аз мелод — забт карда шудани Бобул аз тарафи форсҳо
- → хати мехӣ, тақвим
- → афсонаҳо аз хусуси офариниши Олам

*Савол ва супоришҳо*

1. Аз харита шоҳигарии Бобул ва пойтахти онро ёбед.
2. Чаро шаҳри Бобулро "дарвозаи худоҳо" номидаанд?
3. Дар вақти ҳукмронии кадом ҳукмдор ва кай Бобул ба давлати ягона мубаддал ёфтааст?
4. Қонунҳои Ҳаммурапӣ ба кадом мақсад таҳия гардида буд? Қонунҳои мазкур ба киҳо нигаронда шуда буданд?
5. Ба фикри шумо, барои чӣ дар Бобул ҷазодиҳиҳо ин қадар сахт будааст?
6. Дар давраи ҳукмронии Навуходоносор II дар шоҳигарии Бобули Нав чӣ гуна тағйиротҳо рӯй доданд?
7. Аз хусуси маданияти Бобул чиҳоро медонед?

**Дар хотир доред!**

Яке аз навиштаҷоти қадима-мехнати Шумер **дар ҳазораи 4 пеш аз мелод** ба вуҷуд омадааст. Шумерҳо низоми худии шуморидан, тақвимҳои офтобиву моҳиро ҳам офаридаанд

## § 14. Давлатҳои Осиёи Пеш ва ҳамсоягони онҳо

**Дар ҳазораи 2 пеш аз мелод** дар ҳудуди Осиёи Пеш давлатҳои аввалин ба вуҷуд омаданд, ки халқҳои кишварро муттаҳид сохтанд. Аз он ҷумла давлатҳои Ассурия, Хетт, Митаннӣ, шаҳр-давлати Финикия пайдо шуданд. Давлатҳои мазкур му-дом дар набардҳои истилогарона ва мудофиавӣ иштирок намудаанд.



**Камонвари ассуриягӣ**

### Шоҳигарии Ассурия

Дар замонҳои қадим ассуриягиён ҳудуди хурди болооби Даҷларо ишғол карда буданд. Аввал шаҳри Ошшур, сипас шаҳри Миневия пойтахташон буд. Машғулияти асосии аҳолиро деҳқонӣ ва савдову тиҷорат ташкил медод. Давлати ассуриягиён **дар асри XX пеш аз мелод** ба вуҷуд омадааст.

Ассуриягиён халқи ҷангҷӯ буданд. Онҳо ба заминҳои ҳамсоя тез-тез ҳуҷум меоварданд. Лашкари пурқудрати ассуриягиён ҳар сол сарзаминҳои навро забт намуда, халқҳои мутеъгардида ба ҳукмдори Ассурия ба миқдори зиёд хироҷ медоданд. **Дар асри XIII пеш аз мелод** дар давраи ҳукмронии шоҳ Салманасар шоҳигарии Ассурия ба қуллаи аз ҳама баланди рушди худ расид. **Дар асрҳои VIII-VII пеш аз мелод** дар даврае,ки шоҳигарии Ассурия аз нав пурқудрат гардид, Бобул, Бибӣ, Тир, Сидон ва як қисми Фаластинро забт намуд.



**Набард бо шер.** *Тасвири кандакоришудаи девори қасри Ниневия*



**Тасвири забти шаҳр аз ҷониби ҷанговарони Ассурия**




**Шоҳигарии Ассурия**



**Пойтахти Ассурия – Ниневия.** *Таҷдид*



**Китобхонаи навиштаҷоташ меххати Ошшурбанапал**

Ассуриягиён шаҳри Байтулмуқаддас (Иерусалим)-ро забт намуда, деворҳои қалъа, хонаҳо ва ибодатхонаҳоро вайрон карда, аҳолиро ҳамчун асирон бурданд.

Аз сабаби бешафқатии беҳади ҳукмдорон пойтахти Ассурия – Ниневия ҳамчун “шаҳри ба хунғӯтазада”, ё худ “ғори шерҳо” тасвир гардидааст. Ҳангоми юриш тамоми ҷизҳои ғоратгардида ба пойтахт оварда мешуд. Қасрҳо ва ибодатхонаҳои номдор аз боигариҳо пур шуданд. Дар давраи солҳои ҳукмронии Ошшурбанапал дар Ниневия китобхонаи иборат аз тахтачаҳои сафолини дар Осиёи Пеш аз ҳама калон ташкил ёфта буд.

Давлати Ассурия суст шудан гирифт. Дар соли 627-уми пеш аз мелод сараввал Бобул ва сипас Мидия аз Ассурия ҷудо шуда баромаданд. Сипас Бобул ва Мидия якҷоя гардида, бо як ҳамла Ассурия ва Миневияро **соли 612-уми пеш аз мелод** забт намуданд. Дар **соли 605-уми пеш аз мелод** баъд аз он ки лашкари Ассурия саросар қир карда шуд, давлат ҳам ба завол дучор омад.

### Шоҳигарии Хетт ва Митаннӣ

Тахминан **дар ҳазораи XVIII пеш аз мелод** дар маркази Осиёи Сағир (ҳудуди Туркияи ҳозира) халқи шимолии хетт ба давлати худ асос гузошт. Шаҳри Хаттуса пойтахти ана ҳамин давлат қарор гирифт. Машғулия-ти асосии аҳолии он деҳқонӣ ва чорводорӣ буд.

Хеттҳо бо мамлакатҳои ҳамсоя набардҳои доимиро пеш бурдаанд. Аробаҳои ҷангӣ ва дар мобайнаш сипарҳои нӯгашон оҳанин гузошташударо истифода бурдаанд. Хеттҳо бисёр шаҳрҳои Сурияро забт намудаанд. Бобулро бошад, толону тароҷ намудаанд.

Шоҳигарии Митаннӣ, ки дар ҳудуди ҳозираи Сурия ташкил ёфта буд, ба рақиби хавфноки хеттҳо тадбил ёфтанд. Митанниён дар набардҳо аз қӯшунҳои саворагард истифода бурданд, ҳангоми ишғоли пойтахти хеттҳо қӯшунҳои саворагард мавқеи ҳалкунандаро бозиданд. Ҳамин тавр бошад ҳам, дар

**Дар хотир доред!**

Давлати Ассурия **дар асри XX пеш аз мелод** ба вуҷуд омад; дар асри XIII пеш аз мелод ба қуллаи аз ҳама баланди рушд расид; **дар соли 605 пеш аз мелод** аз саҳифаҳои таърих рафт.

аввали садаи XIV пеш аз мелод шоҳигарии Хеттҳо боз пурқувват шудан гирифт. Хеттҳо дар натиҷаи набардҳо заминҳои соҳили баҳри Миёназаминро баргашта ба худ гирифтанд ва Митанниро забт намуданд. Танҳо дар зери таҳдиди хавфу хатари Ассурия хеттҳо маҷбур шуданд, ки бо ҳукмдори Миср сулҳ банданд. Ассуриягиён Бобулро забт намуданд, аммо хеттҳо ба он муваффақ шуданд, ки тазйиқи онҳоро бартараф созанд.



**Хеттҳо пеш аз набард**

**Дар охири асри XIII пеш аз мелод** халқҳои номашон дар таърих номаълум (онҳоро халқҳои баҳр номидаанд) пойтахти хеттҳоро забт намуда, шаҳрро ба хароба табдил доданд. Давлат нест шуд, хеттҳо бошанд, бо дигар халқҳо омехта гаштанд.

**Шоҳигарии Урарту**

Давлати Урарту дар Паси Қафкоз дар мобайни кӯлҳои Ван, Ирмия ва Севан ҷойгир шудааст. Аҳолиашро урартҳо номбар кардаанд. Ташкил ёфтани давлати ягона аз зарурати мудофиа аз ҳуҷумҳои Ассурия сар задааст. Азбаски имконияти бевосита торумор кардани Ассурия набуд, қӯшунҳои Урарту тактикаи бевосита ба ҷанг дохил нашуданро пеш гирифтаанд.

**Дар хотир доред!**

Шоҳигарии Хетт дар ҳудуди ҳозираи Туркия, давлати Митаннӣ бошад, дар ҳудуди ҳозираи Сурия ҷойгир шуда буданд.

**Дар асрҳои IX—VIII пеш аз мелод** дар давраи ҳукмронии Сардур I ва Менуа давлати Урарту гул-гул шукуфт. Шаҳри Тушпа ба пойтахти давлати Урарту мубаддал гардид. Урартиён ба якчанд юришҳои истилогарона муваффақ гардиданд, аз болои ассуриягиён ғалаба карданд. Аммо **дар соли 714-уми пеш аз мелод** қӯшунҳои ассуриягӣ лашкари урартиёнро торумор кард.

Хазинаи бузурге, ки дар давраи якчанд ҳукмдорони Урарту ҷамъ шуда буданд, ба дасти ғолибон гузашт. Қалъаи шаҳри Тейшебаинӣ ишғол шуда, вайрон гардид. Баъди он шоҳигарии Урарту ниҳоят суст гардид, онҳоро қабилаҳои бодиянишини скиф ва шоҳигарии Мидия ба худ тобеъ сохт. **Дар соли 590-уми пеш аз мелод** шоҳигарии Урарту ҳам аз саҳифаи таърих рафт.



**Қалъаи шаҳри Тейшебаинӣ**

**Финикия ва Фаластин**

Дар замонҳои қадим Финикия дар соҳили шарқии баҳри Миёназамин, ҳудуди ҳозираи Ливан ва як қисми Сурияи ҳозира ҷойгир шуда буд. Финикиягиён бо деҳқонӣ машғул гардида, боғзор ва токҳо парвариш менамуданд. Финикия кони дарахтони сӯзанбарг—чангалзори кедр буд. Аз чӯби кедр (чалғӯза) киштиҳо сохтаанд. Қатрони кедр барои тайёр кардани мӯмиё ба Миср оварда мешуд. Савдову тиҷорат машғулияти асосии финикагиён буд. Онҳо газвор фурӯхтанд. Дар соҳилҳои баҳри Миёназамин шаҳрҳои Тир, Сидон, Угаритро бунёд намудаанд.



**Финикиягиён**

Финикиягиён кори баҳрнавардиро хуб медонистанд. Дар ҳазораи 2 пеш аз мелод ба мустамликадорӣ дар ҷазираи Кипр ва соҳилҳои Осиёи Сағир асос гузоштанд. Баъди он финикиягиён дар соҳилҳои Африқо, Испониё, ҷазираҳои Сардиния ва Ситсилия пайдо шуданд.



**Яке аз ҳукмдори шоҳигарии Исроил-Соломон (Сулаймон)**

**Дар асрҳои X-IX пеш аз мелод** дар Финикия шоҳигарии Тир-Сидон пайдо гардид. Дар асри VII пеш аз мелод давлати мазкурро шоҳигарии Ассурия забт намуд.

Дар мобайни ҳазораи 2 пеш аз мелод дар Фаластин қабилаҳои қадимаи ҷанубӣ муттаҳид гардида, ҷойгир шуданд. Дар асри XI пеш аз мелод дар ҳудуди Фаластин шоҳигарии Исроил ба вуҷуд омад. Баъдтар он бо шоҳигарии Яҳудӣ муттаҳид шуд. Бо мурури вақт шоҳигарии Исроил – Яҳудӣ ба шоҳигарии Исроил (Фаластини шимолӣ) ва Яҳудӣ (Фаластини ҷанубӣ) тақсим гардид.



**Қасри ҳукмдорони шоҳигарии Яҳудистон** *Таҷдид*

Шоҳигарии Исроил аз зарбаи ассуриягиён пароканда гардид. Дар **соли 586-уми пеш аз мелод** аз ҷониби шоҳигарии Бобул забт гардид.

Афсонаҳои яҳудиёни қадима дар китобҳои динӣ акси худро пайдо кардаанд. Дар китобҳои динӣ дар бораи офариниши одамони нахустини рӯи замин – Одам ато ва Момо ҳаво, бо тӯфон фаро гирифтани саросари замин ва дигар ривоятҳо мавҷуданд.

*Худро озмуда бинед!*

| | |
|---|---|
| ***Ниневия — ин...*** | ***Сардур — ин...*** |
| ***Ошшурбанапал — ин...*** | ***Урарту — ин...*** |
| ***Хеттҳо — ин...*** | ***Тушпа — ин...*** |



**Дастхати қадима**

### *Конспекти такягоҳӣ*

→ Миёнаи асри 2 пеш аз мелод — давлатҳои Ассурия, Хетт, Миттанӣ

→ Шоҳигарии Ассурия — пойтахташ Ошшур → Ниневия

→ Ошшурбанапал-китобхонае, ки аз ҷадвалҳои хати мехӣ тартиб дода шудаанд

→ Соли 612–605-уми пеш аз мелод — Ассурия ва Мидия аз ҷониби

→ Бобул забт гардиданд

→ асри XVIII пеш аз мелод — шоҳигарии Хетт, пойтахташ Хатусса ба асри XIII пеш аз мелод омада — “халқҳои баҳр” шаҳри Хатуссаро вайрон карданд, давлат пора-пора гардид

→ давлати Урарту рушд ёфт, пойтахташ Тушпа

→ асрҳои IX–VIII пеш аз мелод —давраи гул-гулшукуфии давлати Урарту

→ Финикия —шаҳрҳои Тир, Сидон, Угарит

→ асри XI пеш аз мелод — бавуҷудоии давлати Исроил



**Халқи Яҳудистонро бобулиён ба асирӣ мегиранд**

*Савол ва супоришҳо*

1. Давлатҳои дар ҳазораи 2 пеш аз мелод дар Осиёи Пеш мавҷудбударо аз харита ёбед ва номҳояшонро ба забон гиред.
2. Дар ҳудуди Осиёи Пеш давлатҳои аввалин кай ба вуҷуд омадаанд?
3. Аз хусуси шоҳигарии Ассурия чиҳоро медонед?
4. Ҳукмрони Ассурия Ошшурбанапал дар таърих бо чӣ номашро сабт кунондааст?
5. Шоҳигарии Хетт чӣ тавр ташкил ёфт? Ҷиҳати ба худ хосигии ҳукмронии шоҳони Хетт дар чист?
6. Шоҳигарии Хетт чӣ тавр вожгун гардид?
7. Сабабҳои рӯ ба инкишоф ниҳодан ва вожгуни давлати Урарту дар чист?

## § 15. Давлати Аҳамониён

**Аҳолии Эрони қадима**

**Дар асри VI пеш аз мелод** дар ҳудуди ҳозираи Эрон шоҳигарии Форс ба вуҷуд омад, ки ба он шоҳони мансуб ба сулолаи Аҳамониён асос гузошт. Шоҳигарии Аҳамониён яке аз давлатҳои муқтадири ҷаҳон ба ҳисоб мерафт.

**Дар хотир доред!**

Дар асри VI пеш аз мелод шоҳигарии Форс ба вуҷуд омад, ки ба он шоҳони мансуби сулолаи Аҳамониён дар ҳудуди ҳозираи Эрон (соҳилҳои гулӯгоҳи Форс) асос гузоштаанд.




**Давлати қадимаи Форс**

> **Дар хотир доред!**
>
> **Дар ҳазораи 3 пеш мелод** дар қисми ғарбии Эрони бо Месопотамия ҳамсарҳад давлати **Элам** ба вуҷуд омад. Пойтахти ин давлат шаҳри **Суза** буд.



**Форсҳо дар набардгоҳ**

Дар замонҳои қадим дар ҳудуди ҳозираи Эрон қабилаҳои мухталиф, аз қабили кассиҳо, эламиҳо ҳаёт ба сар бурдаанд. Дар асри IX пеш аз мелод бар ин мамлакат мидиягиён ва форсҳо кӯчида, муқим гардиданд.

Эрон мамлакатест, ки дар худ паҳнкӯҳии бузургеро таҷассум гардондааст. Ҳудуди мамлакатро қариб аз ҳама тараф кӯҳҳои иборат аз ҷангалзор иҳота кардааст. Дар водиҳои пастхамии кӯҳсор аҳолӣ бо деҳқонӣ машғул мегардиданд, дар минтақаи гармии тоқатнофарсо бо чорводорӣ сару кордор гаштаанд.

Эрон ҳам чун мамлакатҳои Осиёи Сағир, Месопотамия, Паси Қафқоз, Осиёи Миёна ва Ҳиндустон дар чорраҳаи корвонгузар маскан пайдо карда буд.

> **Дар хотир доред!**
>
> Дар асри VII пеш аз мелод дар давраи ҳукмронии шоҳ **Киаксар** Мидия ба давлати пурқудрате мубаддал ёфт. Сол-ҳои 612 — 605 пеш аз мелод давлати Мидия бо Бобул иттифоқ баста, Ассурияро забт намуд.

### Давлатҳои қадима

**Дар ҳазораи 3 пеш аз мелод** дар қисми ғарбии Эрони бо Месопотамия ҳамсарҳад давлати Элам ба вуҷуд омад. Пойтахти ин давлат шаҳри Суза буд. Дар Элам яке аз хати аз ҳама қадима ба вуҷуд оварда шудааст.

**Дар асри IX пеш аз мелод** шоҳигарим Мидия ба вуҷуд омад, ки дар ҷанубӣ ғарбии баҳри Каспӣ ҷойгир шуда буд. Дар асри VII пеш аз мелод дар давраи ҳукмронии шоҳ Киаксар Мидия ба давлати пурқудрате мубаддал ёфт. Дар солҳои 612-605 -уми пеш аз мелод давлати Мидия бо Бобул иттифоқ баста, Ассурияро забт намуд.

**Кир II – ҳукмдори Форс**

Дар ҷануби Эрон, дар замин-ҳои ҳамҷавори халиҷи Форс вилояти Форс — кишваре,ки аз қадим форсон маскан пайдо карда буданд, ҷойгир буд.

**Дар соли 558-уми пеш аз мелод** шоҳ Кир II, ки аз сулолаи Аҳамониён буд, тамоми форсҳоро дар зери ҳокимияти худ муттаҳид сохт. Баъди он ки давлати Мидияро ба худ тобеъ сохт, Кир II лашкари калонеро ташкил дод ва юришҳои истилогаронаро идома дод. Арманистон, Мидия ва Бобул забт гардид (соли 539-уми пеш аз мелод). Форсҳо ба соҳилҳои баҳри Миёназамин баромаданд, Фаластин ва Финикияро ба итоати худ даровcovered. Юриши Кир II ба Осиёи Миёна, ба муқобили сакҳо ва массагетҳо комёбӣ наовард. Сиёсати истилогаронаи Кир II-ро ворисонаш Камбиз ва Доро I давом доданд. Камбиз баробари забт кардани Миср ҳудуди давлати Эронро ниҳоят доманадор кард.



Кир II



Доро I дар тахт

**Ислоҳотҳои Дорои I**

Шоҳ Доро I (солҳои 522-486-уми пеш аз мелод ҳукмронӣ кардааст) дар **соли 522-уми пеш аз мелод** ба тахти Эрони қадима нишаст. Ин вақт дар тамоми мамлакатҳое, ки забт гардида буданд, оташи ошӯб забона зад. Вакили забардасти сулолаи Аҳамониён Доро I барои пахш кардани онҳо шурӯъ намуд.

Доро I ба муқобили скифҳо, ки дар соҳилҳои баҳри Сиёҳ истиқомат доштанд, юриш ташкил намуд. Доро I дар Осиёи Сағир мустамликаҳои юнонӣ ва Фракияро, ки дар шарқи нимҷазираи Балкан ҷойгир буд, забт намуда ба сар шудани набардҳо байни форсу юнониҳо сабабгор шуд. Дар давраи ҳукмронии Доро I аз шимоли Ҳиндистон то баҳри Миёназамин давлати бузурге ташкил ёфт.



Тангаи тиллоӣ

Доро I тангаи тиллоии "дороӣ"-и дар муомилот ягонаро сикка занонд. Ӯ аз қароргоҳи шаҳри қадимаи форсҳо Персепол то баҳри Миёназамин роҳи тиҷоратиро бо номи “роҳи шоҳ” ба вуҷуд овард. Доро I қӯшунро аз нав ташкил додо, салтанатро ба



Посбонони Доро I



Раҳбарони асири ошӯбгаронро ба назди Доро I мебаранд

кишварҳои алоҳидаи маъмурӣ-ҳарбии “сатрап-ҳо” тақсим кард.

**Маданияти форсиёни қадима**

Суза, Экбатана ва дигар шаҳрҳо марказҳои муҳими тиҷорати давлати Аҳамониён буд. Дар шаҳри Персопол боқимондаҳои хонаҳои барҳаво ва саройҳои толории садсутундори Доро I ва Ксеркс то замони мо расида омадаанд. Сарой бо тасвири паррандаҳои афсонавӣ ва хаёлӣ зеб дода шудааст. Дар нақшҳои кандакорикардашудаи Персепол номҳои халқҳо ва қавмҳое нигоҳ дошта шудаанд, ки дар зери тасарруфи Аҳамониён буданд. Онҳо асосан дар ҳолати супурдани хироҷ ба шоҳони форс тасвир ёфтаанд.

Форсони қадим чун аломатҳои хати мехӣ бо навишт машғул гардидаанд. Катибаҳои шоҳони Форс дар харсангҳои Беҳистун ва Нақши Рустам, ҳамчунин дар деворҳои сарои Персепол кандакорӣ шудаанд. Онҳо дар бораи юришҳо, ошӯбҳо ва ҳаёти давлатҳо барин воқеаҳои муҳим маълумот медиҳанд.

Искандари Мақдунӣ **соли 330-уми пеш аз мелод** давлати Форсро ба зери тасарруфи худ даровард. Давлати Аҳамониён беш аз дусад сол ҳукмронӣ кардааст.

**Дар хотир доред!**

Искандари Мақдунӣ **соли 330-уми пеш аз мелод** давлати Форсро ба зери тасарруфи худ даровард. Давлати Аҳамониён беш аз дусад сол ҳукмронӣ кардааст.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- кассиҳо, эламиён, мидиягиён, форсҳо
- Давлатҳои Элам, Мидия
- соли 558-уми пеш аз мелод-бавуҷудоии давлати Форс (Кир II)
- Кир II — юришҳои истилогарона ба Арманистон, Бобул ва Мидия
- Кир II — соли 530-уми пеш аз мелод дар Осиёи Миёна ҳалок гардид
- соли 522-уми пеш аз мелод сатрапӣ шудани салтанати Доро I
- соли 330-уми пеш аз мелод аз тарафи Искандари Мақдунӣ забт гардидани салтанати Аҳамониён
- Давлати Аҳамониён беш аз 200 сол ҳукмронӣ намуд

*Савол ва супоришҳо*

1. Шоҳигарии Эрон кай ташкил гардидааст?
2. Ҳукмдорони кадом сулола ба шоҳигарии Форс асос гузоштаанд?
3. Давлати Элам кай ташкил гардидааст?
4. Кир II кадом давлатҳоро забт намудааст?
5. Доро I дар давлати худ кадом ислоҳотҳоро амалӣ гардонд?



**Водии дарёи Ҳинд**

## § 16. Тамаддуни Ҳиндустон

**Шароити ҳудудӣ ва табиӣ**

Мамлакати Ҳиндустон бо ҳамин ном нимҷазира, ҳамчунин як қисми водии дарёҳои Ҳинд ва Ганг дар қитъаи Осиё ҷойгир шудааст. Аз ҷиҳати шароити табиӣ водии мазкур бо Миср ва Месопотамия монандӣ дошт. Иқлими гарм ва дарёҳои пахно, ки ҳамроҳи оби худ маводи лойолудро меовард, барои пайдо гардидан ва рушди деҳқонӣ имкониятро фароҳам меоварданд. Кӯҳҳои Ҳимолой аз шимолу шарқ аз душманон ва аз таҷовузи шамолҳои хунук ҳамчун девори табиии ба худ хос хизмат мекарданд.

Ҷангалзорҳои ҳорраи водии Ганг аз дарахтони калон ва растаниҳои рангоранг саршор буд. Дар

**Дар хотир доред!**

Ҳиндустон бо ҳамин ном нимҷазира, ҳамчунин як қисми водии дарёҳои Ҳинд ва Ганг дар қитъаи Осиё ҷойгир шуда буд.





**Ҳиндустони қадима**



**Фили ҷанговари қӯшуни ҳинд**



**Кӯчаи Мохенҷодаро**

**Дар хотир доред!**

Шаҳрҳои **Мохенҷодаро** ва **Хараппа** тамаддуни аз ҳама бузурги ҳавзаи дарёи Ҳинд ба ҳисоб мерафтанд. Машғулияти асосии аҳолиро деҳқонӣ ва чорводорӣ ташкил медод.



**Бо ин қабил тасвири шерҳо сутунҳои ибодатхонаҳо оро дода шудаанд**

пояҳои ин дарахтон тӯрҳои баҳайбатро ба вуҷуд оварда, зарпечакҳо овезон мехобиданд. Дар ҷангалзорҳои нопайдоканор танҳо бо кӯмаки табар роҳ гаштан мумкин буд. **Дар ҳазорсолаи 3 пеш аз мелод** дар водии дарёи Ҳинд шаҳрҳои калони муттаҳидаи давлати ягона ба вуҷуд омаданд.

**Тамаддуни Ҳиндустон**

Шаҳрҳои Мохенҷодаро ва Хараппа шаҳрҳои аз ҳама бузурги ҳавзаи дарёи Ҳинд ба ҳисоб мерафтанд. Ҳар ду шаҳр ҳам бо деворҳои мустаҳками иҳотавӣ ҳимоя гардида, қасрҳои дохила доштанд. Дар мавзеъҳое, ки кӯчаҳояшон аз ҳам ҷудо буданд, хонаҳо, анборхона, қасру ибодатхона дарёфт шуданд,ки аз хишти пухта сохта шудаанд. Аҳолии шаҳри Мохенҷодаро, ки калону зебо буд, хунармандони моҳир ба ҳисоб мерафтанд.

Машғулияти асосии аҳолиро деҳқонӣ ва чорводорӣ ташкил медод. Вале баъди асри XVIII пеш аз мелод қароргоҳҳои водии дарёи Ҳинд аз сабаби обхезиҳо, ки тез-тез рӯй медоданд, доманадор гардидани ҷангалзору буттазорҳо, ҳамчунин хоклесӣ ба таназзул рӯ оварданд.

**Дар соли 1500 пеш аз мелод** ба ҳудуди Ҳиндустон истисморгарон зада даромаданд. Ба фикри олимон, ориёни истилогар — қабилаҳои бодиянишинон аз Аврупои Шарқӣ ва Урал буданд. Баъди ҳуҷуми ориёнҳо Мохенҷодаро ва Хараппа саросар ба харобазор мубаддал ёфтанд, шаҳрҳои мазкур аз нав қади худро рост карда натавонистанд.

***Худро озмуда бинед!***

***Ҳиндустон — ин... Мохенҷодаро — ин...***

***Ориёнҳо — ин...***

**Эътиқодҳои динӣ**

Ҳиндуёни қадима чун мисриён ва бобулиёни қадима дар мубориза ба муқобили бисёр ҳодисаҳои табиат оҷиз буданд:

аз жолаҳои ҳорра, обхезӣ, хушксолӣ метарсиданд. Дар тасаввури ҳиндуён табиатро гӯё худоҳо идора мекарданд. Чуноне ки дар ривоятҳои қадимаи ҳиндӣ нақл карда мешавад, худои Офтоб ҳар субҳ бо аробаи тиллоӣ ба роҳ мебарояд. Офтоб зулмати шабонаро пароканда карда, бо нияти ба одамон бахшидани ҳарорату равшанӣ аз уфқ сар мебардорад. Худои раъду барқ *Индра* оби осмониро аз бадарғагӣ халос карда, хушксолии рӯи Заминро хотима бахшид.



**Худои донишмандӣ-Ганеша**

Ҳиндуён баъзе худоёнро дар симои ҳайвоноти ваҳшӣ тасаввур мекарданд. Масалан, ба фил саҷда менамуданд, яке аз худоёни асосиашон сараш филмонанд донишманд Ганеша будааст. Модагов дар байни ҳиндуён ба эътибори алоҳида сазовор буд. Модагов ҳайвони муқаддас пиндошта мешуд. Шахси куштори модагов ҷиноятгар эълон шудааст: ин шахс аз ҷамъият ронда шуда, бо вай касе мулоқот накардааст.



**Модагов дар Ҳиндустон муқаддас аст**

Ҳиндиён ба он эътиқод доштанд, ки ҷон аз як тана ба дигараш мегузарад. Онҳо баъди вафот карданаш инсон намемурад, танҳо ба дигар мавҷудот мубаддал ёфта, қиёфаи берунаи худро тағйир медиҳад, ба ҳайвон, ҳашарот ва растанӣ тадбил меёбад гӯён тасаввур мекарданд. Инсон баъди вафот карданаш ба кӣ, чӣ мубаддал ёфтанаш ба саъю кӯшиш ва амали он дар ҳаёт вобаста мебошад.

**Табақаҳои ҳинд**

Ҳиндуёни қадим аз рӯи бо кадом кор машғул шуданашон ба чор гурӯҳ тақсим гардиданд. Табақаҳои мазкур каста ё худ вама номида шудааст: аз он ҷумла коҳинҳо — *браҳманҳо*, ҷанговарон — *кшатрияҳо*, деҳқон, ҳунарманд ва тоҷирон — ваусиҳо, хизматкорон ва ғуломон — *шудралҳо*.



**Табақаҳои ҳинд**

Мувофиқи эътиқоди ҳиндуён, ҳар як табақаро худои олӣ Браҳма аз як қисми ҷисми худ офаридааст. Масалан, коҳинҳо аз пайкари ӯ, ҷанговарон аз дастонаш, деҳқонон аз ронаш, хизматкорон бошанд, аз пошнаи пойҳо офарида шудаанд. Фарзандон мудом ба

табақаи волидон мансуб будаанд. Илоҷи аз як табақа ба дигараш гузаштан ҳам набуд. Ба одамони мансуби табақаи мухталиф дар бобати ба ҳамдигар ақди никоҳ бастан монеаҳо буданд.

Онҳое, ки ба ягон табақа мансуб набуданд, мақоми алоҳида доштанд. Онҳоро "чандал", яъне "ҳазаркунандагон" номидаанд. "Чандал"-ҳо бо кастаҳо дар як ҷо истиқомат кардан ҳуқуқ надоштанд, дар сари дар як дастархон нишастани онҳо манъ гардида буд. Ба он мақсад, ки онҳо аз дуродур маълум гарданд, касе тасодуфан бо онҳо рӯ ба рӯ наомадану бархӯрдан "чандал"-ҳо ба бар либоси махсус мегирифтанд. Онҳо барои берун аз деҳа зиндагонӣ кардан маҷбур буданд.



Худо Браҳма

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Ҳинд ва Ганг — ин...*** | ***Табақаҳо — ин...*** |
| ***Чандалҳо — ин...*** | |

## *Конспекти такягоҳӣ*

- Нимҷазираи Ҳиндустон (дарёҳои Ҳинд ва Ганг)
- ҳазораи 3 пеш аз мелод — бавуҷудоии шаҳрҳои Мохенҷодаро ва Хараппа
- ҳазораи 1500 пеш аз мелод аз тарафи ориёни бодиянишин вайрон гардидан
- худоён — Индра, Ганеша, Браҳма
- каста (вамар)-ҳо:
  — коҳинҳо — браҳманҳо
  — ҷанговарон — кшатрияҳо
  — деҳқону ҳунарманд ва тоҷирон — ваусиҳо
  — хизматкор ва ғуломон — шудралҳо
- "чандалҳо"



Худои раъду барқ – Индра

*Савол ва супоришҳо*

1. Аз харита Ҳиндустонро ёбед. Аз хусуси хусусиятҳои мавқеи ҷуғрофии Ҳиндустон нақл намоед.
2. Ҷамъияти Ҳиндустон ба кадом табақаҳо тақсим гардида буд?
3. Табақагардонии аҳолӣ ба киҳо фоидаовар буд?
4. Ба фикри шумо, барои чӣ аз як табақа ба дигараш гузаштан иҷозат надодаанд?
5. Монандӣ ва фарқияти эътиқодҳои динии мисриён ва ҳиндуён дар чист?

## § 17. Ҳиндустон дар аввали ҳазораи I пеш аз мелод

**Давлатҳои Ҳиндустон**

Баробари рушди деҳқонӣ, ҳунармандӣ ва савдову тиҷорат дар Ҳиндустон ашрофзодагони ҳарбӣ ва рӯҳониён ниҳоят пурқувват гардиданд. Ба мақсади дар зери итоати худ нигоҳ доштани ғуломон ва дигар шахсоне, ки меҳнат мекарданд, давлати пурқуввате лозим буд, ки соҳиби лашкар, ашрофзодагон, судяҳо, посбонҳо ва андозситонандагон бошад. Ҳокимон, ки аз байни саркардаҳои ҳарбӣ ва оқсақолон ҷудо шуда баромада буданд, ба подшоҳоне мубаддал ёфтанд, ки дар асоси ворисӣ ҳокимиятро ба фарзандони худ мерос мегузоштанд. Бо ҳамин тартиб **дар асрҳои VII—VI пеш аз мелод** дар Ҳиндустон якчанд давлат ташкил ёфт. Аз он ҷумла Магадҳа, Кошала, Малла ва ғайра.

Искандари Мақдунӣ баъди забт кардани Осиёи Миёна **соли 327-уми пеш аз мелод** ба ҳудуди кишвари Панҷоб зада даромад. Ҳукмдорони давлатҳо,ки дар ин ҳудуд ҷойгир буданд, ба истилогарон муқобилияти сахт нишон доданд. Искандари Мақдунӣ бо душвориҳои зиёде ба водии Ҳинд рафта расида, соли 325-уми пеш аз мелод ба Бобул бармегардад. **Соли 318-уми пеш аз мелод** қӯшунҳои юнониву македонӣ аз Ҳиндустон тамоман ронда мешаванд.

Дар мубориза ба муқобили қӯшунҳои юнону македон сарлашкари машҳури Ҳинд Чандрагупта сару сарвариро ба даст мегирад. Баъди он ки қӯшунҳои юнониву македонӣ ронда мешаванд, Чандрагупта тамоми давлатҳои Ҳиндустони шимолиро ба таркиби давлати худ даровварда, ба давлати Майруа асос мегузорад. Шаҳри Паталипутра пойтахти давлати Майруа мегардад. **Дар садаи III пеш аз мелод** дар давраи ҳукмронии шоҳ Ашока



**Сарлашкар Чандрагупта.**
*Сурати замонавӣ*

**Дар хотир доред!**

Баъди он ки қӯшунҳои юнониву македонӣ ронда мешаванд Чандрагупта ба давлати **Майруа** асос мегузорад.

Пойтахташ шаҳри **Паталипутра** буд.



**Шоҳи давлати Майруа – Ашока**



Шоҳмоте, ки ҳинду-
ён кашф кардаанд

дар бобати рушд Майруа ба қуллаи аз ҳама баланд расид. Аммо баъди вафоти шоҳ Ашока набардҳои байниҳамдигарӣ авҷ гирифтанд, Ҳиндустон боз ба давлатҳои хурд-хурд тақсим гардид. Дере нагузашта бисёрии онҳоро шоҳигарии Кушон забт намуд.

**Фан ва маданият**

Дар ҳазораи I пеш аз мелод дар Ҳиндустон илму фан, махсусан соҳаҳои ситорашиносӣ, риёзиёт ба дараҷаи бузурги худ расид. Ҳиндҳо тақвими иборат аз 360 рӯзро тартиб доданд. Дар ин вақт низоми даҳии шумурдан ва ҳисобу китоб кардан васеъ паҳн гардида буд: ҳиндуён аломати махсусеро фикр карда мебароянд, ки рақами “О”-ро ифода мекард. Рақамҳоро чун тартиби имрӯза менавиштанд. Мо ин рақамҳоро “рақамҳои араб” ном мебарем, чунки рақамҳои мазкурро арабҳо аз ҳиндуён қабул карда, дар байнашон васеъ паҳн карда буданд.



Навиштаҷоти
санскрит

Дар мамлакати мазкур, ҷуноне ки худи ҳиндуён “чор навъи қӯшунҳои ҳинду” меномиданд, бозӣ пайдо шуда буд, ки он имрӯзҳо ба худ номи “шоҳмот”-ро гирифтааст.

Ҳиндуён бори аввал аз шакарқамиш шакар гирифтанд. Дар бобати азнавкоркарди филиз ҳам ҳиндуён натиҷаҳоеро ба даст оварданд, ки касро дар ҳайрат мегузорад. Сутуни аз оҳани соф сохтаи шаҳри Деҳлӣ занг назада, ҳолати пешинаашро гум накардааст.

Дар пояи забонҳои қадимаи ҳинд забони нави адабӣ ба вуҷуд омад,ки санскрит номида мешавад. Ҳамосаҳои “Маҳобҳарата”, “Рамаяна” ва дигар асарҳои ҳамосавӣ дар ҳамин забон таълиф ёфта, то замони мо расида омадаанд.



Сиддҳартна
Гаутама

***Худро озмуда бинед!***

***Паталипутра — ин... Санскрит — ин...***
***“Чор намуди қӯшунҳо” — гуфта...***

**“Дини бехудо”**

Дар зери таъсири тағйиротҳои ҷамъият эътиқоди динии ҳиндуён низ ба ислоҳот рӯ овард. Бавуҷудоии дини нави буддоӣ ба номи шоҳзода Сиддҳартна Гаутама вобаста аст,ки ба худ тахаллуси Буддоро гирифта буд.

*Мувофиқи ривоят шоҳзода Сиддҳартна Гаутама то бистсола шудан дар ҳисори падари ҳукмдораш ҳаёти бе ташвишу бофарогатро аз сар мегузаронад. Яке аз рӯзҳо ҳангоми сайру гашт ба муйсафеди барҷомондаи ба дарди бедаво дучор гардида чашмонаш меафтад. Ва мулоқоти мазкур ҳаёти шоҳзода Сиддҳартна Гаутамаро тамоман тағйир медиҳад. Вай аз ҳаёти бофарогати сарой даст мекашад, ба мақсади дарёфти мазмуни ҳаёт ба саросари дунё ба саёҳат мебарояд.*

Яке аз рӯзҳо ориф Буддо ба маърифат ноил гардида, инсон ба маротиби сершумор тавлид ёфтанаш ва вафот карданашро дарк менамояд. Дар ҳаёти минбаъда чӣ гуна гардидани инсон пеш аз ҳама ба саъю кӯшиш ва амали он вобаста мегардад. Буддо ва ҳамсафони он буддоиён инсон дурӯғ нагуфта, молу мулк ҷамъ наоварданаш, нарехтани хуни мавҷудоти зиндаро дарк менамоянд. Буддоиён ба мақсади зер накардану озор надодани кирмҳо зимистон ҳам пойлуч гаштаанд.

Сараввал дар буддоиён худо набудааст, чунки онҳо — худоён барои сабук кардани азобу уқубати инсон ноқодир мебошад, меҳисобиданд. Аммо дере нагузашта, худи Буддо ба худо мубаддал ёфт. Имрӯзҳо ҳам ибодатхонаҳои буддоиро бо ҳайкалҳо дидан мумкин аст. Буддо дар ҳолати дар гули нилуфар ба хаёли сахт рафта, хомӯш истода, бо ифодаи рӯй қабоқҳояшро фуроварда, чорзону нишаста тасвир ёфтааст.

Дини нав аз пештараашон бо мавқеи инсон дар ҳам табақагардонӣ ва ҳам мавқеаш дар ҷамъият вобаста набуданаш фарқ мекунад. Ба фикри буддоиён, тамоми чиз ба худи инсон вобаста аст:

**Дар хотир доред!**

Ба вуҷуд омадани дини нави буддоӣ ба номи шоҳзода Сиддҳартна Гаутама вобаста аст.



**Буддо**

**Дар хотир доред!**

Сараввал дар буддоиён худо набуд. Чунки онҳо худоён барои сабук кардани азобу уқубати инсон ноқодир меҳисобиданд.

барои ба мукаммалӣ саъю кӯшиш намудани он, аз баҳри чизҳои зиёдатӣ баромадан заминаи пешрафти маънавӣ мебошад.



Дарёи Хуанхэ

***Худро озмуда бинед!***

***Буддоӣ — ин...*** ***Чандрагупта — ин...***
***Буддо — ин...***

### *Конспекти такягоҳӣ*

- асрҳои VII—VI пеш аз мелод — давлатхои Магадна, Кашала, Малла
- соли 327-уми то мелод юришҳои Искандари Мақдунӣ дар бобати забти Ҳиндустон
- Чандрагупта — асосгузори давлати Майруа, пойтахташ Паталипутра
- асри III пеш аз мелод — ҳукмронии Ашока – давраи шукуфоним Ҳиндустон
- ихтироъҳо: рақамҳо “сифр”, шоҳмот
- “Маҳобҳарата”, “Рамаяна” — ҳамосаҳои халқӣ
- буддоӣ — “дини бехудоён”

*Савол ва супоришҳо*

1. Дар асрҳои VII—VI пеш аз мелод дар Ҳиндустон кадом давлатҳо ба вуҷуд омаданд?
2. Ба кадом ҷаҳонгири дунё ба худ тобеъ сохтани давлати Ҳиндустон насиб нагардидааст? Чаро?
3. Номи асосгузори давлати Майруаро гӯед?
4. Дар давраи кадом ҳукмдор давлати Майруа ба рушди аз ҳама воло расидааст?
5. Кашфиёт ва ихтирои аз ҳама пураҳамияти ҳиндуёнро номбар кунед?
6. Ҳиндиён кадом динро “дини бехудоён” номидаанд?



Нусхаи манораи посбонони шаҳр. Асри I пеш аз мелод

## § 18. Тамаддуни Чини қадима

**Муғчаҳои тамаддуни Чин**

Чун Миср, Месопотамия ва Ҳиндустон дар Чин ҳам тамаддуни аввалин дар соҳилҳои дарёҳои номашон Хуанхэ ва Янсизӣ **дар ҳазораҳои 3-2 пеш аз мелод** сар задааст. Давлати қадимаи Чин дар қисми миёнаи дарёи Хуанхэ ба вуҷуд омадааст (бо чинӣ “Хуанхэ — маънои дарёи зардро ифода мекунад).

Хуанхэ, ки чиниён онро ҳамчун “дарёи беқарор” ва “дарёи ҳазорон офатҳо” ба забон мегирифтанд, шохаҳои худро тез-тез иваз менамуд. Ба ҳисоби миёна дар ҳар ду сол як бор обхезии серталафотро ба мобайн меовард. Одамон аз ин обхезиҳо танҳо дар ҷойҳои баланд истода ҷони худро наҷот мебахшиданд.

**Дар садаи 3 пеш аз мелод** дар Чин иттифоқҳои қабилаҳо ба вуҷуд омаданд. Дар охири ҳазораи 2 пеш аз мелод иттифоқ — шаҳрҳо дар атрофи як давлат муттаҳид гардиданд, номи давлат ҳам бо номи шаҳри асосии он “Шан” номбар гардид. Дар охири ҳазораи I пеш аз мелод қӯшуни қабилаи “Чжой” ба Шан зада медарояд. Ҳукмдори он заминҳои Шанро ба мулки худ ҳамроҳ карда мегирад ва тахти унвони “Чжой” давлати бузурге ба вуҷуд меояд.



Амалдори Чин

**Дар хотир доред!**

**Дар асрҳои 3-2 пеш аз мелод** дар Чин аввалин тамаддун дар соҳилҳои дарёҳои **Хуанхэ** ва **Янсизӣ** ба вуҷуд омадааст.




Чини қадима



Саҳрои шолӣ

Азбаски давлат ниҳоят бузург буд, ҳукмдорон онро “Зафарёр” ё худ “Шоҳигарии миёна” ном бурдаанд. Худашонро бошад, “Писарони Осмон” гуфтаанд. Саросари Чини Марказӣ дар зери тасарруфи ана ҳамин давлат қарор дошт.



**Истиқоматгоҳи амалдори сарватманд**

**Машғулиятҳои аҳолии Чин** Деҳқонӣ аз азал дар Чин касбу кори эътиборнок ва фахрнок ба ҳисоб мерафт. Зироати асосии кишоварзиро чавдор ва гандум ташкил медод. Сонитар чиниён ба парвариши шолӣ шурӯъ намуданд, тухмии шолӣ аз Ҳиндустон оварда мешуд. Шолӣ рӯёндан кори саҳл нест. Пеш аз пошидани тухмӣ саҳро бо омоче, ки ба гов пайваст мегардид, ронда мешуд. Баъди шудгор бо сихмолаи вазнини дандонҳояш кӯтоҳ заминро ҳамвор мекарданд. Азбаски тухмии шолӣ пешакӣ ба об тар карда мешуд, нумӯъ мекард. Кӯчати нумӯъкарда ба замин шинонда мешуд. Қитъаи киштшаванда аз об фаровон баҳра мебардошт, вақте ки қади кӯчат ба 20-25 сантиметр мерасид, дар саҳро мешинонданд. Тахминан баъди 100 рӯз шолӣ пухта мерасид, баъди ғундоштани ҳосил бо занҷирҳои чӯбин кӯфта мешуд.

Аҳолии Чин сонитар ба парвариши дарахти “чой” ҳам шуғл варзид. Аз баргҳои он“чой”-е тайёр мегардид, ки нӯшокии шифобахш ба ҳисоб мерафт. Чой ба зудӣ саросари дунё паҳн гардид.



**Ҳукмдори давлати Чжоу**

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Хуанхэ ва Янсизӣ-ин...*** | |
| ***Шан- ин...*** | ***Чжоу-ин...*** |

Дар Чин дарахти тутро ҳам парвариш мекар-данд ва яке аз машғулияти асосии дӯстдоштаи чиниён ба ҳисоб мерафт. Бо барги тут кирмакро парвариш мекарданд. Кирмакҳо дар пиллаҳо тор метананд, аз абрешим бошад, газвори ниҳоят сабуку нафис тайёр мегардид

**Давраи “шоҳони гала”-и Чин**

Дар асрҳои VIII–VII пеш аз мелод ҳокимияти марказӣ дар давлати Чжой суст гардидан гирифт. Баъзе ҳукмдорони вилоятҳо барои аз ҳокимияти шоҳигарӣ озод гардидан пайваста мекӯшиданд. Аҳолии вилоятҳои канора аз ба Чин ҳуҷум кардани қабилаҳои бодияни шин истифода бурда, алоҳида ҷудо гардида,ба ташкил кардани давлатҳои худ шурӯъ намуданд. Ҳамин тавр, **асрҳои VII-V пеш аз мелод** дар таърихи давр номи давраи “шоҳони гала”-ро гирифтааст. Дар Чин дар айни замон давраи “шоҳигариҳои мубориз” оғоз ёфт. Дар байни ҳукмдорони давлатҳое, ки аз ҳукмдории олии империяи “Зафарёр” ҷудо шуда баромада буданд, набардҳои оғозёфта зиёда аз 200 сол давом кард. Дар ин давра ҳукмдори давлати Син тамоми рақибонашро маҳв сохта, **дар асри III пеш аз мелод** давлати ягонаро ташкил намуд.



**Истеҳсоли коғаз**

### *Конспекти такягоҳӣ*

- Дар ҳазораи 3-2 пеш аз мелод — дар Чин тамаддун ба вуҷуд омад
- Хуанхэ —“дарёи беқарор”, “дарёи ҳазорон офатҳо”
- дар ҳазораи 2 пеш аз мелод — давлати Шан, Чжой
- деҳқонӣ — шолӣ; чой; кирмакпарварӣ
- дар асрҳои VII-V пеш аз мелод — давраи “шоҳигариҳои гала”
- дар асри III пеш аз мелод — давлати муттаҳидгардидаи Син ташкил ёфт



**Навиштаҷоти чинии болои устухон**

*Савол ва супоришҳо*

1. Дар кадом водии дарёҳо аввалин тамаддуни Чин ба вуҷуд омад?
2. Чаро Хуанхэро “дарёи беқарор” номидаанд?
3. Дар Чин давлати аввалин кай ташкил ёфтааст? Вай чӣ ном дошт?
4. Кадом давлати қадимаи Чин “Зафарёр” ном гирифтааст?
5. Машғулиятҳои асосии аҳолии Чини қадимаро номбар кунед?
6. Маънои номҳои “шоҳигарии гала” ва “подшоҳони мубориз”-ро дар таърихи Чин фаҳмонда диҳед.

## § 19. Чин дар асри III то мелодӣ ва асри II мелодӣ



**Син Шихуандӣ— ҳукмдори Чини марказонидашуда**

**Ташкилёбии давлати марказонидашуда**

Ҳангоми чараёни дар зери як давлат муттаҳид сохтани Чин ҳукмдори давлати Син, ки яке аз давлатҳои Чин буд, сару сарвариро ба даст гирифт. Ҳукмрони давлати Син рақибони худро торумор кард. Чинро дар зери ҳокимияти худ муттаҳид сохт. Баъди он вай номи Син Шихуандӣ (солҳои 246-210 пеш аз мелод)-ро қабул кард,ки он маънои “Аввалин ҳукмдори Син”-ро дорад. Ҳукмдор ҳудуди давлати худро ба 36 вилоят тақсим карда, ба ҳар якеаш ёварони худро сарвар таъин намуд.

Син Шихуандӣ, ки дар асл одами ниҳоят сахтдаст буд, аз ин рӯ рақибони худро бешафқатона нобуд сохт. Дар давраи ҳукмронии Син Шихуандӣ Чин гул – гулшукуфт; кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва савдову тиҷорат равоҷ ёфт.

Син Шихуандӣ ҳанӯз дар давраи зиндагиаш фармон дод, ки барояш мақбара созанд. Мақбараи мазкур аз ҷиҳати шаҳомату нақшу нигораш бо аҳромҳои Миср баҳс карда метавонад. Мақбараро 720 ҳазор одам дар бадали 37 сол сохтанд. Қаъри мақбара якчанд километри мураббаъ майдонро фаро гирифтааст. Аз қабри Син Шихуандӣ 6 ҳазор ҳайкалчаҳои сафолини аскарон ёфт шудаанд, ки барои “ҳифзи” ҳукмдор гузошта шуда буданд.



**Девори бузурги Чин**

**Девори бузурги Чин**

Син Шихуандӣ ҳангоми ҳукм-ронии худ барои эмин мондан аз ҳуҷуми аҳён-аҳён содиршавандаи хуннҳои бодиянишин ба сохтани Девори бузург шурӯъ намуд. Баландии девор 12 метр, фарохиаш 5 метр, дарозиаш 4000 километрро ташкил медод. Дар замонҳои қадим барои қӯшунҳои душман монеаи сахт гардидааст. Зеро аз он қӯшунҳои савора гузашта наметавонистанд, қалъаро бо роҳи ҳамла забт карданро ҳанӯз бодиянишинон ёд нагирифта буданд.

**Дар хотир доред!**

Дар Чин дар давраи Син Шихуандӣ барои ҳимоя аз бодиянишинҳои хунн Девори бузург сохта шудааст.

Шоҳ ва ашрофон ҳазорон-ҳазор деҳқононро маҷбур сохтанд, ки дар сохтмони девор ройгон кор кунанд. Девори бузург бо кӯмаки побелҳо, зоғнӯлҳо ва замбилҳо барпо гардид. Ҳамон вақт дар оилаи деҳқон тавлид ёфтани писарбача ба ҷумлаи мусибат даромадааст: чунки баробари ба воя расидан ӯро ба сохтмони девор сафарбар кардаанд, аз он ҷо зинда баргаштан амри муҳол буд. Ҳазорон ғуломон ва асирон аз меҳнати ниҳоят сахти сохтмони девор ҳалок шуданд. Маитҳоро дар худи ҳамин ҷо ба хок супурдаанд.



**Ҳукмдори сулолаи Хан Ю. Ди**

**Ошӯбҳои халқӣ дар Чин**

**Дар соли 206-уми пеш аз мелод** ошӯби деҳқонон муқобили сулолаи Син оғоз ёфт. Ба он Луи Ван ном шахс сарварӣ намудааст. Ошӯбгарон пойтахтро ишғол намуданд. Дар харобаҳои империя тахти сарварии сулолаи Хан давлати нав барпо гардид. Императори давлати сулолаи мазкур Ю. Ди дар давраи ҳукмронии худ (солҳои 140-87-уми пеш аз мелод) ба давлати аз ҳама пурқудрате мубаддал ёфта, то соли 220 пеш аз мелод арзи ҳастӣ намуд.



**Ҳайкалчаҳои сафолини аскарон. Аз бозёфтҳои мақбараи Син Шихуандӣ**

Чун дигар давлатҳои Шарқ дар Чин ҳам заминҳои мавҷуда аз они ҳукмдор буда, аҳолӣ натура месупурд, ӯҳдадориҳои мухталифи меҳнатиро ба иҷро мерасонд. Ҳосиле, ки ба ивази меҳнати зиёде рӯёнда мешуд, бисёр вақт ба деҳқон насиб намегардид. Баъди ҷамъоварии ҳосил ашрофон ва посбонон меомаданд. Деҳқон агар андозҳоро сари вақт дода натавонад, ё худ аз ӯҳдаи додани қарз набарояд, бар ивази қарз яке аз фарзандони худро дода мефиристод. Ба ивази пули ба даст омада ӯ имконияти бонӣ кардани аъзоёни боқимондаи оиларо то гирифтани ҳосили нав ба даст меовард.

Деҳқонон баъдтар ба сифати норозигӣ аз аҳволи вазнин гирдиҳамоиро ба вуҷуд меоварданд, ки он ба ошӯбҳо мубаддал мегардид. Якеи он номи “ошӯби абрӯвонсурхон”-ро гирифтааст. Чунки онон ба мақсади он ки ошӯбгаронро фарқ кунонанд, абрӯвонашонро бо ранги сурх оро дода буданд.



**Ошӯбҳои халқӣ дар Чин**



Сейсмограф



Чиннии Чин



Компасе, ки дар Чин ихтироъ гардид



Навиштаҷоти тахтасанги бамбук

“Ошӯби” рӯймолзардон” дар садаи II пеш аз мелод исёни аз ҳама калон буда, ба он тайёрии хуб дида буданд. Дар байни ошӯбгарон шахсоне буданд, ки санъати ҳарбиро хуб медонистанд. Ошӯб саросари мамлакатро фаро гирифт. Танҳо лашкари ҳукмдорони хуб мусаллаҳгардидаву до-рои таълими дурусти ҳарбӣ дошта ба пахшкунии ошӯб сабаб гардид. Вале ошӯбҳои халқӣ дар дигар вилоятҳои мамлакат идома ёфтанд. Баробари ҳуҷуми хуннҳо давлат бемадор гардид, **дар асри III мелодӣ** импе-рияи Чин ба се шоҳигарӣ тақсим шуд.

**Маданияти Чини Қадима**

Дар Чини қадим хати иэрог-лифӣ мавҷуд буд,ки сухано-ни пурраро ифода месохт. Саравал чиниён дар бамбукҳо навиштаанд. Чиниён бамбукро ба тахтапорчаҳои дароз-дароз тақсим карда, бо асочаи нӯгаш тез ҳарфҳоро бо сиёҳе менавистанд, ки аз шарбати дарахт тайёр мегардид. Дар тахтачаҳои борики дароз танҳо имконияти дар шакли сутун навиштан буд, барои ҳамин аз боло ба поён навиштани шакли хат боқӣ мондааст. Дар қисми болоии тахтачаҳои бамбук сӯрохӣ парма карда, онҳоро ба як даста бас-таанд. Дастаи тахтачаҳои бамбук вазифаи китобро ба ҷо овардаанд.

Аз ин 2,5 ҳазор сол муқаддам ба ҷои бамбук абрешимро истифода бурданд. Ба абрешим бо асоча не, балки бо мӯйқалам менавиштанд. Акнун китоб ба порчаи дарози абрешим монанд буд, онро барои дар шакли калоба тайёр кардан мепечонданд. **Дар асри I пеш аз мелод** коғаз ихтироъ гардид.

Яке аз ихтироъҳои аҷиби чиниён қутбнамо (компас) буд. Вай азбаски аз оҳани бо оҳанрабо фарогирифта сохта шуда буд, саравал деги калонро ба хотир меовард. Онро ба чӯби катакҳояш заррин гузошта, дастаи он мудом тарафи ҷанубро нишон додааст. Чиниён аз қутбнамо дар корҳои зарурӣ, дар маҳали хушкиву баҳр истифода бурдаанд.

Дар Чин асбоби сейсмограф ҳам ихтироъ гардида буд, ки заминларзаро пешакӣ маълум мекард. Олимони Чин оид ба таърих, ситорашиносӣ ва тиб бисёр асарҳо иншо карда буданд.

***Худро озмуда бинед!***

***Син Шихуандӣ – ин...   Иэроглиф ин....***
***Девори бузурги Чин – ин...***

### *Конспекти такягоҳӣ*

- Ҳукмдори давлати Син — Син Шихуандӣ
- Сохтмони Девори бузурги Чин
- ошӯбҳои халқӣ:
  — соли 236-уми пеш аз мелод — Луи Ван
  — ошӯбии “абрӯвонсурхон”
  — дар асри II мелодӣ — “Ошӯби руймолзардон”
- ихтироот: иэроглифҳо, коғаз, қутбнамо, сейсмограф

*Савол ва супоришҳо*

1. Номи ҳукмдореро гӯед, ки Чинро дар давлати ягона муттаҳид сохтааст. Воқеаи мазкур кай рӯй додааст?
2. Аз хусуси ҳукмдор Син Шихуандӣ нақл кунед, ба шахсияти он баҳо диҳед.
3. Аз хусуси Девори бузурги Чин чиҳоро медонед?
4. Дар Чин кадом ошӯбҳои халқӣ ба амал омадаанд? Сабабҳои онҳоро фаҳмонда диҳед.
5. Ихтироъҳои чиниёнро номбар кунед. Аз кадоми онҳо ҳоли ҳозир ҳам истифода мебарем?

**Дар хотир доред!**

Чиниён аз ин дуҳазору панҷсад сол муқаддам аз абрешим ба мақсади навиштаҷот истифода бурдаанд.



**Муаррихи Чини қадима Сим Сян**

## § 20. Давлатҳои аввалини ҳудуди Ӯзбекистон

**Таркиби этникии аҳолии қадима ва ҷойгиршавии ҳудудӣ**

Мувофиқи гувоҳии манбаъҳои хаттӣ **дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод** қавмҳои суғдиён, бохтариён, хоразмиён, сак ва массагетҳо дар ҳудуди Ӯзбекистон зиндагонӣ ба сар бурдаанд. Бисёр аҳолие,ки дар водиҳои Зарафшон ва Қашқадарё ҳаёт ба сар мебурданд, бо деҳқонӣ машғул шудаанд. Ҳудуди мазкур дар

**Дар хотир доред!**

**Суғд** – дар водии Зарафшон ва Қашқадарё, **Хоразм** – дар қисми поёноби Амударё, **Бохтар** – дар водии Сурхондарё, Афғонистони шимолӣ ва Тоҷикистони ҷанубӣ ҷойгир буданд.



Қавмҳои Осиёи Миёна дар асри VI то мелод





Осиёи Миёна ва Шарқи Қадима

манбаъҳои хаттӣ — Суғда (дар “Авасто”), Сӯғида (дар навиштаҷоти Беҳистун), дар асарҳои Арриан, Страбон, Квинт Курсӣ Руф Суғдиёна номида шудаанд. Аҳолие, ки дар ҳудуди мазкур истиқомат кардаанд, Суғдиён номида шудаанд.

Дар поёноби Амударё қавмҳои деҳқони муқи-мӣ — хоразмиён будаанд. Кишвари онҳо Хваризам (дар “Авасто”), Хваразмиш (дар навиштаҷоти Беҳистун), Хоразмия (асарҳои Арриан, Страбон) таъкид гардидааст. Дар асри VI пеш аз мелод ба мақсади ҳимояи сарзамини худ аз ҳуҷуми дигар қабила иттифоқи қабилаҳоро ташкил кардаанд.

Ҳамсоягони аз ҳама наздики суғдиён бохтариён буда, кишвари онҳо дар водии Сурхон, шимоли Афғонистон, ҳудуди ҷануби Тоҷикистон ҷойгир гашта буд. Дар манбаъҳои хаттӣ он Бахди (дар “Авасто”), Бактрис (навиштаҷоти Беҳистун) номида шудааст. Муаллифони юнонӣ-римӣ онро Багтриана ё худ Бохтар номидаанд.

Дар даштҳо ва соҳилҳои Амударё қабилаҳои бодиянишини массагетҳо ҳаёт ба сар бурдаанд. Сакҳо ҳам,ки дар кӯҳсору дашт ва заминҳои биёбони Осиёи Марказӣ ҳаёт ба сар бурдаанд, бо чорводорӣ машғул гардидаанд. Дар асри VI пеш аз мелод ба



**Ҷанговари сак.** Таҷдид

мақсади ҳимояи сарзамини худ аз дигар қабилаҳо иттифоқи қабилаҳои ҳарбиро ташкил кардаанд.

Мувофиқи навишти муаррихони қадимаи римӣ ва юнонӣ сакҳо ба се гурӯҳ тақсим гардида буданд. Қисми зиёди онҳо сака-тиграхауда, яъне онҳое будаанд, ки дар сар кулоҳи намадини нӯгаш тез доштаанду сакҳо гӯён ном мебурдаанд. Онҳо дар ҳудуди ҳозираи вилояти Тошканд ва Қазоқистони ҷанубӣ ҳаёт ба сар бурдаанд.

Гурӯҳи дуюм сакатиай-тарабарайя, яъне сакҳое,ки дар он тарафи дарё истиқомат мекунанд, номбар шудаанд. Онҳо дар соҳилҳои баҳри Арал, поёноби Сирдарё (номи қадимаи ин дарё Яксарт аст) истиқомат кардаанд.

Дар ноҳияҳои кӯҳсори Помир ва Фарғона сакҳо бо номи сака-хаумоварка умргузаронӣ кардаанд.



**Бодиянишин**

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| **Сакҳо** | ***тиграхауда — ин...***<br>***тиай-тарабарайя — ин...***<br>***хаумоварка — ин...*** |

**Ривоҷи иқтисодиёт дар асрҳои VII—VI пеш аз мелод**

Машғулияти асосии аҳолии Хоразм, Суғдиёна, Бохтар зироаткорие буд,ки ба обёрикунии сунъӣ такя мекард. Дар ҳаёти ҷамъият мавқеи ҳунармандӣ ва тиҷорат ҳам баланд буд. Аз манзилгоҳҳо ашёи сифаташ волои кулолгарӣ, силоҳҳои оҳанӣ ва биринҷӣ ёфт шудаанд.



**Сохтани зарфи сафолин дар чархи кулолгарӣ**

Машғулияти асосии қавмҳои бодиянишини сак ва массагет чорводорӣ буда, онҳо соҳиби рамаҳои калони шутур, асп ва гӯсфанду бузҳо буданд.

Аз пӯсти ҳайвон пойафзол, либос, чодирҳо дӯхта, ба ғалла ва мева иваз мекарданд. Халқҳои Осиёи Миёна бо мамолики Шарқ алоқаи маданиро ба роҳ мондаанд. Ҳамин тавр, дар байни аҳолии муқиму бодиянишини Осиёи Миёна тиҷорати байниҳамдигарӣ ба роҳ монда шудааст.



**Як қисми девори боқимондаи манзили бактриягӣ.**
*Асрҳои VI – V то мелод*

Дар натиҷаи рушди ҳунармандӣ ва савдо дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод шаҳрҳои қадима рӯ ба

инкишоф ниҳоданд. Онҳо бо деворҳои мустаҳками мудофиавӣ иҳота гардида, марказҳои ҳунармандии истеҳсолӣ ва савдо гардиданд.



**Хона-қалъаи Бохтари қадима. Водии Сурхондарё.**
Асрҳои VII — IV пеш аз пеш мелод

**Маданияти шаҳрҳои қадима дар асрҳои VII—VI пеш аз мелод**

Қадимшиносон шаҳрҳои қадимаи Афросиёб (Самарқанд), Ерқӯрғон ва Узунқир (водии Қашқадарё), Кӯзалиқир (Хоразм), Қизилтеппа (Сурхондарё)-ро омӯхтанд. Ин шаҳрҳои қадимаи Ӯзбекистон чӣ гуна намуд доштанд?

Нишонаи умумии хоси шаҳрҳои қадима бо деворҳои мудофиавӣ иҳота гардидан, қасри бошукӯҳе будааст, ки дар он ҳоким ҳаёт ба сар бурдааст. Дар қаср саройе ҷойгир шудааст, ки аз хишти хом сохта шудааст. Як гурӯҳи шаҳрҳо марказҳои ҳунармандӣ ва савдо бошад, дигарашон марказҳои алоҳидаи ноҳиявӣ ва вилоятӣ ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, аввалан шаҳри Қизилтеппа бо деворҳои мустаҳками мудофиавӣ печонда гирифта, девор бо хандаки пур аз об иҳота гардида буд. Дар девор бурҷҳо ва шинакҷойҳои махсусе будаанд, ки аз он ҷо тир паррондаанд. Дар дохили шаҳр хонадонҳо ва устохонаҳои ҳунармандӣ ҷойгир гаштаанд.

**Давлатҳои қадима**

**Дар асри V пеш аз мелод** дар ҳудуди Осиёи Миёна давлати ташкилёфтаи қадима Бохтар аст.



**Зарфҳои сафолини Қизилтеппа**

Марғиёна ва Суғдиёна ҳам дар зери таъсири сиёсӣ ва мадании Бохтар буданд. Аз ҳамин сабаб иттиҳодияҳои давлатҳо қавмҳое номида шудаанд,ки бо якдигар бародар гашта буданд. Дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод водиҳои Сурхондарё, Қашқадарё, Зарафшон ва вилоятҳои ҳамсарҳади Ӯзбекистон дар зери таъсири давлати Бохтари қадима буданд. Ба ҷои Қизилтеппа, Узунқир, Ерқӯрғон ва Афросиёб шаҳрҳои марказии Бохтар ва Суғд ҷойгир шуданд. Шаҳрҳои мазкур дар ҳудуди Ӯзбекистон аз ҳама қадима буда, синну соли онҳо аз 2700 кам нест.

Боз як давлати қадима дар ҳудуди Хоразм ташкил гардидааст. Давлати мазкур заминҳои

берун аз ҳудуди Ҳоразмро ҳам муттаҳид сохтааст. Яке аз марказҳои Хоразми қадим шаҳри Кӯзаликир будааст. Он бо девори ғафси мустаҳками мудофиавӣ иҳота гардида буд. Аҳолии он,ки бо деҳқонӣ машғул мегардид, дар ҳар гуна хонаву қасрҳо ва деҳаҳо истиқомат кардаанд. Дар Хоразми қадима ҳунармандӣ, бинокорӣ ва савдову тиҷорат ба дараҷаи хеле баланд инкишоф ёфтааст.

Шӯҳрати кулолгарӣ, силоҳсозӣ ва заргарии маҳаллӣ ба дигар кишварҳо паҳн гардида буд. Дар шаҳрҳо савдову тиҷорат равоҷ ёфтааст. Хоразмиён бинокор ва ҳунармандони моҳир буданд.

Ҳамин тавр, дар асрҳои IX-VIII пеш аз мелод дар ҳудуди Ӯзбекистон гузариш ба зинаи аввали асри оҳан оғоз ёфтааст. Дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод дар ин ҷо аввалин давлатҳои калон мавҷуд будаанд. Ҳунармандӣ, савдо дар ин шаҳрҳо рӯ ба инкишоф ниҳодааст. Бо мамлакатҳои Шарқи қадима алоқаҳои маданӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ҳудуди Ӯзбекистон дар замонҳои қадим тараққиёти давлатдорӣ ба зироаткории ба дараҷаи баланд тараққикардаи аҳолии маҳаллӣ такя намудааст.

**Дар хотир доред!**

**Афросиёб** — шаҳр, ки дар асрҳои VIII-VI пеш аз мелод сохта, дар канори шарқии шаҳри ҳозираи Самарқанд ҷойгир шудааст. Дар қисми аз ҳама боқимондаҳои қадимаи шаҳри Самарқанд қалъаҳо, хонадон, хонаҳои таъиноти ҳоҷагӣ то рӯзҳои мо омада расидаанд.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- Дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод — суғдиён, бохтариён, хоразмиён, сакҳо, массагетҳо
- Суғд → Сӯғуда → Суғдиёна
- Хваризам → Хваразмиш → Хоразмия
- Бахди → Бактриш → Бактриана (Бохтар)
- Амударё – массагетҳо, Сирдарё – сакҳо
- асри VII пеш аз мелод – давлати Бохтари қадима
- Қизилтеппа, Ерқӯрғон, Узунқир, Афросиёб
- Хоразм—Кӯзаликир



**Харобаҳои шаҳристони қадима**

*Савол ва супоришҳо*

1. Дар асри VII-VI пеш аз мелод дар ҳудуди Ӯзбекистон кадом қабилаву қавмҳо зиндагонӣ кардаанд?
2. Дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод намудҳои ҳунармандиеро номбар кунед,ки дар ҳудуди Ӯзбекистон инкишоф ёфтаанд?

3. Давлатҳои аз ҳама қадимаи Ўзбекистон кадомҳоянд?
4. Шаҳрҳои аввалини Ўзбекистон дар кадом намуд буданд?
5. Дар харитае,ки навиштаҷот надорад, шаҳрҳои аввалини Ўзбекистонро муайян кунед.
6. Дар кадом вилоятҳои Ўзбекистон чӣ гуна шаҳрҳо ва давлатҳои қадима ташкил гардидаанд?

## §§ 21 – 22. Зардуштиён



**Зардушт.**
*Расми замонавӣ*

**Таърихи бавуҷудоии зардуштӣ**

**Дар ҳазораи I пеш аз мелод** дар Осиёи Миёна бо номи зардуштӣ дин васеъ паҳн гардидааст. Дини мазкур вақте ки одамон табиатро илоҳӣ мекарданд, нумӯъ карда буд. Зардуштиён ба оташ (Офтоб), хок, об, Моҳ, ситорагон саҷда кардаанд, онҳоро муқаддас пиндоштаанд.

Калимаи “зардуштӣ” ҳам аз номи Зардушт (дар забонҳои мухталиф Зардуштра, Зороастр) баромадааст. Ў шахси таърихист, ки дар нимаи якуми ҳазораи I пеш аз мелод зиндагонӣ намудааст.

Сонитар дар Юнон номи пайғамбар Зардушт дар шакли “Зороастр” садо дод. (юнонии “астрон” — маънои ситораро дорад). Зеро дар Юнон ўро дар навбати аввал ба сифати мунаҷҷими донишманди ситорашинос медонистанд. Аз номи Зардушт гирифта шуда, таълимоти он ҳам дини зардуштиён номида шуд.

Дар бобати ба дунё омадани зардуштӣ як афсона ҳаст. Як рўз саҳарӣ Зардушт ба мақсади гирифтани об ба соҳили дарё меравад. Вай дар оби зулол симои яке аз сафирони Аҳурамаздоро дида мемонад, симо ба воситаи нур ба кадом тараф роҳ рафтанро нишон додааст. Зардушт аз паси нури сеҳрнок рафтан гирифтааст. Дере нагузашта дар назди илоҳи олӣ пайдо шудааст. Аҳурамаздо ба вай таъкид кардааст,ки Аҳурамаздо барои дар замин паҳн кардани амалҳои некаш Зардуштро интихоб кардааст.

**Дар хотир доред!**

**Зардушт** асосгузори дини зардуштиён аст.

Дар ҳамин лаҳза Зардушт дар 30-солагиаш ба пайғамбари таълимоти нави динӣ мубаддал ёфтааст. Калимаи “Пайғамбар” бошад, маънои “муждарасон оид ба амалҳои нек”-ро мефаҳмонад.

Қисмҳои аввали “Авесто” дар асрҳои IX–VIII то мелод пайдо шудаанд. Ҳамаи матнҳои вазъҳои Зардушт дар асри III пеш аз мелод дар 21 китоб ҷамъ оварда шудаанду китобҳои мазкур асоси “Авасто”-ро ташкил медиҳанд. Дар матнҳои “Авасто” бошад, шаҳр “Занд” номида мешавад.



**Аҳурамаздо**

**Паҳншавии зардуштӣ**

Вақте ки зардуштӣ паҳн мегардид, на ибодатхона, на китобҳои махсус барои омӯзиши матнҳо ба одамон буд. Маросимҳои динӣ дар зери осмони кушод, дар шафати гулхан ё худ дар атрофи оташи оташдони хонадон гузаронда мешуданд.

Аввалҳои ҳазораи I пеш аз мелод зарурати муттаҳид сохтани қабилаҳои мухталиф ба му-қобили истилогарон ба миён омад. Зардушт дар вазъҳои худ ба муттаҳидшавӣ даъват мекард.

**Дар хотир доред!**
Астролог (мунаҷҷим) — мувофиқи ҷойгиршавии ситорагон башорати гуногунро баён месозад.

Вазъҳои охири зардуштиён аз ҷониби коҳинон — хизматкорони дин навишта гирифта мешуд. Коҳинони зардуштӣ матнҳои диниро аз ёд карда, ба диндорон хонда медоданд. Баъди вафоти Зардушт чанд аср гузашта, тамоми маросимҳои динӣ, мадҳияҳо ва дуоҳо дар як китобе ҷамъ омаданд, ки барои зардуштиён муқаддас ба ҳисоб мерафт. Номи китоб “Авасто” буда, маънои қонуну қоидаҳои қатъан муайяншударо доранд.

Дар натиҷаи ҷустуҷӯйҳои олимон имрӯзҳо мо бо имконияти ошно гардидан бо матнҳои парокандаи китоби “Авасто” соҳиб гардидем. Олими фаронсавӣ А.Дюперрон бори аввал ба бахти тарҷума кардани қисмҳои алоҳидаи “Авасто” муяссар гардид.



**Тулӯъи Офтобе,ки зардуштиён ба он таъзим мекарданд**

**Худоён, таълимот ва маросимҳои зардуштиён**

Худоёни ба эътибори аз ҳама калони зардуштиён сазовор Аҳурамаздо, Митра ва Анаҳита буданд. Аҳурамаздо худои аз ҳама бузургу аз ҳама донишманди зардуштиён ба ҳисоб меравад. Митра— худои Офтоб ва равшанист, ҳимоятгари деҳқонон ва чорводорон дар бобати ҳосилнокӣ, фаровонӣ, атокунии молу давлат аст. Митра байни Аҳурамаздо

ва одамон воситагари асосӣ буд. Митра дар қиёфаи ҷавони ҷанговар тасвир ёфтааст. Ба воситаи раъду барқ вай бо худои бадтиннатӣ ва марг Аҳриман ҷанг мекунад. Рангинкамоне, ки баъди боронгарӣ ҳосил мегардад, чун тири аз камон паррондаистодаи Митра мебошад. Анаҳита барои зардуштиён илоҳаи ҳосилнокӣ ва об ба ҳисоб меравад. Таълимоти динии зардуштиён ба такомул додани нуқтаи назари диалектикӣ аз хусуси Некӣ ва Бадӣ таъсири калон мегузорад.



Митра — худои Офтоб

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Аҳурамаздо — ин...*** | ***Аҳриман — ин...*** |
| ***Анаҳита — ин...*** | ***Митра — ин...*** |

Мувофиқи таълимоти зардуштӣ, тамоми Ҳастӣ ва тамоми чизе,ки моро иҳота намудааст, аз ду ибтидо, яъне Некӣ ва Бадӣ ташкил ёфтааст. Байни Некӣ ва Бадӣ мудом мубориза давом мекунад. Масалан, муборизаи байни равшанӣ ва зулмат, ҳаёту марг, хубӣ ва бадӣ. Ҳаққу ҳуқуқ бошад, бо беҳуқуқӣ мубориза мебаранд.

Маънои аслии умри зардуштиён аз амали нек, сухани нек ва аз фикрҳои нек иборат будааст. Вазифаи асосии инсон саравввал тарзи зиндагонии адолатнок ба ҳисоб меравад. Дар мубориза ба муқобили Бадӣ ба Некӣ кӯмак расондан лозим меояд: дурӯғ нагуфтан, фиреб надодан, ба ваъда вафо кардан, фақат корҳои некро ба иҷро расон-дан шарт аст.



Коҳини зардуштиён

Мувофиқи таълимоти зардуштиён инсон роҳашро худаш интихоб мекунад, ҳимояву тарафдори кӣ буданашро ҳам худаш ҳал менамояд

Оташ, хок, об ва ҳаворо зардуштиён муқаддас пиндоштаанд. Зардуштиён барои дафн кардани шахси вафоткарда маросими алоҳидаро ташкил намудаанд. Вақте ки инсон вафот мекунад, ҷасади марҳумро ба замин гӯрондан, сӯзондан, ба об



**Тасвири худо Аҳурамаздо дар девори қаср.**
*Персепол*

партофтан ҳам мумкин нест. Аз ҳамин сабаб то ки паррандаву ҳайвонот ҷасади мурдаро хӯранд, дар иншооти махсус гузоштаанд. Устухонҳои бо борон пок гардида ва бо офтоб гирифтаро дар тобутча-ҳои махсуси сафолин — ассуариҳо (устухондонҳо) дафн кардаанд.

### *Конспекти такягоҳӣ*

Зардуштӣ (ҳазораи I пеш аз мелод)

- → Зардушт — асосгузори дини нав
- → “Зороастр” — “астролог”
- → “Авасто”
- → зарурати иттиҳодияи қабилаҳо
- → саҷда ба оташ
- → Митра, Аҳурамаздо, Аҳриман, Анаҳита
- → “Занд” — шаҳр дар “Авасто”
- → Муборизаи Некӣ ва Бадӣ
- → маросимҳои дафн
- → ассуариҳо

*Савол ва супоришҳо*

1. Тадқиқотгари аввалини зардуштиён кист?
2. Давраи дар Осиёи Миёна паҳн гардидани зардуштиро фаҳмонда диҳед.
3. Номи худоҳои олиеро номбар кунед,ки ба онҳо зардуштиён эътиқод доштаанд?
4. Кадом маросимҳои зардуштиёнро медонед?
5. Аҳамияти китоби муқаддаси зардуштиён “Авасто” дар чист?

**Дар хотир доред!**

Қисмиҳои аввали “Авасто” дар асрҳои IX—VIII пеш аз мелод пайдо шудааст. Матни вазъҳои Зардушт дар асри III пеш аз мелод дар 21 китоб ҷамъ сварда шудааст. Он асоси “Авасто”-ро ташкил медиҳад.



**Ассурия**

**Дар хотир доред!**

Маънои аслии умри зардуштиён аз амали нек, сухани нек ва фикр нек иборат. Вазифаи асосии инсон саравал тарзи зиндагонии адолатнок ба ҳисоб меравад.



# ФАСЛИ III
# ЮНОНИ ҚАДИМ

## § 23. Оғози таърихи атиқа

**Ҳудуд ва машғулиятҳо**

Юнони Қадим — номи умумии давлатҳои қадимаи юнонист, ки дар нимҷазираи Балкан ва ҷазираҳои баҳри Миёназамин ҷойгир буданд. Аз тарафи шимол Юнони Қадимро баҳри Миёназамин иҳота карда буд.



**Соҳилҳои қулладори Юнонистони қадима**

Аз се як қисми ҳудуди Юнонро қӯҳистон ишғол намудааст. Кӯҳи аз ҳама баланди Юнон Олимп буд. Кӯҳи мазкур дар қисми шимолӣ шарқии мамлакат маскан пайдо кардааст.

Заминҳои ҳосилхез танҳо дар водиҳо буданд. Ҷангалзор кам. Кӯҳҳо бо алафҳо ва буттаҳо фаро гирифтаанд. Ҷангалзорҳои сӯзанбарг дар шимоли Юнон ва Пелопоннес рӯидаанд. Аз дарахтони бутташакл ба сифати сӯзишворӣ истифода бурдаанд, пӯстлох ва барги онҳо ба гӯсфандон ва бузҳо ба сифати хӯрока дода шудаанд.




**Юнони Қадим**

Дар замонҳои қадим дар кӯҳистони Юнон хуки ёбоӣ, хирс, гург ва паланг зиндагонӣ кардаанд. Юнониён дар замонҳои ниҳоят қадим бо деҳқонӣ ва чорводорӣ шуғл варзидаанд. Олоти меҳнати деҳқонӣ бошад, омоч ба ҳисоб мерафт. Гӯсфанду бузҳоро бонӣ карда, миқдорашро афзун гардондаанд. Аз тиру камон ба сифати яроқу аслиҳа истифода бурдаанд.



**Юнониён дар бахр**

**Бавуҷудоии тамаддун**

**Дар асри 2 пеш аз мелод** аввалин шаҳр-давлатҳо пайдо шуданд. Аз он ҷумла Кносс, Микен, Тиринф, Пилос. Дар ҳазораи 2 пеш аз мелод дар ҷазираи Крит тамаддун ба вуҷуд омад. Бо номи шоҳи афсонавӣ Минос онро тамаддуни Миной номидаанд. Тамаддуни Миной азбаски ҷазираи Крит ба туфайли заминларза ва обхезиҳои пайиҳамӣ яксон гардид, вайрон шуд. Дере нагузашта аз нав барқарор гардид. **Дар соли 1450-уми пеш аз мелод** ба Юнон қабилаи микена зада медарояд, аҳолии муқими онро ахейҳо номидаанд. Маҳз ахейҳо ба барбод рафтани тамаддуни Миной сабабгор шудаанд. **Соли 1200 пеш аз мелод** дориҳо ба юнони ҷанубӣ зада даромада, давлати Микенро сарнагун сохта, ба давлати Спарта асос гузоштаанд.



**Харобаҳои иншооти тамаддуни Миной**

**Сайёҳатҳои баҳрии Юнон**

Ҷазираҳои сермиқдори хурду калон, бандару бандаргоҳҳои қулаи баҳри Эгей барои дар байни юнониён инкишоф додани баҳрнавардӣ имкониятро фароҳам овард. Вале юнониён соҳиби киштиҳои калон набуданд. Бо қаиқҳои бодбондор бошад, аз соҳил дур рафтан хатарнок буд. Ба ҷуз ин, дар юнониён ҳанӯз қутбнамо набуд, аз роҳгум задан меҳаросиданд, онҳоро дар масофаҳои наздик, бо чашмон муоина кардан мумкин буд, яъне масофаҳои хурд-хурд аз ҷазира ба ҷазира ё худ дар шафати соҳил шино мекарданд. Баҳрнавардони соҳибтаҷриба бошанд, аз бодбонҳо истифода бурда, ба масофаҳои дуродур — Миср, баҳрҳои Миёназамин ва Сиёҳ, шаҳрҳои соҳилҳои онҳо шино мекарданд. Юнониён худудҳоеро, ки одамон истиқомат мекарданд, Ойкумена номидаанд.



**Шаҳри Микен.**
*Таҷдид*



Гоплити юнонӣ



Бандаргоҳи Афина

**Дар хотир доред!**

Давлатҳои **Афина** ва **Спарта** шаҳр-давлатҳои аз ҳама бузурги Юнони қадима буданд.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- Нимҷазираи Балкан, нимҷазираи Пелопоннес
- ҳазораи 2 пеш аз мелод – давлатҳои Никен, Крит
- Соли 1450 пеш аз мелод – ахейҳо (қабилаҳои микена) — тамаддуни Миной (Критро) ба хароба мубаддал сохтанд
- Соли 1200 пеш аз мелод – дориҳо давлати Микенро ба хароба табдил сохтаанд

Савол ва супоришҳо

1. Аз харита ҳудудҳои Юнони Қадима ва Критро нишон диҳед. Мавқеи ҷуғрофии мамлакатро тавсиф намоед.
2. Дар Юнони қадим аввалин тамаддун дар куҷо ба вуҷуд омад? Чаро он завол ёфт?
3. Мавқеи ба худ хоси ҷуғрофии Юнони Қадим дар чист?
4. Кадом шарту шароити ҷуғрофӣ ба машғулиятҳои хоҷагидории юнониён таъсир расондаанд?
5. Чаро ба таърихи Юнони қадим сифати “атиқа” пайваста таъкид мегардад? Ин калима чӣ маънӣ дорад? Агар душворӣ кашед, ба луғат муроҷиат намоед.

## §§ 24 – 25. Равнақи Юнони қадим

**Шаҳрҳои Юнон**

**Дар асрҳои IX-VII пеш аз мелод** баробари ривоҷи деҳқонӣ ва ҳунармандӣ миқдори манзилгоҳҳо ва шаҳрҳо ҳам афзудан гирифт. Бисёр шаҳрҳои юнонӣ дар натиҷаи ба ҳам муттаҳид кардани чандин манзилгоҳҳо ташкил ёфт. Ин шаҳрҳо ва деҳаҳое, ки дар атрофи онҳо ҷойгир шуда буданд, шаҳр-давлатҳоро ба вуҷуд оварданд. Давлатҳои Афина ва Спарта аз ҳама калонтарини онҳо буд.

Шаҳрҳо—давлатҳо ҳамаашон “полис” ном бурда мешуданд, ба лашкари худ молик буданд (ба юнонӣ қадимаи “полис” маънои “шаҳрро” мефаҳмонад). Полисҳо бо ҳамдигар тез-тез меҷангиданд, аз ҳамин сабаб ба аскарон таълиму тар-бия додан ва хуб мусаллаҳонидан мекӯшиданд. Аскарони бо силоҳҳои вазнин мусаллаҳгардидаи лашкарро гоплитҳо ташкил медод. Онҳо бо қатори ба ҳамдигар рӯ овардаи шаклашон чоркунҷа ҷанг мекарданд.

Бо ҳамин тарз дар сафи ҷангӣ исто-дан фаланга номида мешуд. Мабодо гоплити дар сафи пешрафта истода кушта шавад, ҷанговари дар паси он истода ҷои аскари ҳалокшударо ишғол мекард. Сарбозон бо шамшеру найзаҳо мусаллаҳонида, онҳоро ҷавшани сари сина ва сипари чӯбини бо пӯст фарогирифта ҳимоя мекард. Сарро бошад, кулоҳи сахти аз биринҷӣ сохташуда муҳофизат менамуд.



Сохти дар саф зич истодани пиёдагардони юнонӣ (Фаланга)

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Шаҳр-давлатҳо — ин...*** | ***Полисҳо — ин...*** |
| ***Гоплитҳо — ин...*** | ***Фаланга — ин...*** |

**Давлати Афина** Дар қисми ҷанубӣ-шарқии Юнони Миёна нимҷазираи номаш вилояти Аттика ҷойгир буд. **Дар ҳазораи 2 пеш аз мелод** дар қисми ғарбии Аттика юнониён “Акропол”, яъне қалъае созонданд,ки “Шаҳри болоӣ” ном дошт. Рафта-рафта ба шафати шаҳр одамон кӯчида омада, ҷойгир гаштанд, ҳамин тавр шаҳри Афина ба вуҷуд омад.



Шаҳрвандони Афина

Аҳолии Аттика ба се гурӯҳи калон тақсим гардида буд: аз он ҷумла ғуломон, аҷнабиён (метекҳо) ва шаҳрвандон. Мардоне,ки падару модарашон афинагии озод мебошанд, шаҳрванди Афина шуда метавонистанд. Шаҳрванди давлати Афина шудан на танҳо фахрнок, балки фоиданок ҳам буд, зеро дар асри V пеш аз мелод барои дар мақомоти давлатӣ кор кардан дастмузди муайян дода мешуд.

**Дар хотир доред!**

Аҳолии Аттика ба се гурӯҳи калон тақсим гардида буд. Аз он ҷумда: **ғуломон**, **аҷнабиён** (метекҳо) ва **шаҳрвандон**.

Танҳо шаҳрвандон аз тамоми ҳуқуқҳо истифода бурдаанд. Онҳо аз меҳнати вазнин ва зараровари саломатӣ озод буданд. Ғуломдорон ба қадри ҳаёти ғуломон нарасидаанд  Ғуломонро ба пули ночизе фурӯхтаанд.

Маҳсулоти конҳои нуқра ва истихроҷи намак ба давлати Афина даромади калон меовард. Ба ҷуз ин, баробари мустаҳкам гардидани иттифоқи

баҳрнавардони Афина савдо ба воситаи баҳр ҳам вусъат ёфт. Ба воситаи бандаргоҳи Пирей,ки бандари асосии Афина шуда монда буд, ба мамлакат ҳазорон ғуломон ва ҳар гуна молҳо оварда мешуданд.

Хазинаи иттифоқи баҳрнавардии Афина дар шаҳри Афина ҷойгир шуда,ҳукмдорони шаҳр аз он мувофиқи салоҳияташон истифода мебурданд.

**Дар хотир доред!**

Пайкаратарошони юнонӣ ба воситаи ҳайкалҳо вазифаи ҳар як наврас бақувват, ҷисмонан тавоно ва ба ҳимояи Ватани хеш тайёр шуданашонро ифода кардаанд.

**Таълим дар Афина**

Дар Афина мактабҳои давлатӣ набуданд. Падару модарон барои хонондани фарзандони худ ба “педагог”- омӯзгор пул медоданд (юнонии “педагог” маънои “назоратчии бачаи дар роҳ будааст). Мувофиқи қонун танҳо барои писарон таълим гирифтан маҷбурӣ буд.

Аз ҳафтсолагӣ ба бачагон тарзи навишт ва ҳисобу китобро меомӯзонданд. Бо таёқчаи филизӣ-стил ба тахтачаҳои мум молидашуда ҳарфҳоро навиштаанд. Барои аксари шаҳрвандон таълим аз ҳамин иборат буд. Фарзандони волидони серпул бошанд, дар палестраҳо таҳсилро давом медоданд. Дар палестраҳо адабиёт хононда, шеърнависӣ ва мусиқӣ ёд дода мешуд. Болиғон ҳамчунин сирру асрори ҷанги дастӣ, корҳои ҳарбӣ ва бо асп давиданро омӯхтаанд.

Писарбачагон аз 14-солагӣ бо гимнастика машғул мегардиданд. Баробари ин ба онҳо сирру асрори гӯштин, найза ва дискғуррониӣ, ҷаҳидан ба баландӣ ва дарозӣ, ҳамчунин давидан омӯзонда мешуд.



**Дискғуррон. Пайкаратарош Мирон**

Дар палестраҳо ҳайкалчаҳое маҳфуз буданд,ки пайкаратарошони машҳур сохтаанд. Масалан, дар яке аз палестраҳо Мирон “Дискобол” (дискғуррон) ва Поликлет “Найзабардор” ном ҳайкалро гузошта буданд. Ба воситаи ҳайкалҳо ҷавонон чӣ тавр шуданашон, яъне пурқувватӣ, аз нигоҳи ҷисмонӣ баркамол ва барои ҳимояи Ватан мудом тайёр шуданаш таъкид гардидаанд.

Муассисаҳои таълими маълумоти олӣ дар Афина ҳам буданд. Аммо дар онҳо фарзандони аз ҳад зиёд

сарватманд таҳсил мегирифтанд. Дар ин қабил муассисаҳои таълимӣ ситорашиносӣ, геометрия, ҷуғрофия, таърих омӯзонда мешуд. Муддати таҳсил 3-4 сол давом мекард. Ана баъди он имконияти дар давлат ишғол намудани ягон вазифаи имконпазир муҳайё мегардид.

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Педагог — ин...*** | ***Стил — ин...*** |
| ***Палестра — ин...*** | ***Мирон — ин...*** |



**Шаҳрвандони Спарта (спартакиён)**



**Спартакиён ҳангоми набард**



**Ҷанговари спартагӣ**

## Спарта

**Дар асри XII пеш аз мелод** ба ҳудуди Юнони Ҷанубӣ (Лаконика) қабилаҳои бодиянишини дориҳо зада даромаданд. Онҳо қабилаҳои маҳаллиро ба худ тобеъ сохта, ба давлати Спарта асос гузоштанд. Фарқи он аз дигар давлатҳои юнонӣ ҳамин буд: илотҳо,ки спартачиён ба ғуломон мубаддал сохта буданд, дар асл юнонӣ буда, бо онҳо дар як забон ҳарф мезаданд.

Дар асрҳои VIII-VII пеш аз мелод миқдори ғуломон он қадар зиёд набуда, фарқ аз Афина дар ҳамин буд,ки дар Спарта миқдори ғуломон бисёриро ташкил медоданд, онҳо ҳам ба спартачиён бо нафрати калон муносибат мекарданд. Дар чунин шароит ҳукмронии худро танҳо баробари ташкил додани давлати пурқувват нигоҳ доштан мумкин буд. Барои ҳамин спартачиён ба дав-лати худ шарту шароити алоҳидаро фароҳам оварданд: интизоми қатъӣ, ки мебоист ҳамагон қатъан риоя менамуд, тарзи ҳаёти аниқ ба нақша гирифташуда, ҳамчунин ба мағлубон зӯроварии бешафқатона зоҳир намудан.

Спарта ба як шаҳри ба набард омодагардида монанд буд Хориҷиён ба он роҳ дода нашудаанд. Савдову тиҷорат суст ривоҷ ёфта, асарҳои санъат, ибодатхонаҳои зебо ҳам набуданд. Ҳамаи хонаҳо ба якдигар монанд буданд. Дар Спарта пайкаратарош, мусаввир, олимон набуданд.



**Кулолони периек дар сари кор**

Илотҳои мамлакат дар деҳаҳои хурд-хурди саросари кишвар истиқомат мекарданд, онҳо молу мулки спартагиён не, балки тамоми давлат ба ҳисоб мерафтанд. Илотҳо ба таври алоҳида заминҳои оилаи спартагиёнро аз нав кор карда, чорвояшонро бонӣ мекарданд ва бисёр дигар ӯҳдадориҳоро ба ҷо меоварданд. Спартачиён бошанд, танҳо ҷанговар ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо бо кишоварзӣ, чорводорӣ шуғл наварзида, яроқро аз даст намондаанд.

Ба ғайр аз илотҳо дар Спарта шаҳрвандоне, ки ба пуррагӣ соҳиби ҳуқуқи хеш набуданд, перийекҳо ҳам ҳаёт ба сар бурдаанд. Онҳо шахсан шахсони озод бошанд ҳам, дар Машварати мардумӣ иштирок намекарданд, дар лашкар хизмат нанамудаанд.

**Дар хотир доред!**

Илотҳо аҳолии маҳаллии аз тарафи спартакиён ғуломкардаи юнониён иборат буд. Ба ҷузъ ин дар Спарта периекҳо ҳам мезистанд, ки соҳиби ҳуқуқи шаҳрвандии пурра набуданд.

Дар Спартаи қадим одамони пурқуввату тобовар эъзоз карда мешуданд. Фарзандон дар шароити ниҳоят сахт ба воя мерасиданд. Аз азал барои ба мустақилӣ ёд додани онҳо фарзандонро намепоиданд. Бачагон барои худ ғизо меёфтанд. Дар чунин шароит бачагон маҷбур буданд, ки дуздӣ намоянд.

Дар мактабҳои Спарта бачагонро бо корҳои ҳарбӣ ошно месохтанд, онҳоро пурқуввату тобовар карда ба воя мерасонданд.

Бонувони Спартаро маҷбур мекарданд, ки бо машқҳои ҷисмонӣ машғул гардад, дар мусобиқаҳои варзишӣ иштирок намояд.

**Сабабҳои азхудкунии ҳудудҳои нав**

Дар Юнони қадим бисёр шахсоне буданд, ки аз ашрофзодагон қарздор гардида, соҳиби мулки хеш набуданд. Ҳамчунин миқдори одамоне, ки хонаву ҷой надоштанд ва мудом гурусна мегаштанд, ба қадри зарурӣ буд. Бисёрии онҳо маҷбур шуданд,ки ватанро тарк намоянд, барои омади худро дар кишварҳои бегона озмудан саъю кӯшиш менамуданд.



**Илотҳо ҳангоми ҷамъоварии ҳосил**

Тоҷирони юнонӣ ба воситаи киштиҳо ба кишварҳои дуродур паси ҳам рафта меомаданд. Онҳо аз хусуси заминҳои ҳосилхези соҳилҳои баҳри Миёназамин бо шавқу завқ ҳикоя мекарданд.




**Колонияҳои Юнони бузург**

Деҳқонони безаминёи,ки касод шудаанд, барои ба сафар баромадан омодагӣ дидан гирифтанд. Ғуломдорони сарватманд ба кӯчбандҳо дасти мадад дароз кардаанд. Кӯчбандҳо ба роҳ моҳии дуд кардашуда, равғани зайтун, силоҳи меҳнат ва бодбонҳои захиравиро гирифтаанд. Ҳамчунин роҳбаладоне ҷудо карда шудаанд, ки роҳҳои баҳриро хуб медонистанд, ба манзилҳои кӯчбандҳо рафтаистода равуо карда буданд.

Пеш аз кӯчбандӣ юнониён бахшида ба худоҳояшон қурбонӣ кардаанд. Ҳамроҳи худ дар сабатчаҳони қамишини бо лой рӯкашгардида оташ гирифтаанд. Дар айни замон оташ як порчаи ватане буд, ки онро тарк мекарданд




Тангаҳои юнонӣ

**Ташкилёбии колонияҳои Юнон**

Кӯчбандони юнонӣ дар соҳили ҷазираи Ситсилия ва ҷануби нимҷазираи Апеннин ҷойгир шуданд. Манзилгоҳҳои онҳо дар соҳилҳои баҳрҳои Миёназамин ва Сиёҳ ҳам пайдо гардиданд. Ба оҳистагӣ манзилгоҳҳои муваққатии юнониён ба масканҳои доимие мубаддал ёфтанд, ки шаҳрдавлатҳои Юнонро ба хотир меовард. Дар шаҳр-ҳои мазкур савдову тиҷорат ва ҳунармандӣ ривоҷ ёфт.



Ҷойгиршавии юнониён дар соҳилҳои баҳри Сиёҳ

Қариб ҳамаи колонияҳо давлати мустақили ғуломдорӣ буданд. Аҳолии онҳо бо шаҳрҳои Юнон-

полисҳо алоқаи мунтазамонаро ба роҳ монданд. Юнониён худро халқи ягона – *эллинҳо* гӯён ҳис мекарданд, ватани худро бошад Эллада меномиданд. Ба эллада ғалла, маъдан ва ғуломонро меоварданд .



**Сутунҳои ибодатхонаи шаҳри Херсонес**

Юнониён худро ба “варварҳо” муқобил мегузоштанд, дар атрофи заминҳои азхудкардаи онҳо халқҳоеро,ки истиқомат мекарданд, юнониён “варварҳо” меномиданд.

Кӯчидани оммавӣ ва ташкил кардани колонияҳо то **садаҳои VIII ва VI пеш аз мелод** давом кард. Давраи мазкур дар таърих номи мустамликадории бузурги Юнонро гирифтааст. Дар соҳилҳои баҳри Сиёҳ мустамликаҳои Олвия, Херсонес, Пантикапей, Танаис, Фасис, Трапезунд ва дигар колонияҳои калон ба вуҷуд омаданд. Дар соҳилҳои баҳри Миёназамин беш аз сад колонияҳои юнонӣ ташкил ёфтанд.

**Дар хотир доред!**

Колониякунонии Юнони бузург то аввали **асрҳои VIII-VI пеш аз мелод** давом кардааст.

Шиносоӣ бо мамлакатҳои нав маданияти юнониро ғанӣ сохт. Масалан, дар асри VIII пеш аз мелод дар Юнон хати нав ба вуҷуд омад,ки асосашро ҳуруфоти Финикия ташкил медод. Алифбо аз 24 ҳарф иборат буд. Дар байни онҳо ҳарфҳои садонок пайдо шуданд. Маҳсулотивазкунӣ байни колонияҳо ва шаҳрҳои Юнон ба ривоҷи савдову тиҷорат ва ҳунармандӣ асос гузашт.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- дар ҳазораи IX—VIII пеш аз мелод — ба шаҳрҳо-давлатҳо мубаддал ёфтани манзилгоҳ (полис)-ҳо
- гоплит → фаланга
- Акропол → “шаҳри болоӣ”
- ғуломон → метекҳо → шаҳрвандон
- педагог — “назоратчии бачагон”
- чӯбҷаи маъданӣ — стилҳо
- палестра
- Мирон — “Дискғуррон”, Поликлет — “Найзабардор”
- дар асри XII пеш аз мелод — дориҳо (Спартаро) забт намуданд
- перийекҳо — илотҳо
- асрҳои VIII-VI пеш аз мелод колонияҳои — Херсонес,
- Пантикапей, Танаис, Фасис, Трапезунд



**Маҷлиси халқ дар Пантикапей**

*Савол ва супоришҳо*

1. Шаҳрҳои Юнон бо кадом тарз ташкил ёфтанд?

2. Полис чист? Ба худ хосии полис дар чист?
3. Аҳолии Аттика ба кадом гурӯҳҳо тақсим гардида буданд?
4. Барои чӣ шаҳрванди Афина шудан на танҳо фахрнок, балки фоидаовар ҳам буд?
5. Дар Афина ба бачагон чиҳоро меомӯзонданд?
6. Давлати Спарта чӣ тавр ташкил ёфт? Аҳолии ин давлатро чӣ ном мебурданд?
7. Спартакиён бо кадом қонунҳо ҳаёт ба сар бурда буданд?
8. Илотҳо ва перийекҳо киҳоянд? Бо мавқеи худ аз рӯи чияшон фахру ғурур доштанд?
9. Сабабҳои оғозёбии колонияҳои Юнон дар чист?
10. Чаро давлат колонияҳоро ҷонибдорӣ кард?
11. Аз харита колонияҳои Юнонро нишон диҳед?

**Дар хотир доред!**

Дар соҳилҳои баҳри Сиёҳ Олвия, Херсонес, Тантикапей, Танаис, Фасис, Трапезунд ва дигар колонияҳои бузург ба вуҷуд омаданд. Дар соҳилҳои баҳри Миёназамин беш аз сад колонияи юнонӣ ташкил ёфт.

## § 26. Демократия дар Афина

**Ташаккули демократия**

Дар маркази шаҳри Афина майдон ҷойгир шуда, атрофи онро иморатҳои мухталиф иҳота карда буданд. Майдон бошад, агора гуфта ба забон гирифта шудааст. Қисми зиёди аҳолии шаҳрро ҳунармандон ва тоҷирон ташкил медоданд.

Тамоми шаҳрвандони ҷинси мардинаи шаҳри Афина аз хусуси чӣ тавр идора кардани давлат фикру мулоҳизаҳои худро баён мекарданд. Онҳо барои муҳокима намудани муаммоҳои ба миён омада ва қабулкунии қонунҳои нав моҳе чор маротиба дар Агора ҷамъ мешуданд. Тамоми қарорҳо бо роҳи овоздиҳӣ қабул мегардид. Ин шакли идоракунӣ демократия номида мешуд. Яъне ин истилоҳот маънои “ҳокимияти халқ”-ро мефаҳмонад (“демос” — халқ + “кратос” — ҳокимият).



Афина. Акропол

**Қонунҳои Драконт**

**Дар асри VII пеш аз мелод** дар идоракунии Афина маҷлиси оқсақолон аҳамияти калон дошт. Ҳамин маҷлис ҳокимон ва судяҳоро интихоб кардааст. Онҳо чун дигар аъзоёни маҷлис танҳо аз ҷумлаи ашрофзодагони Афна буданд. Чун дигар шаҳрҳои Юнон дар Афина ҳам як қисми аҳолӣ ашрофзодагон (аристократия) қариб тамоми молу мулк ва сарватҳоро ихтиёрдорӣ мекарданд, қисми дигарашон бошанд “халқ” (“демос”) барои ба фоидаи



Нутқи нотиқ дар ҳузури шаҳрвандони Афина

онҳо кор кардан маҷбур буд. Ва маҳз ана ҳамин дар байни аҳолии мамлакат манбаи норизогӣ ва низоъҳои байниҳамдигариро ташкил медод.

Ҳар ду ҷониб ҳам қарор ёфтани адолатро хоста, ба ҳукмдори номаш Драконт муроҷиат намуданд. Онҳо аз Драконт илтимос намуданд,ки аз хусуси ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳое,ки ҳамагонро қонеъ мегардонад, қонунҳо қабул кунад. **Дар соли 621-уми пеш аз мелод** Драконт қонунҳоеро менависад ва дар амал татбиқ мекунад, ки идоракунии халқро беэътибор гардонда буд. Қонунҳои мазкур чунон сахту бешафқат буданд, ки афинагиён ба он "сиёҳӣ монда, бо хун иншо гардидааст" гуён таъриф додаанд. Барои қонунро андаке вайрон кардан Драконт якто ҷазо—ҷазои қатлро муайян кард. Масалан, мувофиқи қонунҳои Драконт одаме,ки аз боғи касе себро медуздад, қатл гардиданаш шарт аст, Қарздорон ба ғуломӣ маҳкум мешуданд.



**Ҷазои қатл мувофиқи қонунҳои Драконт**

**Дар хотир доред!**

Аҳолии Афина аз ду қисм – зодагон ва демосҳо иборат буд.

Саравваал афинагиён ба ин қонунҳо итоат карданд, сипас норизо шудан гирифтанд ва қонунбарор Драконтро аз шаҳр пеш намуданд.

**Ислоҳоти Солон**

Аҳволи халқ торафт бад мегардид, барои ҳамин одамон барои ҳаққу ҳуқуқҳои худ ба мубориза бархестанд. Қашшоқон,ки бо асоҳо, аслиҳаҳои сангину маъдан ва ғайра мусаллаҳ буданд, ба қасрҳои ашрофзодагони номдор ҳамла кардан гирифтанд. Аз ҷону мулки худ ба хавотир афтода, ашрофзодагон ба гузашт намудан ва ба иҷрои як қисми талаби халқ қарор карданд.

Ашрофзодаи донишманду соҳибтатрибои номаш Солон махсусан барои гузашт кардан сахт тарафдор буд. Солон ба ашрофзодагон чунин гуфта муроҷиат намудааст: "Дар бисёр шаҳрҳои Юнон шудам, халқ ба муқобили ашрофзодагон чӣ тавр баромада истоданашро бо чашмони худ дидам. Барои ба бенавоён ҳамроҳ шудани ғуломон роҳ нагузошта, беҳтараш як қисми талабҳои халқро ба ҷо овардан лозим аст".



**Бозгашти юнониёни қарздор баъди ислоҳоти Солон дар Юнон**

Ашрофзодагон ба Солон бовар карданд ва ӯро ҳукмдори Афина интихоб намуданд. **Дар соли 594-уми пеш аз мелод** Солон сохтори пештараи идоракунии давлатро тағйир дод. Сохтори пештараи идоракунӣ — аристократияро (ҳокимияти одамони аз ҳама хубро) Солон ба демократия (ҳокимияти халқ) иваз намуд. Дар идоракунии давлат танҳо шаҳрвандон – мардон иштирок карда метавонистанд. Бонувон ва хориҷиён (онҳоро метекҳо меномиданд) дар қабулу овоздиҳии қонунҳо иштирок карда наметавонистанд.

Ислоҳоти Солон аз бекор кардани қарзи деҳқонон ва ғуломӣ, ҳамчунин аз ислоҳоти идоракунии давлат иборат буд. Солон, ки аз хонадони ашрофзодагон буд, онҳоро хафа карданӣ набуд, танҳо барои пешгирӣ кардани ошӯбҳои халқӣ кӯшидааст. Ислоҳоти идоракунии давлат барқарор кардани фаъолияти Маҷлиси халқ ва қатъӣ назар аз наслу насаб ишғол намудани мансабҳои давлатиро дар бар мегирифт. Баъди ислоҳоти Солон аҳолии Аттика ба шаҳрвандон ва ғуломони аз хориҷ оварда тақсим гардиданд.

**Дар хотир доред!**

**Дар соли 594-уми пеш аз мелод** Солон идоракунии давлатро аз аристократия ба демократия гузаронд.



**Солон – хукмдори давлати Афина**

***Худро озмуда бинед!***

***Аристократия — ин...*** ***Ислоҳотҳо — ин...***
***Метекҳо — ин...***

**Рушди демократия дар Афина**

Тамоми шаҳрвандони 20-солаи мансуби ҷинси мард дар Маҷлиси Халқ иштирок карда метавонистанд. Қисми калони Маҷлиси халқӣ аз ғайрисарватмандон—ҳунармандон, тоҷирон, коргарони рӯзбай, деҳқонон иборат буд. Дар Маҷлиси Халқ қарорҳое қабул гардид,ки барои мардум фоидаовар буд.

Рӯзи навбатии маҷлис пешакӣ эълон мегардид. Маҷлис субҳи барвақт таъин мегардид, чунки одамони меҳнаткаш рӯзона ба маҷлис омада наметавонистанд. Барои сер кардани шикам ғизо ёфтан лозим буд.

**Маҷлиси халқ**
↓
**Стратег**
↓
**Машварати панҷсадиён**
↓
**Суди халқӣ**



**Ҷамъомади машварати панҷсадиён**

Дар Афина шахсони мансабдор аз ҷониби Маҷлиси Халқ ба муддати муайян интихоб карда шуда, ба он ҳисобот медоданд. Мабодо шахси мансабдор вазифаи худро иҷро карда натавонад, Маҷлиси халқӣ ин одамро аз вазифааш бармаҳал маҳрум месохт.

Маҷлиси халқӣ қонунҳои навро тасдиқ мекард, қонунҳои кӯҳнаро беэътибор мегардонд, дигар қарорҳо, масалан, барои сохтмони иншоотҳои нав, лашкар ва дигарон маблағ ҷудо кардан қарор қабул мекард.

Машварати панҷсадиён,ки ҳар сол интихоб карда мешуд, масъалаҳои ҷориро ҳаллу фасл мекарданд. Қарорҳои онро Маҷлиси Халқ тасдиқ мекард. Ба машварати панҷсадиён стратег сарварӣ мекард. Қарорҳои машваратро Маҷлиси Халқ тасдиқ менамуд.

Суди халқӣ ҳам дар Афина мақомоти муҳими давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Шаҳрвандони аз 30-сола боло дар фаъолияти он иштирок карда метавонистанд. Айбдор худро барои ҳимоя карданаш одамеро ҷалб карда метавонист, ки хушрӯ ҳарф зада, қонунҳоро хуб медонист.

**Асри Перикл**

Дар давраи ҳукмронии Перикл,ки **солҳои 443-429 пеш аз мелод** ба лавозими стратег 15 маротиба интихоб гардида буд, Афина давлати аз ҳама қудратнок гардид, дар мамлакат демократия инкишоф ёфт. Барои ҳамин ҳам он давр “асри Перикл” номида мешавад. Нависандагон, олимон ва мусаввирони аҷиби юнонӣ дӯстони Перикл буданд. Перикл бо муаррих Геродот, пайкаратарош Фидӣ дӯсти наздик буд. Перикл соҳиби обрӯ ва нуфузи калон буд. Ӯ халқро барои қабули қарори ба вай мувофиқ маҷбур накардааст, ба қувваи боварӣ такя намуда, корро пеш бурдааст. Перикл ҳеҷ гоҳ мухолифати сиёсӣ ва шахсонеро,ки рафтори ӯро танқид мекарданд, ба таъқиб нагирифтааст.



**Маҷлиси халқ**

Перикл барои кор дар лавозимҳои Маҷлиси Халқ дастмуздро ҷорӣ намуд. Дар давраи ҳукмронии Пе-

рикл дар Афина корҳои калони бунёдкорӣ амалӣ гардидаанд. Ташаббускори сохтани иншооти машҳури дар Акропол – Парфенон – ибодатхонаи илоҳа Афина Перикл буд.

Баъди торумор гардидани форсҳо дар нимаи дуюми асри V пеш аз мелод Спарта ба рақиби асосии Афина мубаддал гардид. Барои аз хавфу хатар эмин нигоҳ доштани шаҳр Перикл қарорро аз хусуси аз Афина то бандари баҳри Пирей сохтани девори мудофиавӣ қабул намуд.

Фаъолияти Перикл ба шаҳриёни бадавлат намафорид ва вай барои баргардондани ҳамлаҳои ашрофзодагон маҷбур буд. Перикл ба касалии вабо дучор омад ва баъди вафоти ӯ бисёр навгониҳо беътибор дониста шуданд.



**Перикл-стратеги Афина**

***Худро озмуда бинед!***

> ***Машварати панҷсадиён — ин... Перикл — ин...***
> ***Стратег — ин... Парфенон — ин...***

**Дар хотир доред!**

Дар давраи ҳукмронии Перикл,ки **солҳои 443-429 пеш аз мелод** ба лавозими стратег 15 маротиба интихоб гардида буд, Афина давлати аз ҳама қудратнок гардид.

## ***Конспекти такягоҳӣ***

- → агора — майдон барои ҷамъомадҳои халқӣ
- → демократия – ҳокимияти халқ
- → аристократҳо → демос
- → соли 621 пеш аз мелод — қонунҳои Драконт
- → соли 594 пеш аз мелод — ислоҳотҳои Солон
- → солҳои 443-429 пеш аз мелод — Перикл 15 маротиба ба лавозими стратег баргашта интихоб шудааст
- → Парфенон → ибодатхонаи илоҳа Афина

*Савол ва супоришҳо*

1. Аз харита давлати Афинаро нишон диҳед ва онро тасвир карда диҳед?
2. Демократия чист? Дар Афина демократия дар кадом шакл намудор гардидааст?
3. Баъди гузарондани ислоҳотҳои Солон дар зиндагонии аҳолӣ чиҳо тағйир ёфтанд?
4. Мувофиқи ислоҳоти Солон мақомоти асосии идоракунии давлати Афинаро шумуред?
5. “Асри Перикл” чист?


**Ҳимоятгари афинагиён – илоҳа Афина**

## § 27. Набардҳои байни юнону форс

**Юнониён ва форсҳо**

Дар асри V пеш аз мелод ба Юнон форсҳо таҳдид овარданд. Давлати форс тахти ҳукмдори худ Доро I барои забт кардани мамлакат ҳаракат мекард. Юришҳои ҳарбии форсҳо ба Юнон номи набардҳои юнону форсро гирифтаанд, онҳо **дар соли 490 пеш аз мелод** сар шуда **то соли 449 мелодӣ** давом кардаанд.



Киштиҳои форсҳо дар соҳилҳои Юнон

Дар тамоми шаҳрҳои Юнон сафирони форс пайдо шуданд. Онҳо: “Ҳукмдори мо, шоҳаншоҳи бузург Доро, соҳиби ягонаи тамоми одамон аз тулӯъ то ғуруби Офтоб аз шумоён замин ва об талаб намекунад”, гуён бо овози баланд ҳарф мезаданд.

Аҳолии баъзе шаҳрҳои Юнон ба форсҳо илоҷи муқовимат нишон додан набуданро мепиндоштанд, барои қабул кардани шартҳои шоҳаншоҳ Доро I ро-зӣ буданд.

Афина ва Спарта қарор кард,ки ба истилогарон итоат намекунад. Вақте ки сафирони форс ба Афина омаданд, аҳолии шаҳр дарғазаб шуда, онҳоро куштанд ва мурдаҳоро аз қулла ба поён партофтанд. Спартагиён,ки сафиронро ба ҷоҳҳои чуқур партофта буданд, бо заҳрханда мегуфтанд: “Обу замини кирояро аз қаъри ҷоҳ меёбем—дия?!

**Дар охири асри VI пеш аз мелод** шоҳони форс шаҳр – давлатҳои юнониро дар Осиёи Хурд забт на-муданд. Ҳукмдори Афина ба полисҳои юнонӣ дасти мадад дароз намуд. Аз ин Доро I ба ғазаб омада қарор кард,ки аз Афина қасоси бешафқатона мегирад.



Ҷанговарони Форс

**Ҷанги Марафон**

**Сентябри соли 490 пеш аз мелод** флоти ҳарбии форс баҳри Эгейро миёнабур кард ва ба соҳили Аттика лангар партофт. Киштиҳои форсҳо дағал ва ба сӯи дигар тофтан душвор буданд. Дар ҳамвории Марафон саворагони форс,ки бо тиру камон мусаллаҳ буданд, аз киштӣ фуромадан гирифтанд. Ҳамвории мазкур барои ҳаракати лашкари савора қулай буд, форсҳо маҳз дар ҳамин ҷо ба пеш бурдани набард қарор карданд.




**Набардҳои юнону форс**



**Ҷанговарони форс.**
*Ҳайкали дар сатҳи ҳамвор кандакоришуда*

Юнониёне, ки нисбати форсҳо аз ҷиҳати миқдор камшумор буданд, аз ҳамин сабаб аз ағбаҳое ҷой гирифтанд,ки саворагони форс ба он ҷо рафта наметавонистанд.

Лашкари юнониён роҳҳои дохили ба сӯи Аттика равандаи қӯшунҳои форсро миёнабур карда монд. Вале барои ба ҷанги кушод даромадан меҳаросид. Як ҳафта гузашт. Форсҳо айёрӣ карданд. Шабона онҳо қӯшунҳои савораи худро ба киштиҳо бор карданд, Аттикаро давр зада гузаштанд, бо зарбаи нобаҳангом ишғол кардани Афинаро мақсад карданд. Саркардаи қӯшунҳои юнонӣ Милтиад субҳ аз воқеаи рухдода бохабар гашта, аҳд кард,ки қӯшунҳои дар водии Марафон мондаи форсҳоро торумор созад. Қӯшунҳои пиёдагарди юнонӣ чун фаланга саф кашиданд. Форсҳо мобайни онҳоро сӯрох намуд. Вале отрядҳои пурқуввати дар ду канори фаланга ҷойгиршудаи юнониён форсонро маҷбур сохт,ки роҳи гурезро пеш гиранд.

Дар айни замон юнониён аз паси қӯшунҳои пиёдагарди форсии дар ҳамворӣ монда рафта ба дарун дохил мешуданд. Форсҳои аз ба асирӣ афтидан ҳаросида, ба сӯи киштиҳои худ ҳаракат карданд. Юнониён дар набарди ҳалкунанда ҳафт



**Тарҳи набард дар водии Марафон**

**Дар хотир доред!**

Набарди Марафон **соли 490 пеш аз мелод** байни юнониён ва форсҳо ба амал омада, дар он юнониён нашъаи ғалабаро чашиданд.

киштии форсҳоро ишғол карда буданд. Қӯшунҳои боқимондаи форсҳоро торумор карданд ё ба асирӣ гирифтанд. Юнониён аз нашъаи ғалаба баҳра мебардоштанд.

Мувофиқи фармони Милтиад як ҷанговар ба мақсади хабар додани ғалаба аз болои форсҳо ба сӯи шаҳри Афина давид. Ҷанговар 42 километр масофаро тай намуда, “ғалаба, ғалаба” гуён дод зада, нафасаш гирифта, дар ҳолати мадҳушӣ меғалтад. Баъдтар давидан ба масофаи дуродур давидани Марафон номидагӣ шуд.



**Ҷанги Фермопил**

**Ҷанги Фермопил**

Ҳангоми тайёрӣ ба ҷанги нав Доро I вафот намуд. Қӯшунҳоро ба Юнон писари вай Ксеркс бурд.

Қӯшунҳои форсҳо аз қабилаҳои гуногун ташкил ёфта, силоҳу аслиҳа ва усули ҷангиашон як хед набуд.

Қӯшунҳои Ксеркс **соли 480 пеш аз мелод** ба қалъаи Геллеспонт расида омад. Мувофиқи фармони шоҳ кӯпруки дарозиаш беш аз як километр сохта шуд. Ксеркс,ки сарҳади Юнонро убур карда буд, паси ҳам шаҳрҳоро забт кардан гирифт.

Дараи Фермопили кӯҳсор роҳи ягонае буд,ки аз шимол ба ҷануби Юнон мебурд. Юнониён хостанд,ки дар ҳамин ҷо камингоҳро ба вуҷуд оваранд. Вале як хоин роҳро аз кӯҳсор нишон дод. Ба қӯшуни юнониён шоҳи Спарта Леонид сарварӣ кардааст. Вай ба ғайр аз 300 спарта ба дигар тамоми қӯшун фармон дод,ки ақибнишинӣ кунанд. Мувофиқи қонунҳои Спарта аскарони спартиягӣ набояд майдони ҷангро тарк мекарданд. Тамоми онҳо қаҳрамонона ҳалок гардиданд. Воқеаи мазкур дар таърих бо номи “Ҷасорати сесад нафар спартагӣ” машҳур мебошад. Қӯшунҳои Ксеркс ба Юнони Ҷанубӣ расида омада, Афинаро ишғил намуд.

> **Дар хотир доред!**
>
> Набарди Фермопил **соли 480-уми пеш аз мелод ба** амал омадааст.

**Ҷанги Саламин**

Бо маслиҳати Фемистокл юнониён 200 киштии ҳарбӣ—трийера сохтанд. Киштиҳои мазкури ҳарбӣ аз байни қуллаҳо ва ҷойҳои душворгузар ба осонӣ шино карда, ба суръати аз

ҳама баланди ҳамон давр—соате 18 километр ҳаракат кардан муваффақ гардиданд.

Ҷанги ҳалкунандаи баҳрӣ аввали **соли 480 пеш аз мелод** дар гулӯгоҳи танги Саламин ба амал омад. Флоти муттаҳидаи давлати юнониён аз флоти ҳарбии форсҳо пурқувват буданаш маълум гардид. Баъди мағлубият Ксеркс бо боқимондаҳои флоти худ маҷбур гардид, ки Юнонро тарк намояд.

**Дар аввали соли 479 пеш аз мелод** форсҳо барои боз забт намудани Афина ҳаракат намуданд. Вале лашкари муттаҳидаи юнониён дар наздикии шаҳри Платея қӯшуни форсҳоро торумор кард. Ва он охирин ҷанги байни юнониён ва форсҳо буд. Мувофиқи шартномае,ки бо шоҳи форсҳо баста шуд, мустақилияти тамоми полисҳои юнонӣ дар Осиёи Пеш эътироф гардида, ба муқобили юнониён дигар сар накардани набард ваъда карда шуд.

Ҳамин тавр, якдилии бисёр шаҳрҳои юнонӣ, набард барои озодӣ, қаҳрамонии юнониён барои ғалаба кардан аз болои рақиби пурқувват имкониятро фароҳам овард. Набардҳои юнону форс,ки беш аз 40 сол давом кард, бо ғалабаи комили юнониён ба анҷом расид. Афина бошад, дар ҳавзаи баҳри Миёназамин ба давлати пурқудрате табдил ёфт.

**Дар хотир доред!**

**Соли 479 пеш аз мелод** форсҳо барои боз забт намудани Афина ҳаракат намуданд. Вале лашкари муттаҳидаи юнониён дар наздикии шаҳри **Платея** қӯшунҳои форсҳоро торумор кард.



**Киштии юнониён дар набарди Саламин**

***Худро озмуда бинед!***

***Соли 490 пеш аз мелод — ин...***
***Соли 480 пеш аз мелод — ин...***
***Соли 479 пеш аз мелод — ин...***

**Дар хотир доред!**

Набарди гулӯгоҳи **Саламин соли 480-уми пеш аз мелод** ба амал омад.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- солҳои 490-449 пеш аз мелод — набардҳои юнону форсҳо
- соли 490 пеш аз мелод — ҷанги Марафон
- соли 480 пеш аз мелод — ҷанги Фермопил — ҷасорати сесад нафар спартагӣ
- соли 480 пеш аз мелод — ҷанги Саламин
- соли 479 пеш аз мелод — ҷанги остонаи шаҳри Платея — юнониён ғалаба карданд

*Савол ва супоришҳо*

1. Сабабҳои ба Юнонистон зада даромадани форсҳоро баён кунед?
2. Аз харита самтҳои асосии юришҳои форсҳоро ба болои Юнонистон нишон диҳед?
3. Аз номи иштирокчии ҷанги Марафон ҳикоя таҳия кунед (ба сифати ҷанговари ё форсҳо ё юнониён).
4. Ҷанги Саламин чӣ тавр гузашт ва бо чӣ анҷомид?
5. Сабабҳои асосии мағлубияти флоти давлати Форс дар ҷазираи Саламин дар чистанд?

## § 28. Аз ҷониби Македония забт гардидани Юнон



**Демосфен аз наврасӣ нотиқ шуданро орзу мекард. Лекин овозаш паст ва канда-канда ҳарф мезад. Ба мақсади баланд кардани овозаш машқ менамуд, барои аз мағали баҳр ҳам баланд ҳарф задан мекӯшид.**

**Сабабҳои мағлубияти Юнон**

Вақте ки юнониён байни худ меҷангиданд, шоҳи Македония Филипп II бо мақсади забт кардани Эллада тактикаи ҷангро такмил дод ва қӯшун ҷамъ овард. Қӯшуни вай аз саворагон ва пиёдагон таркиб ёфта буд. Пиёдагардон дар 16 қатори иборат аз фаланга саф мекашиданд. Дар қатори шашуми фаланга найзағурронон ҷойгир шуда, ҷанговарони қатори якумро ҳимоя мекарданд. Ҳангоми ҷанг тамоми фаланга ба маҳлуқоти оҳанини зиреҳнок тадбил меёфт. Қаторҳои фалангаро саворагон ҳимоя мекарданд.

Юнониён аз он умедвор буданд,ки Филипп II тартибро ба роҳ мемонад ва дар байни полисҳо оромии барқарорро таъмин месозад. Танҳо нотиқи машҳур Демосфен ба шаҳрҳои Эллада рафта, даъват мекард,ки аҳолӣ якҷоя шаванд ва ба муборизa ба муқобили македониягиён бархезанд. Вале танҳо аҳолии шаҳри Фива ба иттифоқи шаҳр-ҳои Афина ба мубориза ба муқобили қӯшунҳои Филипп II ҳамроҳ гардиду халос.

**Ҷанги остонаи Херонея**

Демосфен Филипп II-ро ба сифати истилогар тавзеҳ медод ва сарварони давлатҳои юнониро даъват мекард,ки дар мубориза ба муқобили душман ҳамҷиҳатона рафтор намоянд. Демосфен як қисми ҳукмдорони шаҳрҳо-давлатҳои Юнонро ба он бовар кунонд ва

ба ризоят ҳосил кардан муваффақ гардид. Онҳо ба як иттифоқ рӯ оварданд. Ба муқобилияти сахт нигоҳ накарда, Филипп II якояк шаҳрҳои Юнонро забт кардан гирифт. **2 августи соли 338-уми пеш аз мелод** қувваҳои асосии юнониён ва македониягиён дар шафати шаҳри Херонея—Беотия рӯ ба рӯ гардиданд. Қӯшунҳо аз ҷиҳати саршумор баробар буд. Аммо дар рӯ ба рӯи юнониён лашкари аз нигоҳи ҳарбӣ хуб таълимгирифта ва аз шаҳрвандони озод таркибёфта меистод. Қӯшунҳои юнониён бошанд, аксар зархарид ва аз ҷанговароне иборат буданд,ки таълими дурусти ҳарбӣ надошту аксар шаҳрвандонро ташкил медод.

Ҷанги шадид то дер давом мекунад. Юнониён,ки ҳилаи ҳарбиро кор мефармоянд, ба бартарӣ соҳиб мегарданд. Македониягиён ақибнишинӣ мекунанд. Юнониёне,ки барои ғалаба кардан боварӣ ҳосил менамоянд, душманро дунболагир шуда, пеш карданӣ мешаванд. Дар ин ҳолат қӯшуни юнониён ба ду тақсим мегардад. Ба яке аз ин қисмҳо қӯшуни савораи македониягиён,ки писари Филипп II Александр сарварӣ мекард, зарбаи ҳалокатовар мезанад. Қисми дигари лашкари юнониён ба ақибнишинӣ шурӯъ мекунад. Дере нагузашта торумор мегардад. Дар набард аксарият юнониён ҳалок мегарданд. Бар асари мағлубият Юнон ба Македония тобеъ гардид.

### Юнон дар таркиби Македония

“Озодии юнониён баробари ҷасади фавтидагон дар остонаи Херонея дафн карда шуд”, гуфта буд Демосфен. Баъди мағлубият дар остонаи Херонея аҳолии Юнон қисмати худро дар оғӯши тарсу бим мегузаронд. Вале Филипп II худро шоҳи юнониён эълон накард. Филипп II бо юнониён ба муқобили форсҳо иттифоқ ташкил намуд. Вай худро сарфармондеҳи қӯшунҳои муттаҳида эълон намуд. Филипп II шаҳрҳои Юнон озод буданашон ва аз хусуси тақдири минбаъдаи давлатҳои худ бо ҳамдигар ба имзо расондани шартномаро лозим мепиндорад ва онро эълон мекунад.

**Дар хотир доред!**

**Фаланга** – зич ҷойгиршавии пиёдагардон дар 16 қатор.



**Пиёдагардони Филипп II**

**Дар хотир доред!**

Македония соли **338-уми пеш аз мелод** баъди мағлубияти юнониён дар набарди назди Херония онро забт намуд.



**Филипп II**

**Дар соли 337 пеш аз мелод** тамоми вакилони шаҳр — давлатҳои Юнон, ба ғайр аз Спарта дар Коринф ҷамъ омаданд ва дар зери ҳокимияти Македония иттифоқи давлатҳои юнониро ташкил доданд. Онҳо дар муҳити муросову мадоро, орому осоиш зиндагонӣ карда, бо ҳамдигар набурдани набардҳо ва ба корҳои дохилаи якдигар дахолат накардан аҳду паймон карданд. Тамоми ихтилофоти байни давлатҳо дар машварати шаҳрҳои Юнон ҳаллу фасл гардиданаш дар назар дошта шуд.

Дар нақшаи забт карда гирифтани давлати форс асоси қӯшунро ташкил додани лашкари Юнон дар назар дошта шуда буд. Филипп II ҳатто барои сар занондани ҷанг,ки юнониёнро қаноат ҳосил мекунонд, фикр карда монд: дар давраи набардҳои юнону форс гирифтани қасос барои расондани зарар ва аз асирӣ баргардондани ҳайкалҳои худоёни юно-ние,ки шоҳ Ксеркс ба Эрон ҳамроҳи худ бурда буд.

Вале Филипп II ҷанги салибро ба муқобили форсҳо ба амал баровгарда натавонист. Вай **аввали соли 336 пеш аз мелод** аз ҷониби аъёнҳои сарой хоинона кушта шуд. Писари вай Искандари Мақдунӣ ҳукмдор гардид.

**Дар хотир доред!**

Соли **337 пеш аз мелод** тамоми вакилони шаҳр-давлатҳои Юнон, ба ғайр аз Спарта дар Коринф ҷамь омаданд ва дар зери ҳокимияти Македония иттифоқи давлатҳои юнониро ташкил доданд.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- → Шоҳи Македония Филипп II
- → соли 338 пеш аз мелод – ҷанги назди Херонея
- → соли 337 пеш аз мелод — бавуҷудоии иттифоқи Коринф
- → тамоми нобасомониҳо ва норизогиҳо дар машварати шаҳр — давлатҳои Юнон ҳаллу фасл мегардид
- → Соли 336 пеш аз мелод — куштори Филипп II — Александр

*Савол ва супоришҳо*

1. Ба фикри шумо, чаро юнониён мустақилияти давлатии худро нигоҳ дошта натавонистанд?
2. Хизматҳои Демосфен дар назди аҳолии Эллада дар чист?
3. Аз харита самтҳои юришҳои Филипп II-ро нишон диҳед?
4. Қӯшунҳои македониён аз лашкари юнониён бо чияш фарқ мекард?
5. Забти юнониён дар кадом ҷанг ва кай ба амал омад?
6. Баъди он ки Филипп II Юнонро забт намуд, дар идоракунии полисҳои юнонӣ чӣ гуна тағйиротҳо ба амал омаданд?

## §§ 29 – 30. Маданияти Юнони Қадим

**Тарбияи шаҳрвандон**

Аз хурдӣ дар мағзи сари юнониён корҳои ҷамоатӣ аз ташвишҳои шахсӣ устувор истоданаш барин ҷаҳонбинӣ ҷойгир карда мешуд. Дар мактабҳо шаҳрванди фаъол ва ҳимоятгари Ватан мебоист тарбия меёфт. Рушди варзиш ва шавқу завқи баланд нисбати Бозиҳои Олимп низ ба ана ҳамин мақсад хизмат мекард. Дар писарбачагон аз хурдӣ ҳисси муҳаббатро нисбати шеърият ва санъат бедор месохтанд.



**Мубоиризаи Геракл бо шер**

Ба пайкараи шерро мағлуб сохтани Геракл дида медӯзем. Паҳлавони қадимаи муборизи Юнон Геракл гӯё аз оғӯши афсона баромада омадагӣ барин тасвир ёфта, одами бузургро мемонад. Магар ҳамин тавр нест? Шери баҳайбате,ки ба ду пои ақибаш такя мекунад, то сари синаи пайкари Геракл рост меояд. Вале чаро Геракл бидуни либос тасвир гардидааст? Он яке аз ҷиҳатҳои ба худ хоси маданияти қадимаи юнониён ба ҳисоб меравад. Ба назари пайкаратарош қувваву қудрати Гераклро нишон додан муҳим буд. Раваду устои ҳайкалтарош Гераклро бо либос тасвир мекард, иқтидори мушаку кафтони мағлубкунандаи шер намоён намегардид, қудрату тавоноӣ ва зебогии пайкари машқдидаи ӯро ҳис карда наметавонистем.



**Ҷараёни таълим**

Ба ғайр аз таълими умумӣ писарбачагон таълими ҳарбии дусоларо ҳам мегирифтанд. Соли аввал онҳо таҳсилро дар хонаашон гузаронда, дар саф истодан, овезон карда гаштани силоҳ,ба гуруснагиву хунукӣ тобовар шуданро меомӯхтанд. Соли дуюм бошад, баъзеяшон дар саҳроҳои канораи Аттика хизмати ҳарбиро ба ҷо меоварданд, баъзеяшон бошанд, дар бандари Пирей асосҳои санъати баҳрнавардиро ёд мегирифтанд.

Дар мавриди зарурати пайдо гардидани мудофиаи мамлакат мардони то 30-сола бо силоҳу аслиҳа ва либоси ҳарбии худ барои азназаргузаронӣ расида меомаданд. Сипас барои ҳимояи худоёни худ, кулбаи



**Воридгоҳи варзишгоҳи Олимпия**

**Дар хотир доред!**

Бозиҳои аввалини Олимпӣ аз **соли 776-уми пеш аз мелод то соли 394-уми мелодӣ** гузаронда шудаанд. Бозиҳои Олимпи соли 1896 аз нав барпо гардида, то ҳоли ҳозир давом мекунанд.



**Мусобиқаи давандагон дар бозиҳои олимпӣ.**
*Расми ба зарф кашидашуда*

азиз ва мамлакат ба ҷанг дохил мешуданд. Даъвати муҳаббат нисбати Ватан матонат ва ҷасорати олии ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб мерафт.

Ба юнониён ҳисси ватанварӣ хос буд. Ононе,ки дар роҳи ҳимояи Ватан ҳалок мегардиданд, қаҳ-рамонҳо эълон мешуданд. Дар маҳалҳое,ки қаҳ-рамонҳо дафн гардидаанд, қурбониҳо кардаанд.

**Бозиҳои Олимпӣ**

Варзиш барои тамоми юнониён машғулияти асосӣ буд. Аввалин Бозиҳои Олимпӣ,ки **соли 776 пеш аз мелод** гузаронда шудааст, дар байни мусобиқаҳои мухталифи варзишӣ аз ҳама асосӣ ҳисобида шудааст. Аз ана ҳамин сана эътиборан дар ҳар чор сол як маротиба дар кӯҳи Олимп оташи муқаддас аз нурҳои Офтоб дар гиронда, варзишгароне, ки аз чор канори Юнон омада буданд, аз рӯи панҷҳарба бо ҳам қувва меозмуданд. Панҷҳарба бошад, аз ҷаҳидан ба дарозӣ, дискғуррронӣ, найзағуррронӣ, давидан ва гӯштин иборат буд. Дар ипподром бошад, пойгаҳо аз рӯи аробадавонӣ ва аспдавонӣ гузаронда мешуданд. Ба он мақсад,ки одамон ва варзишгарон ба бозиҳои Олимпӣ сиҳҳату саломат расида омадаанд, ҳангоми гузарондани бозиҳо ҷангу ҷидолҳо хотима меёфтанд.

Бозиҳои Олимпии Юнон бахшида ба худои Олимп Зевс гузаронда мешуд. Мувофиқи афсонаҳо, асосгузори бозиҳои Олимпӣ Геракл ба ҳисоб мерафт. Дар бозиҳои олимпӣ танҳо шахси озоде иштирок мекард,ки ҷиноят содир накардаасту ба шаъну шарафи худ доғе наовардааст. Дар мусобиқаҳо агар як шахс се маротиба ғалаба кунад, барои гузоштани ҳайкали худ дар кӯҳи Олимп ҳуқуқ дошт. Юнониён ҳисоботи солро мувофиқи бозиҳои олимпӣ пеш бурдаанд.

Ғолибон бо гулчанбарҳое тақдир мегардиданд,ки аз навдаҳои дарахти муқаддаси зайтун бофта мешуд. Бонувон дар бозиҳои Олимпӣ иштирок карда наметавонистанд. Бонувон ҳангоми бозиҳои олимпӣ ҳатто ба кӯҳи Олимп наздик намеомаданд.

Барои бонувон аз рӯи давидан мусобиқаҳои алоҳида гузаронда мешуданд. Дар натиҷаи паҳншавии дини насронӣ гузарондани бозиҳои олимпӣ ба шарафи Зевс манъ гардид.

**Соли 394 мелодӣ** дар натиҷаи майдони бозиҳои паси ҳам содир гардидани заминларза азбаски Олимпия вайрон гардид, бозиҳои қадимаи Олимпӣ ҳам гузаронда нашуданд. Ниҳоят **соли 1896** бозиҳои олимпӣ аз нав барпо гардиданд. Одати дар рӯзи кушоиши бозиҳои Олимпӣ даргирондани машъала то имрӯзҳо боқӣ мондааст. Машъалаи аз нурҳои Офтоб даргирондашуда ба маҳали гузарондани бозиҳои олимпӣ оварда мешавад.



**Ҳайкали муштзан. Ғолиби бозиҳои олимпӣ**

**Достонҳои “Иллиада” ва “Одиссея”-и Гомер**

**Дар аввалҳои соли 1200 пеш аз мелод** юнониён ба Троя юриш сар карданд,ки дар Осиёи Сағир ҷойгир буд. Барои ба даст овардани молу мулк юриш сар шудааст. Вале ривоятҳои юнонӣ сабаби дигарро баён мекунанд. *Бонувони аз ҳама зебо, рафиқаи подшоҳи Спарта соҳибҷамол Елена буд. Подшоҳи Троя Парис ба шоҳигарии Спарта меояд ва Еленаи соҳибҷамолро ба Троя дуздида мебарад. Шоҳи Спарта аз воқеа хабар ёфта, барои аз Парис қасд гирифтан қарор мекунад ва тамоми спартагиёнро даъват мекунад,ки ба набарди Троя омада бошанд. Юнониён нӯҳ сол Трояро муҳосира мекунанд.*

**Дар хотир доред!**

**Соли 394 мелодӣ** гузарондани бозиҳо ои қадимаи олимпи ба маъқуф гузошта шуд.

*Достони “Иллиада”,ки машҳури юнонист, дар хусуси соли охирини даҳуми ана ҳамин набард ҳикоя мекунад. Бо маслиҳати Одиссея юнониён айёрӣ мекунанд: аспи бузурги дохилаш холиро месозанд. Дар даруни ана ҳамин асп як қисми қӯшуни юнониён ҷойгир мешаванд,қисми дигараш бошад, дар ҷазираи наздик маскан пайдо мекунад. Троягиён аз ин ба чунин хулоса меоянд: юнониён муҳосираро қатъ намуданд ва барои он ки ҳимоятгари Троя Афина ба Паллада рост оянд, ба мо аспро тӯҳфа мекунанд. Юнониёни аспи чӯбинро ба ҷониби Троя кашола карда мебаранд.*



**Шоири Юнони Қадима — Гомер**



**Аспи Троя**

*Шабона аз дохили асп ҷанговарони юнонӣ баромада, дарвозаҳоро мекушоянд, Троя забт мегардад. Бо забони ҳозира ибораи “Аспи Троя” маънои тӯҳфаи бехосиятро мефаҳмонад.*

Каҳрамони асосии достони “Иллиада” Ахиллес мебошад. Ба он мақсад,ки писараш абадан бошад, модар кӯдаки навзоди худро ба оби дарёи Стикс як бор зада мегирад. Дар айни замон ба тарафе,ки модар дошта меистод, об нарасида мемонад. Дар яке аз ҷангҳо Аххилес аз тире,ки ба пошнааш, яъне ҷои об нарасида халида буд, ҳалок мегардад. Аз ҳамон вақт “Пошнаи Ахиллес” маънои ҷои нозукро мефаҳмонад.



**«Пошнаи Ахиллес»**

Набарди Троя ба охир расид. Юнониён Трояро толону тороҷ намуданд ва бо молу мулки зиёд ба мамлакати хеш баргаштанӣ шуданд. Онҳо ба воситаи баҳри Эгей аз роҳи дароз ва пурхатар гузаштанашон лозим буд. Аммо машаққату саргузаштҳои аз ҳама калон ба зиммаи Одиссея ва ҳамроҳони вай афтод. Одиссея то ба кишвари маҳбубаш Итака расида омадан дар баҳру кишварҳои бегона бисёр сарсону саргардон мешавад.

Шоири Юнони қадим Гомер муаллифи достонҳои “Иллиада” ва “Одиссея” мебошад. Аз хусуси ҳаёти ӯ маълумоте нест. Мувофиқи афсонаҳо ӯ нобино гашта, ба кишварҳо саёҳат намуда, тавассути асбоби мусиқӣ шеърҳои худро тараннум кардааст.

Мабодо дар ихтиёри олимони имрӯза агар достонҳои “Иллиада” ва “Одиссея” намебуд, аз ҳаёти юнониёне,ки аз мо се ҳазор сол муқаддам умр ба сар бурдаанд, ягон чизро дониста намегирифтем.



**Набарди Троя**

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Троя — ин...*** | ***Шлиман — ин...*** |
| ***Гомер — ин...*** | ***Ибораи — «Пошнаи Ахиллес» —ин...*** |

Дар охири асри XIX олими немис Генрих Шлиманн ҳикояҳои Гомерро тадқиқ намуда, маскани ҷойгиршудаи Трояро ҳисобу китоб карда баромад. Соли 1870 олим дар Туркия аз ҳудуди харобаҳои баландии Ҳисорӣ корҳои ҳафриётиро оғоз намуда, ҳақиқатан боқимондаҳои Трояро дарёфт.

**Театр дар Юнон**

Аз ин дуним ҳазор сол муқаддам дар Юнон "театр" ба дунё омад. Калимаи "театр" агар аз забони юнонӣ таҳтуллафз тарҷума гардад, маънои "ҷой барои тамошоро" дорад. Яъне "тамошохона" аст. Театрҳои қадимаи Юнон бо калон будани масоҳати худ фарқ кардаанд. Театри Афина ба 17 ҳазор нафар тамошогар таъин гардида буд. Тамошоҳо дар рӯзҳои ид ба амал меомаданд. Тамошоҳое,ки субҳи содиқ оғоз меёфтанд, тамоми рӯз давом мекарданд. Ба ҳукми тамошогарон чанд песаҳо ҳавола мегардид.

Барои ба театр даромадан ҳаққи ноҷизе дода шудааст. Ба шаҳрвандони қашшоқ барои ба театр рафтан пул дода мешуд. Қаторҳои аввал ройгон буда, дар онҳо коҳинҳо, стратегҳо, шаҳрвандоне,ки дар хизмати муҳими давлатӣ буданд ва дигар томошогарони боҳурмат менишастанд.

Ҳангоми намоиши муборизаи байниҳамдигарӣ, одатан шахсон-иштирокдорон ҳалок мегардиданд ва песаҳои бо ин лаҳза анҷомёфтаро трагедия номидаанд. Софокл фоҷеаҳои машҳур аз қабили "Шоҳ Эдип" ва "Антигона"-ро навиштааст.

Сурудҳои аҷиб, саҳнаҳои хандаовар, мазҳакаҳои аз юмори нозук саршор аз болои нуқсонҳои инсон ханда мекунонд. Аристофан устои мазҳакаҳо буд. Мазҳакаҳои машҳури "Занбӯрҳо", "Паррандаҳо" ва "Қурбоққаҳо" ба қалами вай мансубанд.

***Худро озмуда бинед!***

***"Театр" агар аз забони юнонӣ тарҷима гардад...***

***Фоҷеа — ин...*** ***Мазҳака — ин...***

**Дар хотир доред!**

Фоҷеаҳои машҳурро **Софокл** навиштааст. **Аристофан** бошад, устои мазҳакаҳо аст.



**Театри Юнон**



**Ниқобҳои театрӣ**



**Софокл**



**Зевс ва Апполон.**
*Қисми болоии бунёдкории Парфенон*



**Парфенон**




**Аристофан – Муаллифи мазҳакаҳо**

**Пайкаратарошӣ ва меъморӣ** Юнониён барои нафақат шоҳон ва ашрофзодагон кӯшку мақбараҳо, балки биноҳои ҷамоатӣ ҳам сохтаанд, ки тамоми одамон истифода бурдаанд. Ҳайкалҳо ва дигар асарҳои ҳайкалтарошӣ на танҳо хонаводаи аҳли кӯшкҳо, дар айни замон майдонҳои шаҳрҳо, ибодатхонаҳо, тамошогоҳҳои барои ҳамагон кушод ва варзишгоҳҳоро ҳам оро медоданд.

Аз асри VII пеш аз мелод ибодатхонаҳо ва дигар биноҳои ҷамоатӣ аз санг қад кашиданд, дар айни замон биноҳои инфиродӣ аз хишт ва деворҳои пахсагин барпо шудан гирифтанд. Сутунҳои биноҳои ҷамоатӣ ва ибодатхонаҳоро ба таври алоҳида оро дода бо кӯмаки тирҳои оҳанин мустаҳкам гардида, аз як чанд қисмҳои сангин сохта шуда буданд.

Дар Мисри Қадим дар пайкараҳо фиръавнҳоро тасвир карда бошанд, пайкаратарош — санъаткорони юнонӣ барои тасвир кардани ҳамзамонони худ саъю кӯшиш намудаанд. Онҳо дар ҳайкалҳо ҳаракат намудаанд,ки сифатҳоро, аз қабили чусту чолокӣ, қувваву ғайрат, саломатӣ ва тозагӣ ҷойгир созанд. Онҳо дар бобати тарбияи шаҳрвандон мавқеи калон доштанд. Ва ин фазилат махсусан дар асари пайкаратарош Мирон “Дискғуррон” алоҳида ифодаи худро ёфта буд. Ҳайкалтарошони юнонӣ ба шарафи қаҳрамонҳо, ғолибони Бозиҳои Олимпӣ ва ҷанговароне,ки дар набардҳо ғолиб омадаанд, ёдгориҳо қад кашондаанд. Пайқараҳо чунон зиёд буданд, ки муаррихон дар Афина нисбати одамони зинда зиёд будани ҳайкалҳоро зикр намудаанд.

Яке аз ҳайкалтарошони машҳури юнонӣ Фидӣ буд. Вай ба корҳои бунёдкории Парфенон дар Афина ва азнавсозии Акропол сарварӣ кардааст. Яке аз асарҳои машҳури он, яке аз ҳафт мӯъҷизаи рӯи Замин ёдгорӣ ба шарафи Зевси олимпидиагӣ мебошад. Меъмор ва пайкаратарош Дедал ба Минос ном шоҳ қасри машҳури Лабиринтро сохтааст.

Дар маркази Акропол Парфенон қад кашонда шуд. Парфенон аз сангҳои аз ҳама аълодараҷаи

Юнон сохта шудааст. Мувофиқи афтидани равшанӣ он ранги заррини худро ба ранги нилобӣ ва дигар рангҳо иваз карда меистод. Теппагии баланд ба Парфенон ҳамчун пойдевор хизмат кардааст. Ибодатхона гуё ба қулла омехта, як қисми он давр мезанад. Пешайвон бо сутунҳояш ба Парфенон ҳусни алоҳида бахшидааст. Дар пештоқи пешайвон симои худоён акс ёфтаанд.

***Худро озмуда бинед!***

***Фидӣ — ин...   Парфенон — ин...   Дедал — ин...***



Мувофиқи афсона яке аз ҷасорати Геракл бо маҳви махлуқ – гидра ба анҷом расид. Он нӯҳ сар морро доро буд.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- Бозиҳои Олимпӣ
  - соли 766 пеш аз мелод—аввалин маротиба
  - соли 394 маротибаи охир
  - соли 1896 – аз нав эҳё ёфт
- Гомер
  - “Иллиада” — аз хусуси ҷанги Троя
  - “Одиссея” — аз хусуси саргузаштҳои Одиссея
- Генрих Шлиман — соли 1870 — харобаҳои шаҳри Трояро ёфт
- театр
  - фоҷиаҳо → Софокл
  - мазҳакаҳо → Аристофан
- Фидӣ → Парфенон → ҳайкали Зевс

*Савол ва супоришҳо*

1. Дар назди омӯзгорони Юнони Қадим кадом вазифаҳо пеш гузошта шуда буданд? Мактабҳои юнонӣ аз имрӯзаашон бо кадом ҷиҳатҳояшон фарқ мекунанд?
2. Аз номи иштирокдори Олимпия ҳикоя нависед. Дар он оиди чизҳои муоинакардаатон нақл намоед.
3. Дар достони қаҳрамонии “Одиссея”-и Гомер аз хусуси чӣ нақл карда мешавад?
4. Дар кадом достон Гомер афсонаро дар хусуси аспи Троя тасвир намудааст?
5. Дар Юнони Қадим театр дар кадом намуд будааст?
6. Аз хусуси ба худ хосии меъмории юнониён нақл кунед?
7. Кадом пайкаратароши юнонӣ ва асарҳои онро медонед?



Ҷасорати дигари Геракл доштан ва ром кардани аспони ваҳшии шоҳи Фракия – Диомед буд

## §§ 31 – 32. Олимон ва мутафаккирон

**Фан**

Дар Юнони Қадим файласуфонро ба сифати шахси донишманд, мураббии ҳаёт донистаанд. Файласуфони юнонӣ барои дарки сохти олам ва маънои ҳаёти инсон кӯшидаанд. Онҳо



**Бочка истиқоматгоҳи файласуфи қадимаи юнонӣ Диоген**



**Файласуф Гераклит**



**Арасту (Аристотел)**

ба омӯзиши рустанӣ, ҳайвонот, танаи инсону Офтобу ситораҳо ҳаракат намудаанд.

Файласуфи машҳури юнонӣ Гераклит таъкид мекард,ки тамоми чизу чораи рӯи Замин аз оташ баромадааст. Ҳикматҳои машҳури: “Дар як дарё як маротиба оббозӣ кардан мумкин аст”, “Тамоми чиз шино мекунад, ягон чиз дар ҷояш намеистад” ба вай мансубанд.

Файласуфи фракиягӣ Демокрит ба фикри Гераклит эътироз баён кардааст. Тамоми чизу чорае,ки моро иҳота намудааст, аз зарраҳо—атомҳои ба чашмон ноаён ташкил ёфтаанд, гуфтани фикрро ба миён гузоштааст.

Файласуфи юнонӣ Диоген инсон набояд ягон эҳтиёҷ дошта бошадро ба таълимоти худ асос карда гирифтааст. Аз тамоми қулаиҳои ҳаёт даст кашида, Диоген дар як бочка ҳаёт ба сар будааст.

Искандари Мақдунӣ ба вай “Ба шумо чӣ гуна кӯмак лозим” гуфтан замоно Диоген кинояомез ҷавоб гардондааст: “Он сӯтар истед, пеши Офтобро нагиред”.

Дар асри V пеш аз мелод Геродот ҳаёт ба сар бурда, таҳти унвони “Таърих” китобе иншо кардааст. Геродотро,ки сайёҳати худро ба Миср, Месопотамия ва колонияҳои шимолии соҳили баҳри Сиёҳ ба анҷом расонида буд, дар Юнон касе намешинохт. Баъди он ки ҳамватанони худро бо асари хеш “Таърих” дар хусуси набардҳои юнону форс ошно гардонд, ба шахси машҳур мубаддал ёфт. Ҳанӯз вақти зинда буданаш ба Геродот унвони “падари таърих” - ро дода буданд.

Олими Юнони қадим Аристотел донишҳои ҷамъовардаро ба соҳаҳои алоҳида тақсим намуд ва онро ба сифати фанни мустақил таъриф карда дод. Аристотелро дар Шарқ “Арасту” номидан ба ҳукми одат даромадааст.

Дар тамоми замонҳо олимон додзании физик-математики юнонӣ Архимедро дар бобати ҳаллу фасли муаммоҳои илмӣ таҳти унвони “Эврика”

(Ёфтам, дарёфтам) такроран ба забон гирифта меоянд. Эҳтимол он ягон афсона аст, аммо Архимед бо кӯмаки маҷмӯи оинаҳо равшаниро ба як самт ҷамъ оварда, ба киштиҳои римиёне,ки ба Сиракуз ҳуҷум мекарданд, равона карда, сӯзонданаш ҳикоя карда мешавад. Архимед қонуни дастак (ричаг)-ро кор карда баромад ва як ибораи машҳурро ба забон гирифт: "Ба ман нуқтаи такягоҳро ёфта диҳед, Заминро аз тири худ бароварда мепартоям"



**Архимед ва сарбози римӣ**

Римиён шаҳри ҷонаҷони вай Сиракӯзро забт намуданд, Архимед нақшаи дар рег кашидашудаи математикиро ҳаллу фасл мекард. Ҳамин вақт аскари римӣ расида омад. Архимед танҳо ба ифшои ин суханон муваффақ гардид: "Ба нақшаҳои ман даст нарасон!". Ба ҷисми Архимед найза халонда шуда буд.

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Гераклит гуфта буд,ки...*** | ***Геродот — ин...*** |
| ***Диоген — ин...*** | ***Демокрит таъкид карда буд,ки...*** |
| ***Фалсафа — ин...*** | ***Архимед — ин...*** |



**Файласуф Афлотун**

**Донишмандони афинагӣ**

Файласуфи машҳури афинагӣ Сократ (баъдтар ӯро дар Осиёи Миёна Суқрот таъкид карданд) ба туфайли ҳикматҳои донои худ шахси аз ҳама ақлноки шаҳр эълон гардид. Ба он ҷавобан Сократ чунин гуфта буд: "Донишмандии ман ҳамин,ки камина фақат ҳеҷ чиз надонистанамро медонаму халос".

Сократ ҳеҷ гоҳ асарҳои худро ба рӯи қоғаз нафуровардааст. Ғояҳои Сократ тавассути Платон ном боз як файласуфи юнонӣ ба мо расида омадааст,ки бо вай мулоқот кардаасту таълимотро дар хусуси давлати хаёлии (идеалии) Атлантида офаридааст. Платонро акнун ба сифати "Афлотун" ҳам мешиносем.



**Архимед киштии римиёнро месӯзонад**

Сократ ба тарбияи ахлоқӣ — маънавии шаҳрвандон аҳамияти калон додааст. Навиштаҷоте,ки дар ибодатхонаи Делфия иншо гардидааст, ҳикмати



**Тасвири олиме,ки дастхатро мехонад**

аз ҳама дӯстдоштаи вай будааст: “Худ хешро дарк намо ва фаҳм!”. Дар мунозира бо ихтилофгарон ҳаракат намудааст, ки хубӣ чисту бадӣ чист ҷавоб диҳад. Файласуф ба ҷои бад, фиребгар ва бешафқат хуб, ҳаллол, раҳмдил шуданро гуён зикр намудааст.

Сократ махсусан чашмгуруснагӣ ва молпарастӣ барин нуқсонҳоро ба зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Ҳангоми дар бозор сайр кардан гуфта будааст: “Бе онҳо ҳам рӯз гузарондан мумкин аст, аммо ба ҳамин миқдор будани онҳо ҳам хеле хуб аст!”. Суқрот дар дунё мавҷуд будани қонунҳои некӣ, зарурати донистан ва риоя кардан ба онҳоро исбот намудааст.

Суқрот азбаски баъзе табибони Афинаро нотарсона танқид кардааст, ҳукми қатлкуниро гирифтааст. Имконияти ба дигар давлат гурехтан бошад ҳам, олим онро рад намудааст. Суқрот дар таърих ҳамчун рамзи одамгарӣ, сабру тоқат ва ҷасурӣ боқӣ мондааст.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- Файласуфон → Гераклит, Демокрит, Диоген, Арасту, Афлотун, Суқрот
- Геродот → “Таърих” — “падари таърих”
- Архимед — “Эврика!”
- Платон – Афлотун муаллими аввал



**Суқрот**

*Савол ва супоришҳо*

1. Аз хусуси кашфиёту комёбиҳои олимон ва файласуфони юнонӣ нақл намоед?
2. Маънои ибораи Архимед “Ба ман нуқтаи такягоҳиро ёфта диҳед. Ман Заминро аз тираш бароварда мепартоям!”-ро маънидод созед.
3. Ба фикри шумо, ҳикмати Суқрот “Худ хешро дарк кун ва фаҳм! ” чиро мефаҳмонад?
4. Дар бораи Суқрот чиро медонед? Ғояҳои Суқрот ба шумо оё маъқуланд?

## §§ 33 – 34. Асотирҳои Юнони Қадим

**Асотирҳо: ҳақиқат ва бофта**

Асотирҳои (мифҳои) юнонӣ аз хусуси худоён ва баҳодурон буда, ҳар гуна титанҳо (қаҳрамонҳои мухталифе,ки аз худоён ба дунё омаданд), маҳлуқоти бадкирдор, сиренаҳо (нимпарандаву нимбонувон), кентаврҳо (нимаспу нимодам), сиклопҳо (мавҷудотҳои афсонавиеро дар бар мегиранд,ки дар пешонаашон як чашм доранд). Асотирҳо (ба забони юнонӣ маънои “миф”- ро дорад) барои аз таърихи қадимаи мамлакат донистa гирифтани бисёр мавод кӯмак мерасонад. Онҳо аз хусуси офариниши Олам, ҳаёт дар рӯи Замин ва пайдоиши Одам, ҷасорати қаҳрамонҳо ва саёҳатҳои баҳрӣ нақл менамоянд.

Асотирҳои юнонӣ рангоранг ва шавқоваранд. Асотирҳо дар хусуси пайдоиши Олам ва худоён ҳам мароқоваранд. Сараввал Замин ва Осмон — Гея ва Уран ба дунё омадаанд. Онҳо титанҳоро ба дунё овардаанд, ки оламро идора мекунанд. Худоёне,ки дар кӯҳи Олимп зиндагонӣ мекунанд, то аз тахт маҳрум карданашон ҳукмронӣ кардаанд.

Мувофиқи таъкиди асотирҳо, аз азал Замин аз ҳама тарафаш бо баҳр фаро гирифта будааст. Сараввал ҳукмдори онҳо Океан ном титан будааст. Гунбази бузурги Осмон дар китфони титани номаш Атласи як канораи Замин такя карда менишаст. Ривоятҳои юнониён дар бораи қаҳрамонҳои ҷасур – Геракл, Ахиллес, Гесей ва Аякс нақл мекунад. Тамоми онҳо соҳиби фазилатҳои матонат, қувваву қудрат ва ақлу заковат буданд. Ба туфайли 12 ҷасорат Геракл ба ифтихори худоёни кӯҳи Олимп мушарраф шудааст.

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| *Титанҳо — ин...* | *Сирепалҳо — ин...* |
| *Кентаврҳо — ин...* | *Сиклопҳо — ин...* |



**Махлуқоти афсонавӣ – сиренаҳо**



**Набарди кентавр ва ҷанговар**



**Махлуқоти афсонавӣ – сиклоп**



**Гефест – худои оҳангарӣ ва ҳунармандӣ**



**Артемида – худои шикор**



**Арес – худои набард**

**Худоёни Юнони Қадим**

Дар Юнони қадим ҳам ҳаёти онҳо ва атрофи олам ба қувваҳои сеҳрноки ба чашм ноаён тобеъ буданаш эътиборро нигарондаанд. Ин нерӯҳои ба чашм ноаёнро юнониён худоён номбар кардаанд. Худоён ба салтанати онҳо дар рӯи Замин ва марҳумҳо ҳукмдор буданд. Се худои юнониёни қадим дар олам ҳукмронӣ кардаанд: Зевс дар осмон, Позейдон дар баҳр, Аид дар салтанати марҳумҳо худои олӣ ба ҳисоб рафтаанд. Худоёни дигар бошанд, ҳимоятгарони зироаткорӣ ва ҳунармандӣ, санъат ва шеърият, ишқу муҳаббат ва зебоғӣ будаанд. Худоёни ҷанг ва ғалаба, адлия, хоб ва шафақи субҳгоҳон, ҳамчунин Сатира ва Нимфа барин худоёни бад ҳам будаанд. Онҳо дар ҷангалзор, дарёҳо ва кӯҳистон зиндагонӣ мекунанд, гуфта тасаввур кардаанд.

## Худоёни юнониёни қадима

| | |
|---|---|
| Зевс | худои олӣ ва раҳнамои тамоми худоҳои боқимонда |
| Посейдон | ҷияни Зевс, ҳукмдори бахр |
| Афина | духтари Зевс, бонувони ҷангара, илоҳаи донишмандӣ |
| Апполон | писари Зевс, худои равшанӣ, мусиқӣ ва санъат |
| Гелиос | худои Офтоб |
| Деметра | илоҳаи зироаткорӣ ва ҳосилдорӣ |
| Гея | илоҳаи Замин |
| Фемида | илоҳаи адлия |
| Гефест | худои оҳангарон ва ҳунармандон |
| Афротида | илоҳаи муҳаббат ва зебоӣ |
| Арес | худои ҷанг |
| Дионис | худои шароб |
| Гермес | худои савдо |

| | |
|---|---|
| Ника | илоҳаи ғалаба |
| Хронос | худои Замон |
| Артемида | худои ҷангалзор ва шикор |
| Эрос | худои муҳаббат |
| Гипнос | худои хоб |



**Деметра – худои деҳқонӣ ва ҳосилдорӣ**

Мувофиқи эътиқоди юнониён худоён дар яке аз вилоятҳои Юнони ҳамсарҳади Македония ва Фессалия–Элида, кӯҳи Олимп зиндагонӣ намудааст. Худоёну илоҳаҳои Юнони қадим ба одамон ниҳоят монананд. Юнониён рамзан худоёни кӯҳи Олимпро тасвир карда, онҳоро рашкчӣ ва бешафқат, рӯзро бо базми ҷамшедӣ ва ҳаргуна тадбирҳо гузаронанда, бо якдигар мунозиракунанда ҳисобидаанд. Худоён сахтдаст ва қасоскоранд. Худоёни юнонӣ шахсони ба азму хоҳишашон муқобилро бешафқатона ҷазо медиҳанд. Аз ин рӯ, юнониён аз худоёни худашон офарида тарсидаанд, ба шарафи онҳо бисёр ибодатхонаҳо сохта, қурбониҳо кардаанд.



**Аид – худои салтанати марҳумон**

### *Конспекти такягоҳӣ*

- Қаҳрамонҳои афсонаҳо
  - титанҳо
  - кентаврҳо
  - сиклопҳо
  - Геракл (12 қаҳрамонӣ)
- Худоёни қадимаи Юнон

*Савол ва супоришҳо*

1. Дар бобати омӯзиши таърихи Юнони қадим асотирҳо чӣ гуна аҳамият доранд?
2. Юнониён дар асотирҳо оид ба худоён ҳодисаҳои мухталифи табиатро бо кадом тарз фаҳмонда додаанд?
3. Қаҳрамонҳои асосии асотирҳои Юнони қадимро номбар кунед.
4. Ба фикри шумо, юнониён чаро худоёни худро рашкчӣ, бешафқат, рӯзро бо базми ҷамшедӣ ва ҳар гуна тадбирҳо гузаронанда, ба якдигар мунозиракунанда гуён ҳисобидаанд?



**Дионис – худои шароб**



# БАСЛИ IV

# ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРИ VI ПЕШ АЗ МЕЛОД ВА АСРИ III МЕЛОДӢ

## §§ 35 – 36. Юришҳои истилогаронаи Аҳамониён ба Осиёи Миёна



**Томирис — маликаи массагетҳо**

### Кир II ва набардҳои истилогаронаи он

Дар мобайни асри VI пеш аз мелод ба таркиби ҳукмдорони хонадони Аҳамониён,ки ба сулолаи шоҳони Форси қадим мансуб буданд, ҳамроҳ кардани тамоми мамлакатҳо ва шаҳрҳои калони ҷаҳон ва барпо кардани империяи бузург саъю кӯшиш зоҳир гардид. Кир II аввалин шоҳи форс буд, ки барои забт намудани ҳудуди Осиёи Миёна ҳаракат намудааст. Ӯ дар фосилаи солҳои байни **545 ва 540 пеш аз мелод** Парфия, Марғиёна ва Бохтарро забт намуд. **Дар соли 530 пеш аз мелод** Кир II бо лашкари калон барои забти кишвари массагетҳо шурӯъ намуд.

Аз хусуси чӣ тавр забт гардидани мамлакати массагетҳо “падари таърих” Геродот ҳикоя кардааст. Вақте ки форсҳо ба ҳудуди массагетҳо зада медароянд, шоҳ-ҳукмдори онҳо Томирис ба истилогарон орому осоиш тарк кардани сарзамини мазкурро таклиф мекунад. Аммо шоҳи форсҳо ин таклифро рад мекунад ва барои аз Амударё шино карда гузаштан фармон медиҳад. Геродот аз хусуси қувваҳои асосии массагетҳо ва ҷанги форсҳо чунин ҳикоя намудааст: *“Ҷанги мазкур......аз тамоми ҷангҳо даҳшатноктар буд. Аввало қӯшунҳои ҳарду тараф ба муқобили ҳамдигар саф кашида, аз камон тир холӣ карданд. Вақте ки тирҳояшон тамом шуд, ба даст ханҷару найза гирифта, ба ҳам дарафтоданд. Набард дуру дароз давом кард. Ниҳоят дасти массагетҳо баланд шуд. Бисёр*

**Дар хотир доред!**

Вакили сулолаи Аҳамониён Кир II бисёр давлатҳоро забт намуда, дар набард бо массагетҳо соли **530 пеш аз мелод** ҳалок шудааст.




**Осиёи Миёна дар таркиби давлати Аҳамониён**



**Шоҳи форс**

*қӯшунҳои форсҳо қир гардиданд. Дар майдони ҷанг худи Кир II ҳам ҳалок гардид".*

**Юриши Доро I ба муқобили сакҳо**

**Дар соли 522 пеш аз мелод** боз яке аз вакилони сулолаи Аҳамониён Доро I ба тахт нишаст. Вай дар солҳои 522-486 пеш аз мелод ҳукмронӣ кардааст. Дар соли аввали ҳукмронии Доро I ба муқобили истилогарони форс дар Марғиёна ошӯби халқӣ бархост. Ба ошӯб Фрада сарварӣ намуд. Дар байни ошӯбгарон ва қӯшунҳои форс ҷанги ҳалкунанда **соли 522 пеш аз мелод** ба амал омад. Худи Фрада асир афтод ва **соли 521 пеш аз мелод** қатл карда шуд. Маълумот дар ин хусус дар навиштаҷоти қуллаҳои Беҳистун оварда шудааст.

**Дар хотир доред!**

Дар соли аввали ҳукмронии Доро **I соли 522 пеш аз мелод** дар Марғиёна ба муқобили истилогарони форс ошӯби халқӣ бархест. Ба ошӯб **Фрада** сарварӣ кард.

Дар соли сеюми ҳукмдориаш Доро I (**соли 519 пеш аз мелод**) ба диёри сакҳо юришро сар кард. Дар хусуси набарди мазкур дар навиштаҷоти Беҳистун ин сатрҳо иншо гардидаанд: *"Шоҳ Доро гуфт: сипас бо қӯшун ба мамлакати сакҳо юриш кардам. Сонӣ сакҳое,ки кулоҳи нӯгаш тезро пӯшида буданд, ба ҷанг даромаданд. Ман вақте ки аз дарё гузаштам, сакҳоро тамоман торумор кардам, қисми боқимондаашро асир намудам..... Сардори онҳо Скунхаро ба даст оварда, ба ҳузурам оварданд. Ман ба онҳо дигар сардорро таъин кардам. Ман ҳамин*



**Шерак**



**Шерак форсҳоро роҳбаладӣ мекунад**



**Кулоҳи ҷанговари осиёимиёнагӣ ,ки аз биринҷӣ сохта шудааст**



**Ҷанговарони осиёимиёнагӣ**

*тавр шуданашро хостам. Сонӣ мамлакати мазкур ба ман тобеъ гардид".*

Дар айни замон дар хусуси юриши мазкур муаррих Полийен (дар асри II пеш аз мелод) мавҷуд аст,ки ӯ овардааст. Мувофиқи ривояти сакҳо ва ба онҳо такя намуда, *нақл карда мешавад,ки ба назди форсҳо аз қабилаи сакҳо чӯпон Шерак меояд ва таъкид мекунад,ки форсҳоро бо пайраҳае ба ақиби сакҳо мебарад,ки ин роҳро ба ғайр аз вай касе намедонад. Аз саҳрову биёбони беоб ҳафт рӯзу шаб ҳаракат мекунанд, аз ташнагӣ қӯшунҳо азоби дӯзахро аз сар мегузаронанд ва фиреб хӯрдани худро пай мебаранд. Форсҳо чӯпони ҷасурро пора-пора мекунанд. Юриши Доро I ба кишвари сакҳо бемуваффақият ба анҷом мерасад.*

***Худро озмуда бинед!***

***Доро I — ...   Фрада — ...   Шерак — ...***

**Идоракунии давлат ҳангоми ҳукмронии Аҳамониён**

Ба мақсади дар зери итоати худ нигоҳ доштани мамлакатҳои забтгардида Аҳамониён давлатҳои томро ба вилоятҳои алоҳида — сатрапҳо тақсим намуданд. Калимаи мазкур аз форсии хшатра — "вилоят" гирифта шудааст. Ба сарвари вилоят сатрап ҳокимияти номаҳдуд дода шуда буд. Бисёр сатрапҳо вакило-ни сулолаи Аҳамониён буданд.

Вилоятҳои забтнамудаи Осиёи Миёна аз ҷониби форсҳо ба се сатрап тақсим гардид. Ҳар як сатрап хироҷи солона месупурд. Ба ҷуз ин, халқҳои тобеъ ба сохтмони қӯшку ибодатхонаҳо сафарбар гардиданд. Хироҷ бо нуқра, миқдори саршумори чорво (аспон, шутурон, гӯсфандон), маҳсулоти ҳунармандӣ (зарфҳои сафолин, силоҳу аслиҳа, зебу зиннатҳо), либосворӣ ва пӯсти ҳайвонот дода шуданд.

Доро I, вориси вай Ксеркс дар давраи ҳукмронии худ (солҳои 486-465 пеш аз мелод) дар вилоятҳои

забтгардида ба ҳаёти сиёсии халқҳои Осиёи Миёна ва набарди юнониён — форсҳо иштирок намудаанд. Дар набарди машҳури Марафон (соли 490 пеш аз мелод) дар маркази қӯшунҳои форсҳо сакҳо истода, бомуваффақият ҷангидаанд.

Геродот аз хусуси силоҳу аслиҳаи осиёимиёнагиён,ки ба муқобили истилогарони юнонӣ ҷангидаанд, муфассал нақл намудааст. Бохтариён бо камон ва найза, сакҳо бо ханҷару табарзинҳо, хоразмиён ва суғдиён чун бохтариён бо силоҳу аслиҳаи хеш ба ҷанг даромадаанд. Саворагони сакҳо ва бохтариён ҷанговарони аз ҳама беҳтарини лашкари Ксеркс ба ҳисоб мерафтанд.



**Либос ва силоҳи массагетҳо**

Драматурги машҳури қадимаи Юнон Эсхил дар фоҷиаи худ «Форс»-ҳо ҷанговари ҷавони бохтариро ба забон гирифтааст, ки дар ҷанги шафати баҳри Саламин ҳалок гаштааст.

Ҳукмронии сулолаи Аҳамониён аз болои халқҳои Осиёи Миёна беш аз 200 сол давом кард. Танҳо дар асри IV пеш аз мелод хоразмиён ва массагетҳо аз таркиби давлати Аҳамониён баромада, мустақил гардиданд.

**Рушди маданият**

Рушди маданият дар асрҳои VI-IV пеш аз мелод дар асоси манбаъҳои хаттӣ ва ҳафриётӣ омӯхта мешавад. Онҳо аз ҳамин далолат медиҳанд,ки халқҳои Осиёи Миёна дар бобати рушди ҳунармандӣ, заргарӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, кулолӣ ва бинокорӣ ба дараҷаи ниҳоят баланд расидаанд.

Водиҳои Сурхондарё, Қашқадарё, Зарафшон, ҳамчунин поёноби Амударё масалан, Қизилтеппа, Узунқир, Афросиёб, Кӯзалиқир, Ерқӯрғон ва ҳоказо марказҳои калони ҳунармандӣ будаанд.

**Дар хотир доред!**

Дар давраи Аҳамониён марказҳои калони ҳунармандӣ — **Қизилтеппа, Ерқӯрғон, Узунқир, Афросиёб, Кӯзалиқир** будаанд.

Дар манбаъҳо аз хусуси кофта гирифтани тилло, нуқра, лаъл, маъдани фирӯза, тайёр гардидани мис ва оҳан, инкишоф ёфтани кулолгарӣ, дар Осиёи Миёна тавассути роҳҳои қадимаи корвонгузар бо мамлакатҳои Шарқ ба роҳ мондани корҳои савдову тиҷорат хабарҳо дода шудаанд.



**Дастпонаи тиллогин.**
*Аз хазинаи Амударё*



**Вакилони аҳолии Осиёи Миёна.**
*Асри VI то мелод*



**Нусхаи аспу аробае,ки аз тилло сохта шудааст. Асрҳои V—IV пеш аз мелод**

Дар асрҳои V-IV пеш аз мелод дар худуди Осиёи Миёна аввалин пулҳои тангагин паҳн гардиданд. Ба дараҷаи ниҳоят бузург инкишоф ёфтани санъати заргарӣ маводи тиллогин ва нуқрагин мисоли равшан шуда метавонанд,ки имрӯзҳо дар осорхонаи хазинаи Амударёи Британиё маҳфузанд. Соли 1877 ёфтани маводҳои тиллогуну нуқрагин аз *хазинаи Амударё* мисоли равшани он аст.

Дар маркази ҳар як шаҳр қалъа — аркҳо буданд. Атрофи онро хоҷагиҳои деҳқонӣ иҳота намуда, оилаҳои калон-калони мансуби авлоди падарӣ зиндагонӣ кардаанд. Хона—кӯшки деҳқонон аз хонадонҳо, аз биноҳои хоҷагӣ ва ёрирасон иборат буд.

Ҳафриётшиносон изи ҷӯю ҷӯйборҳоеро ёфтаанд,ки ба заминҳои атрофи шаҳру қалъаҳо ба воситаи онҳо об оварда шудаанд.

### *Конспекти такягоҳӣ*

→ дар солҳои 545 ва 540 пеш аз мелод Кир II Парфия, Марғиёна ва Бохтарро забт намуд
→ соли 530 пеш аз мелод Кир II дар набарди муқобили массагетҳо ҳалок гардид (Томирис)
→ соли 522 пеш аз мелод — ошӯби Фрада
→ соли 519 пеш аз мелод — Доро I → сакҳо (Полийен аз хусуси ҷасорати Шерак)
→ сатрапҳо → Осиёи Миёна — се сатрапӣ
→ асри IV пеш аз мелод — сакҳо ва массагетҳо аз истибдоди Аҳамониён холос гардиданд
→ Асрҳои VI–IV пеш аз мелод — шаҳрҳо → Қизилтеппа, Ерқӯрғон, Узунқир, Афросиёб, Кӯзалиқир

### Савол ва супоришҳо

1. Кир II кай ба ҳудуди Осиёи Миёна зада даромад?
2. Кадом давлатҳои Осиёи Миёна аз тарафи Кир II истилоъ карда шуданд?
3. Юриши навбатии Кир II ба кӣ нигаронда шуда буд?
4. Дар Марғиёна ба муқобили Доро I кай ошӯб сар зад? Ба он кӣ сарварӣ намудааст?
5. Дар харитаи бематн роҳи истилогаронро дар Осиёи Миёна ишора кунед.
6. Аҳамониён дар Осиёи Миёна чӣ гуна андозҳоро ҷорӣ кардаанд?
7. Роҳи интихобкардаи Шеракро чӣ тавр арзёбӣ мекунед?

## 37 – 38-§§. Муборизаи аҳолии Осиёи Миёна ба муқобили истилогарони юнону македонӣ

**Пешрафти Македония дар асри IV пеш аз мелод**

Дар соли 336 пеш аз мелод Александр шоҳи Македония эълон мегардад. Ҳамон сол акнун ба синни 20 қадам монда буд.

*Александри македониягӣ* соҳибу қувваву ғайрат ва ҷасорати ғайриоддие буд. **Соли 334 пеш аз мелод** вай ба Шарқ юриш сар кард. Набарди мазкур 10 сол давом кард. Дар давоми ана ҳамин юриш вай ҳудудҳои калонро дар Осиёи Сағир, Сурия, Миср, Эрон ва Ҳиндустон ишғол намуд. Александри македониягӣ (онро Искандари Мақдунӣ ҳам мегӯянд) дар ҳудуди калон ба мақсади тарғиб кардани маданияти юнонӣ дар шаҳрҳои забтгардида юнониёнро ҷойгир сохт. Муаррих Аристобул, ки дар юришҳои Александр иштирок намудааст, дар хусуси онҳо маълумотҳо боқӣ гузоштааст.

**Силоҳу аслиҳа ва санъати ҳарбии халқҳои Осиёи Миёна**

**Дар асрҳои VII-IV пеш аз мелод** ҷанговарони Осиёи Миёна бо чӣ мусаллаҳ буданд? Ҷанговарон ба ҷанг бо ҷавшан, ба сар тоскулоҳ пӯшида дохил шудаанд. Бо ханҷару шамшер мусаллаҳ шудаанд. Табарзини ҷанговарона ва найзаро ҳам истифода бурдаанд. Тири камон ва кордчаҳо аз оҳану биринҷӣ тайёр шудаанд. Ҷанговарон ҳам дар асп ва ҳам пиёда ҷанг карда тавонистаанд.

Дар байни халқҳои Осиёи Миёна ханҷар "акинак", табарзини ҷангӣ бошад, "сагарис" номида шудааст. Барои аз дуродур истифода бурдани силоҳ тиру камонро кор фармудаанд. Дар болои аспони ҷанговар ҳаракат карда, либоси то сари сина пӯшидаашонро ҷавшан ташкил медод.

Ҳуҷуми ҷавобиро ба муқобили душман саворагон сар карда додаанд. Онҳо асп давонда истода, бо тиру камон, найза ё худ шамшер ба душман ҳамла

**Дар хотир доред!**

Муаррих Аристобул,ки дар юришҳои Искандари Мақдунӣ иштирок намудааст, аз хусуси онҳо маълумотбоқӣ гузоштааст.



**Искандари Мақдунӣ**



**Акинак**



**Сагарис – табарзини чангии ҷанговарони осиёимиёнагӣ**

**Дар хотир доред!**

Дар асрҳои VII—IV пеш аз мелод шаҳрҳои калон,аз қабили Қизилтеппа, Афросиёб ва Узунқир бо деворҳои мустаҳкам иҳота карда мешаванд,ки дорои камингоҳ ва дидгоҳҳо буданд.



**Ҷанговарони Искандари Мақдунӣ**

кардаанд. Саворагон дигар тактикаро ҳам истифода бурдаанд: гуё худро ақибнишинӣ карда истодагӣ барин нишон дода, аз тарафи дигар душманро ба камингоҳ рӯ ба рӯ карда, мағлуб сохтаанд.

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Искандар — ...*** | ***Акинак — ин...*** |
| ***Сагарис — ин...*** | |

Ҳангоми ҳимоя кардани ҳисору шаҳрҳо аз тиру камон ва фалахмонҳо истифода бурдаанд. Санг ғуррондаанд, оби ҷӯшидаистодаро пошидаанд. Ба мақсади мудофиа аз сангу порчаҳои лойи пухташуда истифода бурдаанд.

Дар асрҳои VII–IV пеш аз мелод шаҳрҳои Қизилтеппа, Афросиёб ва Узунқир бо деворҳои мустаҳкам иҳота гардида, дидгоҳу камингоҳҳо доштанд. Дар болои деворҳо барои камонварон роҳравҳо сохта шуда, ба дидгоҳу камингоҳҳо ҳам камонварон гузошта шудаанд. Чуқуриву хандаки фарохи бо об пуркарда ба роҳи сӯи қалъа монеъ шудаанд.

**Истилои Александри Македонӣ**

**Дар соли 330 пеш аз мелод** Александри Македонӣ қӯшуни шоҳи охирини сулолаи Аҳамониёни давлати Форси Қадим Доро III-ро торумор кард. Вай пеш аз юриш ба Ҳиндустон ба мақсади таъмини бехавфии ақибгоҳи қӯшунаш халқу қавмҳоеро ба худ тобеъ карданӣ шуд,ки дар он сӯи Амударё истиқомат мекарданд.

Шаҳри аввалине,ки ба роҳи вай монеъ гардид, пойтахти Бохтар Бактра (Зариасп) буд. Дар ин ҷо сатрап Бесс буд,ки аз сулолаи Аҳамониён ба ҳисоб мерафт. Вай шаҳри Бактраро ба ихтиёри душманон гузошта, ба он соҳили Амударё гурехта буд.

Суғдиёна мустақилияти худро нигоҳ медошт. Александри Македонӣ маслиҳати устози худ, файласуфи Юнони қадим Аристотелро хуб дар хотир




**Юришҳои Искандари Мақдунӣ**

дошт. Ӯ таъкид карда буд, ки ду подшоҳ Кир II ва Доро I дарёро бо душворӣ убур карда, минбаъд ҳар дуяш ҳам аз нашъаи мағлубият баҳра бардоштааст. Аз ҳамин сабаб ба ин юриш тайёрии пухта дидан лозим меояд.

**Забти Мароқанд**

**Соли 329 пеш аз мелод** Александри Македонӣ бо қӯшунҳояш аз Амударё убур кард. Ҷанговарони Александр аз ин монеа гузаштанд. Дар рӯ ба рӯи қӯшунҳо Наутака (қисми шарқии воҳаи Қашқадарё) ва Мароқанда меистод.

Соли 329 пеш аз мелод Искандари Мақдунӣ Мороқандро ишғол намуд. Александр як қисми қӯшунҳои худро дар ин ҷо гузошта, худаш барои забти шаҳри Курушкат (Кирополис) бо қувваҳои асосӣ ба соҳили Сирдарё баромад. Мувофиқи ривоят ба ин шаҳр шоҳи форс Кир II асос гузошта буд.

Халқи Суғдиёна ба муқобили истилогарон ба мубориза бархест. Ба зудӣ ба суғдиён бохтариён, сакҳо ва массагетҳо ҳамроҳ гаштанд. Ба ошӯб роҳбари соҳибистеъдод ва қӯмондон Спитамон сарварӣ мекард.



**Шутуркаши бохтарӣ**



**Спитамон**

Спитамон,ки бисёр қӯшун ҷамъ оварда буд, Мароқандро муҳосира намуд. Александр ба мақсади аз муҳосира халос кардани қӯшуни худ се ҳазор нафар ҷанговаронро фиристод. Дар наздикии дарёи Зарафшон,ки дар қадим " Политимет" номида мешуд, Спитамон ба роҳи душман камингоҳ гузошта, онро нобаҳангом пешвоз гирифта, торумор намуд. Худи Александр барои хомӯш кардани ошӯб шурӯъ намуд. Спитамон хабари бо қӯшуни калон омада истодани Александрро шунида, муҳосираро қатъ карда, қӯшунҳои худро ба саҳро бурд.

Ба мақсади мубориза ба муқобили сакҳо ва массагетҳо Александр дар соҳили Сирдарё дар шафати Хуҷанд ба барпо кардани манзили такягоҳӣ фармон дод. Қалъаи мазкур Александрия Есхата (Александри канора) номида шуд.

**Дар хотир доред!**

**Соли 329 пеш аз мелод** қӯшунҳои юнону македон Мароқандро забт намуданд. Ба муқобили онҳо ошӯби халқӣ таҳти сарпарастии **Спитамон** сар шуд.

Александр дар Мароқанд гарнизон – қӯшуни махсус гузошта, бо қӯшуни асосӣ ба мақсади зимистонгузаронӣ ба Зариасп (Бохтар) равон шуд. Баҳори ҳамон сол чораи пахш кардани ошӯбро мебинад. Лашкари худро ба се қисм тақсим карда, Суғдиёнаро аз як сӯяш то сӯи дигараш давр зада мебароянд ва бисёр аҳолиро сар мебурад.

Тирамоҳи **соли 328 пеш аз мелод** набарди ҳалкунанда байни Спитамон ва Александр ба амал меояд. Азбаски қувваҳо баробар набуд, Спитамон мағлуб мегардад, боз ба дашт ақибнишинӣ мекунад. Дар ҳамон ҷо сарварони қабилаҳои бодиянишин ӯро хоинона мекушанд.

**Давоми мубориза**

Марги Спитамон иродаи суғдиён ва бохтариёнро шикаста натавонист. Александр ҳисори дар кӯҳсори Ҳисор ҷойгирбудаи Хорийен ва Оксиартро ишғол намуда, ба духтари Оксиарт Равшанак хонадор мешавад. Ҳамин тавр, Александри Македонӣ бо яке аз сарварони қабилаи баобрӯи суғд риштаи хешу табориро барқарор мекунад.



**Камингоҳ**

Барои забт кардани сарзаминҳои Осиёи Миёна Александр қариб се сол саъю кӯшиш намуд, вале ҳудуди на он қадар калон: Марғиёна, Бохтар, Суғдиёна ва соҳилҳои Сирдарёро бо шаҳрҳои имрӯзаи Бекободу Хуҷанд ба худ тобеъ карда тавонист. Хоразм, воҳаи Тошканд ва Фарғона мустақилияти худро нигоҳ доштанд. Ҳарчанд ошӯби Спитамон пахш гардида бошад ҳам қӯшунҳои юнону македониягӣ бори аввал нашъаи мағлубиятро чашиданд.



Лаҳзае аз ҷанг

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Окс — ин ...*** | ***Курушкат — ин...*** |
| ***Наутака — ин...*** | ***Спитамон — ин...*** |
| ***Мароқанда — ин...*** | ***Бохтар — ин...*** |

**Оқибатҳои истилоъ**

Ҳаракатҳои истилогаронаи қӯшунҳои юнону македонӣ заминҳои Осиёи Миёнаро ба харобазор мубаддал сохт, қисми зиёди аҳолӣ қир карда шуд, бисёр шаҳрҳо ба харобазор табдил ёфт.

Мувофиқи навиштаҳои муаррихони юнонӣ Александри Македонӣ дар Осиёи Миёна якчанд шаҳр сохтааст. Шаҳрҳои мазкур бо номи вай Александрияи Окс, Александрияи Есхата, Александрияи Марғиёна ва ҳоказо таъкид гардидаанд. Баъзеи онҳо дар ҷойҳои вайронгардидаи шаҳрҳои Суғдиёна ва Марғиёна, дигарашон ба сифати қалъаҳои такягоҳӣ аз нав сохта шудаанд. Дар шаҳрҳои мазкур аскарони пиёда ва савораи юнону македонӣ ҷойгир шуданд. Аз соли 324 пеш аз мелод эътиборан сафҳои камшудаи ин аскарон аз ҳисоби ҷавонони Бохтар ва Суғдиёна,ки ба таркиби Македония шомил гардонда шуда буданд, пурра гардиданд.

**Дар хотир доред!**

Искандари Мақдунӣ ба забти заминҳои Осиёи Миёна се сол ҳаракат кард. Вале вай ҳудуди на он қадар калонеро ба зери тасарруфи худ даровварда тавонист.

Бо мурури вақт ҳунармандӣ ва савдову тиҷорат аз нав барқарор гардид. Анъанаҳои маданияти маҳаллӣ ва юнонӣ бо ҳам омехта гардиданд. Дар ҳамин асос давлатҳои қадимаи Салавкагиён, Юнон–Бохтар ва Парфия рушд ёфтанд.



**Тангаи Александр**

### *Конспекти такягоҳӣ*

→ соли 334 пеш аз мелод юриши Александри Македонӣ ба Шарқ
→ Юришҳои Александрро муаррих Аристобул нигоштааст
→ силоҳу аслиҳа: акинак, сагарис
→ шаҳрҳои қадима — Қизилтеппа, Афросиёб, Узункир
→ Бесс— сатрапи Бохтар
→ соли 329 пеш аз мелод забти Мароқанд — Спитамон
→ Ҷанги сохили Политимет (дарёи Зарафшон)
→ Александрия Есхата
→ соли 328 пеш аз мелод мағлуб гардидани Спитамон

**Дар хотир доред!**

**Соли 323 пеш аз мелод** Искандари Мақдунӣ вафот намуд. Давлати ӯ ба се қисм тақсим гардид: Македония, Миср, Сурия. Осиёи Миёна тобеи Сурия буд.

*Савол ва супоришҳо*

1. Силоҳҳои ҷанговарони Осиёи Миёнаро тасвир карда диҳед?
2. Александр Македонӣ ба Суғдиёна кай юришро сар кард?
3. Александри Македонӣ дар ҳудудҳои ишғолгардида ҳокимияти худро бо кадом роҳҳо ба амал баровардааст?
4. Ошӯби Спитамон кай оғоз ёфт ва чӣ тавр анҷомид?
5. Оқибатҳои манфии ба ҳудуди Осиёи Миёна забт карда даромадани қӯшунҳои юнону македониро шумуред?
6. Дар харитаи бематн роҳҳои тайкардан Искандари Мақдуниро дар Осиёи Миёна ишора намоед?

## §§ 39 – 40. Давлати Салавкиён ва Шоҳигарии Юнон-Бохтар



**Салавка**

**Осиёи Миёна дар таркиби давлати Салавкиён**

**13 июни соли 323 пеш аз мелод** Александр Македонӣ вафот кард. Давлати ӯ ташкилкарда ба се қисм Македония, Миср ва Сурия тақсим гардид. Давлатҳои мазкур аз тарафи лашкаркашони аз ҳама наздики Александр идора карда мешуд.

Баъди дуру дароз давом кардани ҷангҳои байниҳамдигарӣ **соли 312 пеш аз мелод** яке аз сарлашкари Александри Македонӣ Салавка ҳукмдори давлати Бобул (Месопотамия) гардид. Ба

таркиби давлати салавкиён Месопотамия, Эрон, Парфия, Бохтар, Суғдиёна, Марғиёна медаромад. Салавка Осиёи Миёнаи ба таркиби давлаташ даромадаро ба сатрапҳои алоҳидаи вилоятҳо тақсим намуда, ба ҳар яке он сатрап ҳукмронӣ мекард. Баробари ташкили мудофиаи мамлакат ва қӯшун стратеги аз ҷумлаи лашкаркашон таъингардида бо ситондани андоз шуғл меварзид.

**Соли 293 пеш аз мелод** Салавка ба вилоятҳои шарқӣ — Парфия, Марғиёна, Бохтар, Суғдиёна писари худ Антиохро ноиб таъин мекунад. Соли 280 пеш аз мелод баъди вафоти Салавка Антиох ба ҳукмдори давлати бузург мубаддал ёфт ва 20 сол мамлакатро идора намуд.



**Лашкари Салавкиён**



**Ҷанговарони лашкари Салавкиён**

***Худро озмуда бинед!***

***Салавка — ...*** ***Стратег — ин...***

Тарзи зиндагоние,ки ба туфайли истисмори юнониёну македониён аз роҳ баромада буд, дар Бохтар ва Марғиёна ба оҳистагӣ барқарор шудан гирифтанд. Дар ин маконҳо манзилгоҳҳои нав, шаҳрҳои нав бунёд гардида, зироаткорӣ ва ҳунармандӣ рӯ ба инкишоф ниҳод. Бактра, Мароқанда, Антиохи Марғиёна (Мавр), Тирмиз ба шаҳр ва марказҳои калони маданӣ мубаддал гардиданд.

Баъди истисмори юнону македон дар вилоятҳои Осиёи Миёна дар таърих давраи атиқа ё худ давраи эллиникунонӣ оғоз ёфт. Охири оқибат ин юришҳо боиси инкишофи муносибатҳои маданӣ байни Шарқу Ғарб ва вусъат ёфтани муовиза шуд.

**Дар хотир доред!**

Эллинигардонӣ — дар Шарқ дар асрҳои III — II пеш аз мелод паҳншавии маданияти юнонӣ ва маданияти омехта — ҷараёни ташкилёбии маданияти юнон ва маҳаллии Шарқ.

**Давлати Юнон-Бохтар**

**Дар соли 250-уми пеш аз мелод** Бохтар аз таркиби давлати Салавкиён ҷудо шуда баромад. Мувофиқи хабари муаррихи давраи атиқа Диодот — ҳукмдори ҳазор шаҳри Бохтар худро шоҳ эълон намуд. Аз ҳамон воқеа таърихи давлати Юнон-Бохтар сар шуд. **Соли 250 пеш аз мелод** аз таркиби давлати Салавкиён

Парфия ҷудо шуд, ба рақиби Бохтар табдил ёфт. Ба таркиби шоҳигарии Юнон-Бохтар ба ғайр аз Бохтар боз Суғдиёна ва Марғиёна ҳам дохил шуда буданд.

Баъди Диодот ҳукмдорони Юнон-Бохтар Йевтидет дар таърихи давлат изи фаромӯшнопазир гузошт. Дар давраи ҳукмронии Деметрӣ — писари Йевтидет (солҳои 199–167 пеш аз мелод) шоҳигарии Юнон-Бохтар соҳиби сарҳади аз ҳама калон буд. Як қисми Ҳиндустон ба таркиби ин давлат ҳамроҳ карда шуд.



Кӯҳҳои Бохтари қадима

Дар Парфия ҳокимият ба дасти Митридат I гузашта, тазйиқро ба муқобили Бохтар пурзӯр гардонд. Давлати Юнон-Бохтар барои пеш бурдани набардҳои бардавом маҷбур буд, ин ҳол




**Давлати Юнон-Бохтар дар аввалҳои асри II пеш аз мелод**

**Дар хотир доред!**

Ҳукмдорони давлати Юнону Бохтар: **Диодот**, **Йевтидем**, **Деметрӣ**.

боиси заиф гардиданаш шуд. Аз ин бодиянишинҳои қабилаи юэчҷҳо истифода бурда, **солҳои 140-130 пеш аз мелод** давлати Юнон-Бохтарро зер карда гирифтанд.

***Худро озмуда бинед!***

***Диодот — ...*** ***Йевтидем — ...***
***Деметрӣ — ...*** ***Митридат — ...***

**Рушди маданият**

Давлати Юнон-Бохтар 120 сол умр дид. Дар ҳамин давр иқтисодиёт ва фарҳанги он инкишоф ёфт. Ҳунармандӣ ва савдову тиҷорат ривоҷ ёфт, бисёр шаҳрҳо қад кашиданд, Маводҳое,ки ҳунармандони Бохтар, Суғдиёна ва Марғиёна тайёр мекарданд, дар бисёр шаҳрҳо ва давлатҳои ҳамсоя ҳам паҳн гардиданд.

Дар давлати Юнон-Бохтар тангаҳо бо суратҳои ҳукмдорон сикка зада шуданд. Соҳили дарёи Даҷла — аз Салавкия то Бохтар роҳи корвонро ташкил дода, сохтмонаш ба анҷом расонда, бо бисёр давлатҳои ҷаҳон алоқаҳои савдову тиҷорат ва маданӣ пурзӯр гардид. Ба воситаи Бохтар роҳи корвонгузар,ки аз Чин ба Ҳиндустон мебурд, ҳамчунин шабакаи ҷанубии Роҳи бузурги абрешим ба вуҷуд оварда шуд.



**Тангаҳои давлати Юнон-Бохтар**

### *Конспекти такягоҳӣ*

→ соли 323 пеш аз мелод вафоти Александри Македонӣ

→ шоҳигарӣ — Македония, Миср, Сурия

→ соли 312 пеш аз мелод Салавка → асосгузори давлати Салавкиён

→ соли 280 пеш аз мелод Антиох → ҳукмдори давлати Салавкиён давраи атиқа

→ эллингардонӣ → омехташавии маданияти Юнон ва Шарқ

→ соли 250 пеш аз мелод — ташкилёбии давлати Юнон-Бохтар — Диодот, Йевтидем, Деметрӣ

→ солҳои 140-130 пеш аз мелод — аз ҷониби юэҷҷҳо (кушониён) заминҳои Юнон–Бохтар забт гардид

**Дар хотир доред!**

**Дар солҳои 140-130 пеш аз мелод** давлати Юнон-Бохтар аз тарафи қабилаҳои юэҷҷҳо забт гардид.

*Савол ва супоришҳо*

1. Давлати Александри Македонӣ ба кадом давлатҳои мустақил тақсим гардид?
2. Аз хусуси Салавка ва Антиох чиҳоро медонед?
3. Парфия ва Бохтар кай аз давлати Салавкиён мустақил гардидааст?

4. Шоҳигарии Юнон-Бохтар кай ташкил ёфтааст?
5. Дар таърихи давлати Юнон-Бохтар мавқеи юэчҷҳои бодиянишин чӣ гуна аст?
6. Маънои истилоҳи “эллинигардониро” маънидод созед.
7. Дар харитаи бематн сарҳадҳои давлати Салавкагиён ва шоҳигарии Юнон-Бохтарро ишора кунед.

**Дар хотир доред!**

**Бохтар, Мароқанда, Марғиёнаи Антиох (Марв)** ва **Тирмиз**-шаҳрҳои калонтарини давлати Салавкиён буд.

## 41-§. Хоразми қадим, давлатҳои Қанғ ва Довон

**Хоразми Қадима**

**Дар асри IV пеш аз мелод** Хоразм аз давлати Аҳамониён ҷудо гардида, ба давлати мустақил табдил ёфт. Дар давраи ҳукмронии Александри Македонӣ ва Салавкиён ҳам Хоразм давлати мустақил буд. Аҳолии ин кишвар асосан бо зироаткорӣ машғул мешуд.

Оғози шаҳрсозӣ дар Хоразм ба аввали садаи VII пеш аз мелод рост меояд (Харобаҳои шаҳри Кӯзалиқир). Дар асрҳои V–IV пеш аз мелод қальаи бузурги қароргоҳи ҳукмпори маҳадди бунёд шудааст (Харобаҳои шаҳри Қальалиқир).



**Қӯй қирилган қалъа.**
*Таҷдид*

Дар асрҳои III–II пеш аз мелод дар Хоразми қадима шаҳри Ҷонбозқалъа аз ҳама қадима буд. Аз зери харобаҳои Қӯйқирқирилганқалъа боқимондаҳои ибодатхонаи гирдогирд карда сохташуда ёфт шуданд.

Дар асрҳои II–III милодӣ бошад, дар шаҳри Тӯпроққалъа аз ин ҳам корҳои бузург ва мустаҳками бунёдкорӣ ҷомаи амал пӯшонда шуда будаанд. Шаҳр бо деворҳои пуркудрати мудофиавӣ иҳота гардида, дар кунҷҳои девор дидгоҳ сохта шудаанд. Кӯчаи марказӣ шаҳрро ба ду қисм тақсим карда, аз он ба атроф кӯчаҳо тӯл кашида, маҳаллаҳо аз ҳамдигар ҷудо шудаанд. Дар майдони марказӣ қасру ибодатхонаҳои мустаҳкам ҷойгир буданд.



**Қиёфаи хоразмиёни қадима**

Деворҳои сарои қаср бо тасвири шоҳҳо, лашкарҳо, созандагон, ҳамчунин ҳайвону паррандаҳо зеб дода шуда буданд. Беш аз 20 ҳайкалчаи лоини рангоранг

дар яке аз токчаҳои залҳо саросари девор гузошта шудаанд.

Дар Хоразм махсусан истеҳсолоти ҳунармандӣ ба дараҷаи ниҳоят баланд инкишоф ёфта буд. Ба маҳсулоти кулолгарӣ, оҳангарӣ, асбобҳои мисин, силоҳҳо, маҳсулоти заргарӣ талаб калон буд. Аҳолии Хоразм бо Суғдиёна, Марғиёна, Бохтар ва бодиянишинони саҳро аз наздик муносибатҳои тиҷоратиро ба роҳ монда буд. Аз ин кишварҳо роҳҳои муҳими тиҷорат тӯл кашидаанд. Дар асри I пеш аз мелод ва садаҳои аввалини мелодӣ дар Хоразм тангаҳои нуқрагин ва мисинро сикка занондаанд.



**Девори муҳофизавии шаҳристон.** *Хоразм.*

Аз худуди Хоразм навиштаҷоти аз ҳама қадимаи Осиёи Миёна ёфт гардидааст. Онҳо ёдгори-ҳои Ойбуйирқалъа (асрҳои V-IV пеш аз мелод) хате,ки дар сатҳи хум навишта шудаанд ва хати маҳаллиеанд,ки аз Қӯйқирилганқалъа (асрҳои III-II пеш аз мелод) ёфт гардидаанд.

**Дар хотир доред!**

Шаҳрсозӣ дар Хоразм ба асри VII пеш аз мелод рост меояд.

Дар асри I мелодӣ дар Хоразм тақвими маҳаллиро кор карда баромадаанд ва онро то асри VIII истифода бурдаанд.

**Давлати Қанғ**

Дар Чин ин давлатро Қанғуйу гуфташ маълум аст. **Дар асри III пеш аз мелод** ба он сакҳо асос гузоштаанд. Мувофиқи аниқкунии қадимшиносон харобаҳои шаҳри Қанғаи ноҳияи имрӯзаи Оққӯрғони вилояти Тошканд пойтахти ҳамонвақтаи давлати сакҳо будааст. Он Қанғдез буда, ба вай дар асри III пеш аз мелод асос гузоштаанд. Муаррихони чинӣ ин шаҳрро Битуан номидаанд. Шаҳрҳои асосии давлати Қанғ саросари соҳили Сирдарё ҷойгир буданд.



**Ҷанговари Хоразми қадима**

Дар охири асри II пеш аз мелод муттаҳидкунии қабилаҳои қанғ дар атрофи давлати пурқуввате оғоз ёфт. Ҳатто ҳукмдорони он аз номи худ тангаро сикка занонданд. Дар давлати Қанғ истеҳкомҳои муқтадир, қалъа, ибодатхонаҳои шаҳр, маҳаллаҳои савдо ва ҳунармандӣ барпо гардиданд.



Қалъаи. Хоразми қадима

Яке аз марказҳои мадании давлат воҳаи Тошканд буд. Маҳз дар ҳамин ҳудуд зироати муқимӣ ва маданияти савдову ҳунармандӣ ба вуҷуд амад.

*Худро озмуда бинед!*

| | |
|---|---|
| ***Қангха — ин...*** | ***Қангдез — ин...*** |
| ***Қангуйу — ин...*** | ***Қанг — ин...*** |

Барои гул-гулшукуфонии иқтисодиёти мамлакат гузаштани қисми шимолии Роҳи бузурги абрешим имконият фароҳам овард. Лекин, маҳз ҳамин ҳол барои бо Чин сар задани набардҳо оварда расонд. Дар набарди мазкур қанғарҳо (аҳолии давлати Қанғро ҳамин тавр меномиданд) бисёр вақт ғолиб меомаданд.

Ба садаи III пеш аз мелод омада давлати Қанғ пароканда гардид.

**Дар хотир доред!**

Қанғ (Қанғуйу) — иттиҳоди давлати қадимае мебошад, ки дар воҳаи ҳозираи Тошканд, вилояти Чимкент ва соҳили Сирдарё ҳудудҳоро ишғол намудааст.

**Давлати Довон**

Таърихи Довон (дар манбаъҳои чинӣ бо ҳамин ном баён гардидааст, дар дигар манбаъҳо бошад, Паркана таъкид гардидааст), яъне кай ташкил шудану кай ба инқироз рӯ овардани он, ки барои муаррихон аҳамияти калон дорад, то ҳол маълум нест. Давлати мазкур тахминан аз аввали **асри III пеш аз мелод то асри II мелодӣ** мавҷуд будааст. Дар Фарғона ҷойгир буд.

Маълумоти муфассал аз хусуси таърихи давлати Довон дар солномаҳои чинӣ вомехӯранд ва онҳо доир ба асрҳои I-II мелодист. Мувофиқи навиштаҳои муаррихони Чин аҳолии давлати мазкур дар беш аз 70 шаҳр истиқомат кардаанд. Масалан, сайёҳи Чин Чжан Суан дар Довон шуда ин тавр иншо кардааст: *“Дар диёри Довон 70-то шаҳри хурду калон аст. Миқдори аҳолиаш ба як чанд ҳазор нафар мерасад. Бо тиру камон ва найза мусаллаҳ гардидаанд. Халқаш дар бобати асп давондан, тир паррондан моҳир аст”.* Дар дигар солномаи чинӣ:“шаҳрҳои Ан’си (Эрон) ба Довон шабеҳӣ доранд” таъкид гардидааст.



Пайкараи асп

Муаррихони чинӣ гувоҳӣ медиҳанд,ки давлати Довон дар ҳудуди ҳозираи воҳаи Тошканд будааст: *“Дар замони сулолаи Хон мулкҳои Ши ноҳияҳои шимолии давлати Довонро ташкил медоданд ва дар шимол то давлати Қанг, дар ҷануб бошад, то давлати юэчҷиҳо тӯл мекашид”*.

Ҳукмдорони Чин чандин маротиба ҳаракат карданд,ки давлати мазкурро забт намоянд. Вале саъю кӯшишашон зоеъ рафт. Дар яке аз юришҳои ҳарбӣ онҳо пойтахти давлати Довон Эрширо ба даст оварданд, вале дар зери тазйиқи аҳолӣ ба ивази хироҷ онро партофта рафтан маҷбур шуданд.

Давлати Довон дар савдои байналхалқӣ байни Чин ва дигар давлатҳои Шарқ мавқеи қалон бозидааст. Диққату эътибори ҳукмдорони Чинро бисёр вақт аспҳои наслдори Фарғона ба худ ҷалб сохта буд. Ба яке аз наслҳои аспон ҳатто *“Самовӣ”* гуён ном гузошта буданд. *“Аспони самовӣ”* ба-қувват ва ниҳоят зебо буданд.

Далелҳое, ки қадимшиносон ёфтаанд, маълумотҳои солномаҳои чиниро тасдиқ мекунанд: дар асрҳои II-I пеш аз мелод Фарғона ниҳоят тараққӣ ёфта, аҳолиаш соҳибистеъдод, хуб мусаллаҳ гардида ва ба қӯшунҳое соҳиб буд, ки хеле хуб машқ мекардаанд. Аҳолии атрофи шаҳрҳои Шӯрабашат, Учқӯрғон ва дигар шаҳрҳои давлати Фарғона заминро шудгор карда, шолӣ ва гандум мекориданд, дар бобати боғдорӣ ва токпарварӣ ба комёбиҳои калон муваффақ гардида буданд.

Чуноне ки олимон аниқ кардаанд, дар асри II мелодӣ давлати Давон барҳам ёфтааст.

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Паркана — ин...*** | ***Эрши — ин...*** |
| ***Аспони самовӣ — ин...*** | ***Довон — ин...*** |
| ***Воҳаҳои зироаткориӣ — ин...*** | |

**Дар хотир доред!**

Пойтахти давлати Довон (дар мамлакати Чин диёри мазкур бо ҳамин унвон ба забон гирифта шуда, дар дигар манбаъҳо Паркана номида мешавад). Аҳолии **Эршӣ (Эриш), Шӯрабашат, Учқӯрғон** бо кишоварзӣ шуғл варзидаанд.



**Саҳнае аз муҳориба**

**Дар хотир доред!**

Дар садаи II Довон аз тарафи қабилаҳои бодиянишин забт гардид.



“Аспони самовӣ”



## *Конспекти такягоҳӣ*

**Хоразми Қадим (асри IV пеш аз мелод то асри III мелодӣ)**
- шабакаҳои обёрикунӣ
- ҳунармандӣ ва савдо
- шаҳр ва давлатҳо
- сатҳи баланди бинокорӣ
- пайкаратарошӣ ва тасвирҳои деворӣ
- Хати қадимаи Хоразм
- Ҷонбошқалъа, Қӯйқирилганқалъа, Тӯпроққалъа

**Давлати Қанғ (асри III пеш аз мелод то асри III мелодӣ)**
- Қанғуйу (Қанғна)
- канғарҳо
- Канка – Қанғдез (Битуан)
- набардҳо бо Чин
- истилои бодиянишинон

**Давлати Довон — Фарғона (асри III пеш аз мелод ва асри II мелодӣ)**
- Паркана
- 70 шаҳр
- набардҳо бо Чин
- Эрши-пойтахт
- «аспони самовӣ»
- Шурабашат, Учқӯрғон
- истилои бодиянишинон

### *Савол ва супоришҳо*

1. Хоразм дар кадом аср аз давлати Аҳамониён ҷудо шуда мустақил гардид?
2. Ҳунармандии хоразмиёнро тасвир кунед?
3. Аз хусуси шаҳрҳои қадимаи Хоразм чиҳоро медонед?
4. Аз хусуси маданияти ба худ хоси Хоразм ҳарф занед?
5. Давлати Қанғ дар манбаъҳои мухталиф чӣ тавр номида шудааст?
6. Дар харитаи131 броматн сарҳадҳои давлати Канғро ишора кунед.
7. Давлати Қанғ кай ташкил ёфт ва то кай мавҷуд буд?
8. Бо кадом сабаб давлати Қанғ барҳам хӯрд?
9. Аз хусуси давлати Довон чиҳоро медонед?
10. Кадом воҳаҳои зироаткори давлати Довонро медонед?
11. Дар харитае,ки навиштаҷот надорад, ҳудуди тахминии давлати Довонро муайян кунед.

## §§ 42 – 43. Шоҳигарии Кушон



Кӯзаи асри II—I пеш аз мелод

**Ташкилёбии давлати Кушон**

**Дар солҳои 140-130 пеш аз мелод** қабилаҳои юэҷҷиҳо ба ҳудуди давлати Юнон-Бохтар зада даромаданд. Онҳо дар заминҳои Бохтар ҷойгир шуданд ва асри 1 мелодӣ сардори хонадони Гуюшиан (Кушон) тамоми мулки юэҷҷиҳоро ба зери тасарруфи ҳокимияти худ даровარда, ба давлати Кушон асос гузошт.

Ҳукмдори аввалини мулкҳои муттаҳидгардидаи юэҷҷиҳо Кудзула Кадфиз гардид.

Кудзула Кадфиз вақти ҳукмронии худ давлатҳои Афғонистон ва Кашмирро ба давлати Кушон ҳамроҳ кард. Вориси вай Вима Кадфиз ҳангоми ҳукмрониаш ҳудуди давлати худро боз ҳам васеъ кард. Дар замони ҳукмронии шоҳ Канишка пойтахти Бохтар ба Пешовар (Афғонистони ҳозира) кӯчонида шуд, давлати Кушон бошад, ба салтанати бузурге мубаддал ёфт. Ба ҳудуди он заминҳои Ҳиндустон, Хӯтан, Афғонистон ва ҷануби Ӯзбекистон шомил буданд. Давлати Кушон ба қатори империяҳои Рим, Парфия, Чин дохил шуд. Дар садаи III мелодӣ бар асари набардҳои бардавом давлати Кушон завол ёфт ва пароканда гашт.



**Тасвири ҷавон.**
*Расми деворӣ*



**Ҳукмдори Кушон**




**Шоҳигарии Кушон**

**Дар хотир доред!**

Ба давлати Кушон дар асри I мелодӣ Кудзула Кадфиз асос гузоштааст.



**Тангаҳои Шоҳигарии Кушон**



**Тасвири мусиқор – бонувон**

***Худро озмуда бинед!***

***Кудзула Кадфиз — ин... Канишка — ин...***
***Вима Кадфиз — ин...***

**Тараққиёти иқтисодӣ**

Дар давраи ҳукмронии Вима Кадфиз дар шоҳигарии Кушон тангаи номи ҳукмдор сабтёфта сикка занонда шуд. Ҳукмдор ислоҳоти пулро гузаронд, қурби тангаҳои сикказада баланд гардид. Тангаҳоро аз тиллову нуқра занонда буданд.

**Дар асри I-II мелодӣ** дар давраи ҳукмронии Канишка (солҳои 78-123 мелодӣ) давлати Кушон ба қуллаи тараққиёти худ расид. Шаҳрҳои нав ба нав қад кашиданд. Бо империяҳои Ҳиндустон, Чин ва Рим муносибатҳои савдо ва сафирӣ ба роҳ монда шуд.

Ҳунармандӣ ҳам ба дараҷаи баланд тараққӣ кардааст. Ҳангоми ҷараёни омӯзиши ёдгориҳои давлати Кушон — Холчаён, Далварзинтеппа, Айритом, Зартеппа, Қоратеппа ва ғайра бозёфтҳои ба дастомада инро тасдиқ менамоянд.

Асоси иқтисодиёти давлати Кушонро зироаткории обӣ, тиҷорат ва ҳунармандӣ ташкил медод. Дар давраи давлати Кушон осиёб, намудҳои чиғир васеъ истифода бурда, олоти коркарди замин такмил ёфт.

**Хат дар давлати Кушон**

Ба туфайли алоқаи байни-ҳамдигарии маданӣ ва савдои халқҳое,ки дар ҳудуди давлати Қушон зиндагонӣ кардаанд, дар Осиёи Миёна хати қадимаи оромӣ васеъ паҳн гардидааст. Хати мазкур дар Осиёи Ғарбӣ пайдо гардида, азбаски ба алифбо такя мекард, азхудкуниаш ба осонӣ сурат гирифтааст. Дар натиҷаи омӯзиши ёдгориҳои қадимаи Тирмиз намунаҳои навишти оромии алифбои Кушону Бохтар ёфт гардидааст.

Дар давлати Кушон боз як навъи хат—шакли навишти Кушон мавҷуд будааст, ки дар он ҳарфҳо яккунҷа ва гирдогирд шудаанд.

Дар шоҳигарии Кушон хати қадима мавҷуд буданашро аз ғори Сурхкӯтал (наздики шаҳри Қундузи Афғонистон) ёфт гардидани алифбои юнону навиштаҷоти кушонии он низ тасдиқ менамоянд.

Дар поёноби Амударё, водиҳои Зарафшон ва Қашқадарё дар асоси алифбои оромӣ хатҳои хоразмӣ ва суғдӣ ҳам васеъ паҳн гардида буданд. Бозёфтҳо оид ба намудҳои мухталифи хат гувоҳӣ медиҳанд, ки шоҳигарии Кушон бо бисёр давлатҳои ҷаҳон алоқаҳои доманадор доштааст.



**Чиғир ускунаи оббарорӣ**

**Эътиқоди динӣ**

Вақте ки давлати Кушон ташкил меёфт, аҳолии асосии Бохтар, Суғдиёна асосан ба дини зардуштӣ эътиқод доштанд. Дар давраи ҳукмронии Канишка як қисми Ҳиндустон ҳамроҳ карда, алоқаҳои наздик ба роҳ монда шуданд. Буддоӣ,ки ба ҳудуди давлати Кушон ворид гардида меомад, якҷоя бо зардуштӣ то асри VIII мелодӣ дар Осиёи Миёна мавҷуд буд.

Дар Тирмизи кӯҳна, Айритом ва Далварзинтеппа ибодатхонаҳои мӯҳташами буддоӣ арзи ҳастӣ намудаанд. Маҳз аз ҳамин ҷо буддоӣ ба саросари Осиёи Миёна васеъ паҳн гардидааст.



**Ҳайкали сохти сари бонувон. Асрҳои I—II**

**Меъморӣ ва санъат**

Дар давраи Кушониён дар ҳудуди ҳозираи Ӯзбекистон бинокорӣ ва меъморӣ ба дараҷаи баланд инкишоф ёфтааст. Далварзинтеппа ва Тирмизи кӯҳна барин шаҳракҳо бо деворҳои мудофиавие иҳота гардида буданд,ки аз хишти хом сохта шудаанд. Дар паси деворҳои мудофиавӣ қароргоҳи ҳукмдор ҷойгир буд. Худи шаҳрҳо ба маҳаллаҳои ҳунармандон ва мавзеъҳои истиқоматӣ тақсим гардиданд.

**Дар хотир доред!**

**Холчаён, Далварзинтеппа, Айритом, Зартеппа, Қоратеппа** ёдгориҳои ҳафриётии давлати Кушон ба ҳисоб меравaнд.

Диққату эътибори асосӣ ба сохтани кӯшку ибодатхонаҳо нигаронда шуда буд. Дар кӯшки ҳукмдори Холчаён (воҳаи Сурхон), ибодатхонаи буддоиён дар Тирмизи кӯҳна (Қоратеппа, Файёзтеппа), ибодатхонаи буддоии Далварзинтеппа



**Тасвири шоҳзодаи кушонӣ**

тасвирҳо ба девор ва ҳайкалчаҳои мутааллиқи ҳамон давр ёфт гардидаанд,ки намунаи волои санъат ба ҳисоб мераванд. Тасвири хоси шоҳзодаҳо, аъёнҳои қаср, ҷанговарон, ҳайкали Буддо ва тасвирҳои думбуранавозу уднавози аз Айритом ёфтшуда аз ҷумлаи онҳоянд.

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Чигир — ин...*** | ***Буддоӣ — ин...*** |
| ***Хати Кушон — ин...*** | ***Хати ором — ин...*** |

Дар кандакории оҳан ва устухон ҳам ба дараҷаи баланд муваффақ гардида буданд. Аз Далварзинтеппа донаҳои шоҳмот ёфт гардидаанд,ки аз устухони фил сохта шудаанд. Дар санъати Кушон инкишофи услубҳои анъаноти маҳаллӣ, санъати эллинистии Шарқи Қадима ва Юнони Қадим давом кардааст.

**Дар хотир доред!**

Чиғир—ускунаи оббарорӣ.

***Конспекти такягоҳӣ***

Давлати Кушон (асри I пеш аз мелод — асри III мелодӣ)

- → солҳои 140-130 пеш аз мелод-забти юэчҷиҳо
- → юэчҷиҳо — кушониён
- → Ҷойгиршавӣ дар Бохтар
- → Далварзинтеппа, Айритом, Холчаён
- → Кудзула Кадфиз
- → Вима Кадфиз
- → Канишка
- → навиштаҷот
- → зардуштӣ, буддоӣ

*Савол ва супоришҳо*

1. Юэчҷиҳо ба Бохтар кай зер карда даромадаанд?
2. Дар давраи Канишка дар шоҳигарии Кушон чӣ гуна навигариҳо рӯй додаанд?
3. Дар давраи кадом шоҳ тангаҳое,ки номи ҳукмдор иншо гардида буданд, сикка зада шудаанд?
4. Кадом намудҳои ҳунармандӣ дар давлати Кушон инкишоф ёфтааст?
5. Дар шоҳигарии Кушон кадом дин тараққӣ кардааст?



**Тасвири сари Буддо.**
*Далварзинтеппа. Аввалҳои асрҳои II—III.*

## § 44. Роҳи бузурги абрешим

**Бавуҷудоӣ ва шабакаҳо**

То асри XVI мелодӣ дар тараққиёти таърихӣ-маданӣ ва савдои байни халқҳои Шарқ ва Ғарб Роҳи бузурги абрешим мавқеи калон бозидааст,ки дар дунёи қадим бо ҳамин ном машҳур гардидааст. Роҳи мазкур дар асри II пеш аз мелод ба вуҷуд омадааст ва “Роҳи бузурги меридиан” таъкид гардидааст. Ба ин роҳ номи “Роҳи абрешим”-ро соли 1877 ҷуғрофш ишиноси немис Ф.Рихтгофен додааст.

То ташкилёбии Роҳи бузурги абрешим байни ҳудудҳои Осиёи Миёна ва Шарқи Қадим барои савдо ва муовизаи маданӣ роҳҳои мухталиф мавҷуд будаанд.

Яке аз роҳҳои қадимае, ки то ҳазораҳои 3-2 пеш аз мелод ба вуҷуд омада буд, “Роҳи Лаъл” мебошад. Он аз кӯҳҳои Помир оғоз ёфта, ба воситаи Эрон ва Осиёи Пеш, ҳамчунин Миср гузаштааст. Санги нимлаъл (лоҷуворд),ки аз кӯҳҳои Помир гирифта мешуданд, аз ҷониби заргарони мамлакатҳои Шарқи Қадим баҳои баланд гирифтааст. Маводҳое,ки лаъли Бадахшон истифода шудаанд, аз мақбараҳои фиръавнҳои Миср ёфт гардидаанд.

Роҳи дигари корвонгузар роҳи сулолаи Аҳамониёни Эрон буда, “Роҳи шоҳ” номида шудааст. Дар асрҳои VI-IV пеш аз мелод шаҳрҳои Осиёи Сағир, соҳилҳои баҳри Миёназамин — шаҳрҳои Эфес, Сардро бо яке аз пойтахтҳои Эрон – Суза ва Персепол пайваст намудааст. Боз як роҳ ба воситаи Эрон, Бохтар ва Суғдиёна, воҳаи Тошканд ва ҳудуди Қазоқистон гузашта, то Олтой тӯл кашидааст.

Роҳи бузурги абрешим ба дарозии 12 ҳазор километр тӯл кашидааст. Он аз соҳили баҳри Зард оғоз ёфта, ба воситаи Туркистони Шарқӣ, Осиёи Миёна, Месопотамия ба соҳилҳои баҳри Миёназамин рафта расидааст. Дар сари роҳи он Сиан, Дунхуан, Ёркент, Самарқанд, Бухоро, Тирмиз, Мавр ва дигар як қатор шаҳрҳо ҷойгир шуда буданд.



**Думбуранавоз.** *Намуна аз ёдгориҳои Айритом*



**Пайкараи чавандози шутурсавор**

**Дар хотир доред!**

**Роҳи бузурги абрешим** аз соҳилҳои баҳри Зард то соҳилҳои баҳри Миёназамин тӯл кашидааст. Роҳи мазкур 12 ҳазор километр дарозӣ дорад.

**Дар хотир доред!**

**Роҳи бузурги абрешим** дар асри II пеш аз мелод ба вуҷуд омадааст. Он “Роҳи бузурги меридиан” номида шудааст. Ба роҳи мазкур номи “роҳи абрешим” соли 1877 аз ҷониби ҷуғрофи немис **Ф.Рихтгофен** дода шудааст.




**Роҳи бузурги абрешим**

Аз Суғдиёна ба Чин газворҳои пашмин, қолин, зебу зиннат ва сангҳои қимматбаҳо рафта расидаанд. Аз Бохтар шутурҳо, Фарғона аспҳои наслдор, аз Бадахшон лаъл рафта, аз Ҳиндустон ба Осиёи Миёна калобаву газворҳо ва корвонҳое омадаанд,ки пундабонаро овардаанд. Аз Осиёи Миёна ба Чин ангур, чормағз, анор ва дигар маҳсулоти зироаткорӣ роҳ пеш гирифтаанд.

***Худро озмуда бинед!***

***Ф. Рихтгофен — ...*** ***“Роҳи шоҳ” — ин...***
***“Роҳи лаъл” — ин...***
***Роҳи бузурги абрешим — ин...***



**Донаҳои шоҳмот,ки аз устухони фил сохта шудаанд**



**Зарфҳои сафолин**

**Роҳи бузурги абрешим дар тасвири Чжан Суан**

Дар соли 138 пеш аз мелод императори Чин Ю. Ди сафир Чжан Суанро ба мақсади дарёфти иттифоқчиён дар мубориза ба муқобили қабилаҳои хунн фиристод. Хуннҳо ноҳияҳои шимолии Чинро толону тороҷ карда буданд. Сафир ба дасти хуннҳо ба асирӣ афтод ва қариб даҳ сол дар маҳбас хобид. Вай аз асирӣ гурехта, тавассути дараҳои Тиёншони Марказӣ ба Иссиққӯл мебарояд. Қад-қади дарёи Норин ҳаракат карда, ба водии Фарғона меояд. Дар ин ҷо барои худ шаҳрҳоро кашф мекунад. Шаҳрҳои мазкур ба шоҳигарии Фарғона мансуб буданашро фаҳмида мегирад. Табиист,ки сафир дар муборизаи

Чин ба қабилаҳои хуннҳо кӯмаки ҳукмдори Фарғонаро гирифтанӣ мешавад. Лекин ҳукмдори Фарғона изҳор мекунад,ки танҳо алоқаҳои савдову тиҷоратро ба роҳ монданист. Чжан Суан саёҳати худро ба ҷануб давом медиҳад. Аз водии Олой гузашта, боз ба дасти хуннҳо меафтад. Баъди як сол ба ватани худ бармегардад. Сафир тамоми чизеро,ки дидаасту шунидааст, ба император нақл мекунад. Вай ба ватанаш як аспи Фарғона ва тухми юнучқаро оварда буд. Аспи мазкурро чиниён "самовӣ" номиданд. Ю. Ди дар шафати сарои худ тухми юнуҷқаро мекоронад. Сонитар он дар тамоми қисми шимолии Чин кишт мегардидагӣ шуд. Чиниён кишти ток, бодиринг, анор ва чормағзро ҳам ба роҳ монданд.



**Ба воситаи Роҳи бузурги абрешим**

Ҳамин тавр, ба воситаи роҳе,ки Чжан Суан паймудааст, дар асрҳои II-I пеш аз мелод аз мамлакати Чин ба Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ корвон тавассути Роҳи бузурги абрешим ҳаракат кардааст. Дар водии Фарғона Роҳи бузурги абрешим ба ду шабака тақсим гардидааст. Якумаш аз Ӯзган ба шаҳри Ахси, ба воситаи ағбаи Камчиқ (тобистон) ба воҳаи Илоқ ва Тошканд омадааст. Дуюмаш, шабакаи ҷанубӣ буда, ба воситаи Ӯзган, Ӯш , Қува, Марғелон, Қӯқанд ба Хуҷанд, Самарқанд, Бухоро рафтааст.

**Дар хотир доред!**

Роҳи гаштаи Чжан Суан ба Роҳи бузурги абрешим асос гузоштааст.

**Аҳамияти Роҳи бузурги абрешим**

Таърихи Роҳи бузурги абрешим ба таърихи алоқаҳои савдои калонмиқёс ва мубодилаи савдои доманадори халқҳои Шарқ ва Ғарб алоқаманд аст. Таърихи мазкур таърихи бай-ниҳамдигарии ҳамкорӣ, муовиза ва ғанӣ сохтани маданиятҳо буда, асоси сулҳу салоҳ ва тараққиётро ташкил додааст. Ҳудуди мамлакатамон дар чорраҳаи ин роҳ меистад.



**Баландиҳои регзори дашт**

Халқҳои Осиёи Миёна ба воситаи Роҳи бузурги абрешим бо иқтисодиёт ва маданияти халқҳои мамлакатҳои Шарқ ва Ғарб ошно гардиданд. Халқҳои мамлакатҳои Ғарб бошанд, маданияти ниҳоят инкишофёфтаи халқҳои Осиёи Миёнаро барои худ

кашф намуданд. Аҳолии Осиёи Миёна чойи Чинро эъзоз намуда бошад, дар Чин ба қолин ва газворҳои пашмин, маҳсулоти ҳунармандии Осиёи Миёна талаб калон буд. Роҳи бузурги абрешим имкон дод, ки халқҳои мамлакатҳои Шарқу Ғарб аз алоқаҳои маданӣ баҳра бардоранд.

Осиёи Миёна дар марказе ҷойгир аст,ки самтҳои асосии онро миёнабур карда мегузарад. Ба ин ҷо тоҷирон, ҳунармандон, олимон ва мусиқидонҳои мамлакатҳои мухталиф ташриф овардаанд.

Ба шарофати Роҳи бузурги абрешим халқҳои Осиёи Миёна бо комёбиҳои иқтисодӣ ва фарҳангии Ғарбу Шарқ шинос шудаанд.

**Дар хотир доред!**

Роҳи бузурги абрешим имкон дод,ки халқҳои мамлакатҳои Ғарбу Шарқ аз алоқаҳои фарҳангии байниҳамдигарӣ бохабар гарданд.

### *Конспекти такягоҳӣ*

Роҳи бузурги абрешим (асри II пеш аз мелод — асри XVI мелодӣ)
- → Соли 1877 — Ф.Рихтгофен
- → 12000 км
- → Чин, Осиёи Миёна, Эрон, Месопотамия, Осиёи Пеш
- → Сиан — Дунхуан, Ёркент — Самарқанд — Бухоро — Марв
- → самтҳо
  - Марв → Бағдод → Димишқ
  - Самарқанд → Балх → Ҳиндустон
- → таъсири байниҳамдигарӣ: алоқаҳои маданӣ ва савдо



**Пиллаи кирми абрешим**

### *Савол ва супоришҳо*

1. Шабакаи роҳи корвонгузарро,ки бисёри мамлакатҳои ҷаҳонро бо ҳам васл карда меистод, кӣ "Роҳи бузург абрешим" номидааст?
2. Дарозии Роҳи бузурги абрешим чӣ қадар аст?
3. Кадом шаҳрҳои Ӯзбекистон дар саргаҳи Роҳи бузурги абрешим ҷойгир шуда буданд?
4. Дар харитае,ки навиштаҷот надорад, шабакаҳои Роҳи бузурги абрешимро дар Ӯзбекистон муайян кунед?
5. Тоҷирон ба воситаи Роҳи бузурги абрешим аз кадом мамлакатҳо чиҳоро овардаанд?
6. Роҳи бузурги абрешим дар таърихи мамлакатҳои ҷаҳон ва алалхусус Осиёи Миёна чӣ гуна аҳамият дорад?



# ФАСЛИ V
# РИМИ ҚАДИМ

## § 45. Итолиё ва аҳолии он

**Шароити тибиӣ ва аҳолии қадима**

Дар нимҷазираи Апеннин иқлим мӯътадил буда, дар давоми сол борон кам меборид. Дар мамлакати Итолиё,ки нимҷазираро пурра фаро гирифта буд, хушксолӣ ва хунукӣ намешуд. Азбаски кишвари серхӯрок ва заминҳояш серҳосил буд, дар давоми бисёр асрҳо машғулияти асосии аҳолии Итолиёи қадимаро зироаткорӣ ва чорводорӣ ташкил додааст. Дар нимҷазираи Апеннин замонҳои қадим қабилаҳои гуногун зиндагонӣ кардаанд. Лиқурҳо яке аз қабилаи қадимаи Итолиё буда, бо чорводорӣ шуғл варзидаанд.




**Итолиёи Қадим**



**Манзилгоҳи қадимаи римиён**

Маънои калимаи “Итолиё” ба юнонӣ “кишвари гӯсолаҳост”. Юнониёне,ки дар ин кишвар **асрҳои VIII-VI то мелод** колония сохта буданд, барои чарондани модаговҳо аввалин шуда чарогоҳҳоро дарёфт кардаанд.

Манбаи калони оби ҷоришавандаи нимҷазираи Апеннин дарёи По мебошад. Тамоми қабилаҳои нимҷазира италикҳо номида шудаанд. Дар байни онҳо лотинҳо, сампиҳо, сабиниҳо бисёриро ташкил дода, **аввали ҳазораи I пеш аз мелод** ба

**Дар хотир доред!**

Тамоми қабилаҳои нимҷазира италикҳо номида шудааст. Дар байни онҳо лотинҳо, сампиҳо ва сабиниҳо аксариятро ташкил додааст.



**Аҳолии Рими қадим.**
*Тасвире,ки ба деворӣ Помпей кашида шудааст*

**Дар хотир доред!**
Мувофиқи ривоятҳо ба Рим дар **соли 753 пеш аз мелод** асос гузошта шудааст.

ноҳияҳои гуногуни Итолиё ҷойгир гашта буданд. Дар қисми шимолӣ ғарбии Итолиё этрускҳо зиндагонӣ кардаанд. Машғулияти асосии онҳо зироаткорӣ буд. **Дар асри VIII пеш аз мелод** этрускҳо дар Итолиё 12 шаҳр — давлат ташкил мекунанд. Дар асри VII пеш аз мелод ба мақсади бо мамлакатҳои Шарқ ба роҳ мондани савдои озод бо колонияҳои юнонӣ мубориза мебаранд. Мамлакати Карфаген ва калонияи Финикияи соҳили шимолии Африқо ҳам ба онҳо ҳамроҳ мегардад. Сараввал карфагенҳо ва этрускҳо ғалаба мекунанд, аммо дере нагузашта қӯшунҳои юнониён онҳоро ҳам дар хушкӣ ва ҳам дар баҳр торумор намуд. Ҳамин тавр, тамаддуни этруск,ки дар ҳудуди Итолиё мавҷуд буд, ба завол рӯ овард Маданияти этрускҳо ба ривоҷи фарҳанги Рим таъсири калон расондааст.

***Худро озмуда бинед!***

***Италикҳо — ин...***
***Маънои “Итолиё” — ин... Этрускҳо — ин...***

**Ба Рим асос гузошта шуд**

Шаҳри Рим аз бошишгоҳҳои қулаи зироаткории соҳили дарёи Тибр сар мешавад. Бошишгоҳҳои хурде,ки дар саросари Тибр ҷойгир шуда буданд, якҷоя гардида, ба шаҳри калон мубаддал ёфтанд. Рим дар ҳафт баландӣ ҷойгир шудааст. Вақте ки Тибр аз соҳилҳои худ мебарояд, водии байни баландиҳо ба ботлоқзоре табдил меёфтанд,ки аз онҳо одамон гузашта наметавонистанд. Ҷойгиршавии шаҳр аз нуқтаи назари ҳарбӣ ниҳоят қулай буд. Дарё ва ботлоқ лотинҳоро аз ҳуҷуми қабилаҳои ҳамсоя ҳимоя мекард.

Мувофиқи ривоятҳо **соли 753 пеш аз мелод** аз тарафи бародарон Ромил ва Рет ба шаҳр асос гузошта шудааст. Баъди дида ба дунё кушодан кӯдакони навзодро ба соҳили дарёи Тибр мурад гуфта партофта мераванд. Дар соҳили дарё онҳоро гурги мода—модар меёбад, то як чӯпон бародаронро гирифта рафтан мемаконад ва бонӣ мекунад. Вақте



**Гурги мода-модар, ки Ромил ва Ретро макондааст**

ки ба воя мерасанд, барои дар соҳили Тибр барпо кардани шаҳр аҳд мекунанд. Бародарон бо ҳам ҷанг карда, Ромил бародари худро мекушад, ба шаҳр бошад, номи худро медиҳад. Имрӯзҳо ҳам, чуноне дар афсона таъкид гардидааст, гурги мода—модар,ки кӯдаконро макондааст, рамзи Рим ба ҳисоб меравад.

Дар асри VI пеш аз мелод Рим ба шаҳри калоне табдил ёфт. Дар баландии Капитолӣ барои ҳимоя аз душман қалъа барпо гардид.



**Пеш кардани Тарквинӣ аз шаҳр**

**Идоракунӣ дар Рими Қадим**

Пештар римиён ҳукмдори худро интихоб кардаанд. Ҳукмдорон ҳам сарвари ҳарбӣ, ҳам судя, ҳам коҳин шудаанд. **То соли 509 пеш аз мелод** бо ҳамин минвол давом кардааст. Шахсе, ки лақабаш Тарквинии мағрур буд, ҳукмдори интихобшударо кушта, ҳокимиятро ба дасти худ мегирад. Аҳолии ба ғазаб омада, ошӯб мебардорад. Тарквинӣ аз шаҳр ронда мешавад, Аҳли шаҳр қарор мекунанд, ки тамоми ҳокимият набояд дар дасти як кас ҷамъ гардад. Вожгуни ҳокимияти шоҳӣ ба Республикаи Рим асос мегузорад.

**Дар хотир доред!**

Пас аз пеш кардани Тарквинии мағрур **соли 509 пеш аз мелод** Рим республика эълон гардид.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- нимҷазираи Аппенин
- Итолиё —“кишвари гӯсолаҳо”
- лотинҳо, сампиҳо, сабиниҳо, этрускҳо
- асри VIII пеш аз мелод иттиҳоди 12 шаҳр — давлат
- соли 753 пеш аз мелод — дар соҳили дарёи Тибр ба шаҳри Рим асос гузошта мешавад

*Савол ва супоришҳо*

1. Аз харита ҳудуди Итолиёро нишон диҳед ва хусусиятҳои ҷуғрофии онро нақл намоед?
2. Аҳолии Итолиёро чӣ номидаанд?
3. Калимаи “Итолиё” ба кадом тарз пайдо шудааст? Калимаи мазкур чӣ маъно дорад?
4. Чаро гурги мода — модар рамзи Рим ба ҳисоб меравад?
5. Дар Рими қадим идора бо кадом тарз амалӣ гардонда шудааст?



**Ибодатхонаи Рим.** *Таҷдид*

## § 46. Республикаи Рим

**Дар хотир доред!**

Агар калимаи "**сенат**" аз лотинӣ тарҷума карда шавад, маънои "**Машварати оқсақолон**"-ро медиҳад.

**Идоракунии республика**

Подшоҳони Рим барои му-ҳокимаи масъалаҳои муҳим Маҷлиси Халқро даъват мекарданд. Маҷлиси Халқ ҷанг эълон мекард, сулҳро барқарор менамуд, қонунҳоро қабулу бекор, тамоми шахсони мансабдорро интихобу ба лавозим таъин мекард. Қарори маҷлисро Сенат тасдиқ мекард. Агар аз лотинӣ таҳтуллафз тарҷума намоем, маънои "Сенат" "машварати оқсақолон" ном дорад. Авлодони сенаторҳо *патритсийҳо*, халқи оддиро бошад, *плебейҳо* номидаанд. Дар идоракунии Рим танҳо патритсийҳо иштирок мекарданд. Дар охири асри VI пеш аз мелод давлати Рим *республика* номида шуд.

Агар аз забони лотинӣ тарҷума кунем, кали-маи " республика" маънои "кори халқ", кори умумӣ" - ро мефаҳмонад (" рес" — кор, публика — халқ"). Маҷлиси халқ аз патритсийҳо ду шахсро ба муддати як сол ҳоким интихоб мекард. Онҳоро *консулҳо* меноми-данд.



**Қисми марказии Рим**

Азбаски бар ивази ба давлат хизмат кардан дастмузд дода мешуд, шахси қашшоқ, масалан, консул шуда наметавонист. Барои ташкил кардани интихобот пули калон талаб карда мешуд. Шахсони сарватманди соҳиби ғуломон бо ҳар роҳу восита интихобкунандагонро ба худ майл мекарданд, масалан, хӯроки нисфирӯзиро ройгон ташкил карда, тӯҳфаҳо инъом менамуданд, ба ҳамин монанд корҳоро ба иҷро мерасонданд.

**Дар хотир доред!**

Давлати Рим,ки охири **асри VI пеш аз мелод** арзи ҳастӣ кардааст, **республика** номи-да шудааст.

Шахсони ғуломдори сарватманде,ки номзадии худро рӯзи интихобот ба консулӣ гузоштаанд, ба бар либоси ҳарири сафедро,ки "кандида" ном дошт, мегирифтанд. Ҳозира калимаи "кандидат", яъне барои ишғоли лавозим шахси ҳаракаткунанда, аз калимаи қадимаи "кандида" гирифта шудааст ва

маънои номзадро ифода мекунад. Ранги сафед виҷдони номзадҳо чун либосашон беғубору поки-за буданашро ифода месохт.



Консулҳо

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Сенат — ин...*** | ***Патрисийҳо — ин...*** |
| ***Плебейҳо — ин...*** | ***Республика — ин...*** |

Сенат дар мамлакат соҳиби ҳокимияти баланд буд. Ягон қонун дар Сенат муҳокима нагардида, аз ҷониби Маҷлиси Халқ қабул намегардид. Шахсони асосии мансабдор—консулҳо бевосита давлатро идора мекарданд. Мабодо аз Сенат шахсони соҳибтаҷрибаву боҳурмат ҷой гирифта бошанд, баробари гузаштани вақт ин консулҳо бе ягон интихобот аз Сенат ҷойро ишғол мекарданд ва ба аъзои умрбоди он—сенаторон мубаддал мегардиданд. Ҳангоми набардҳо ва ё сар задани ошӯби халқ диктатор ва ёвари он — сарвари қӯшунҳои савора таъин мегардид. Диктатор ҳокимияти номаҳдудро соҳиб буд. Аммо он дар сари ҳокимият аз шаш моҳ зиёд истода наметавонист.

**Дар хотир доред!**

Сенат аз 300 нафар иборат буд. Ягон қонун дар Сенат муҳокима нагардида, аз ҷониби Маҷлиси Халқ қабул намегардид.




Ҳар як консулро иборат аз 12 нафар қаровулони фахрӣ—*ликторҳо* ҳимоя мекарданд. Консулҳо ба сифати соҳиб будани ҳуқуқи ҷазо додани ҷинояткорон аломатро доштанд. Яъне онҳо дастаи арғамчинчаҳоеро овехта мегаштанд,ки дар мобайнашон табарчаи хурд буда, дар китфонашон бардошта мегаштанд.



Ошӯби плебейҳо

Консулҳо ду нафар, онҳо ҳангоми ҳаллу фасли масъалаҳои муҳим бо якдигар маслиҳат карданашон

шарт буд. Онҳо дар давоми сол Республикаи Римро идора карда, римиёнро суд менамуданд. Дар давраи ҳарбӣ бошад, онҳо ба қӯшунҳо сарварӣ кардаанд. Ҳар сол онҳо ба Маҷлиси Халқ ҳисобот медоданд. Дар Республикаи Рим лавозими *Трибуни халқ* ҳам таъсис гардида буд. Трибунҳои халқ манфиатҳои римиёни қашшоқро ҳимоя менамуд. Онҳоро дар маҷлисҳо тамоми шаҳрвандон бо овози баробару ниҳонӣ интихоб мекарданд. Трибуни халқ калимаи "вето" (манъ мекунам") – ро гуфтанаш мумкин буд. Дар ин ҳол қонун қабул намегардид.

**Дар хотир доред!**

Трибунҳои халқӣ манфиатҳои халқи қашшоқи Римро муҳофизат кардаанд. Онҳо дар маҷлисҳо бо овоздиҳии баробар ва пинҳонӣ аз ҷониби тамоми шаҳрвандон интихоб шудаанд.

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Консулҳо — ин...*** | ***Ликтор — ин...*** |
| ***Диктатор — ин...*** | ***Трибуни халқ — ин...*** |



**Нисбати қонуншиканҳо ҷазои тан истифода мегардид**

**"Қонунҳои 12 ҷадвал"**

Қонунмандии Рими қадим ба қонунҳои шифоҳӣ асос мекард. Дар судҳо бисёр вақт патритсийҳое,ки қарорҳои ноадолатона қабул мекарданд, маҷлис ташкил мекарданд. Мувофиқи талаби плебейҳо ҳайат иборат аз даҳ патритсий ташкил ёфта, онҳо мебоист маҷмӯи хаттии қонунҳоро тартиб медоданд. Аммо ҳайат ин корро ба иҷро нарасондааст.

Ҳамон вақт қӯшунҳои римиён исён мебардоштанд, ки асосан аз плебейҳо иборат буданд. Онҳо ба кӯҳи муқаддаси атрофи Рим рафта, шаҳри навро,ки ба қонунҳои худ молик аст, месозем гуфта огоҳ мекарданд. Ҳамин тариқ, дар мобайни асри V то мелод қонунҳои дар 12 лавҳаи мисин кандакоришуда барои муоина дар майдони марказии Рим ҷойгир мешуд Патритсийҳо ба қабул кардани қонунҳои нав маҷбур мешуданд,ки аз 12 ҷадвал иборат буданд.

**Дар хотир доред!**

Дар огози асри III пеш аз мелод тамоми шаҳрвандони Рим қатъӣ назар аз мавқеи ишғолкардаашон дар назди қонун баробар гуфта қонунҳо қабул гардид.

Конунҳои мулки хусусиро дахлнопазир эълон намуданд. Бисёр қонунҳо нобарорабарии плебейҳо ва патритсийҳоро аз нигоҳи қонунӣ таъмин сохтаанд. Фақат дар мобайнҳои асри IV пеш аз мелод тамоми шаҳрвандони Рим қатъӣ назар аз мавқеашон дар назди қонун баробар буданашон аз нигоҳи қонунӣ мустаҳкам карда шуд.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- → ҳокимияти олии республика — Маҷлиси Халқ
- → Сенат — “машварати оқсақолон”
- → патритсийҳо
- → плебейҳо
- → Республика — “кори халқ”
- → консулҳо — шахсони сармансабдори республика
- → диктатор — ҳукмдори Рим дар солҳои ҷанг
- → Трибуни халқ — намояндаи аҳолии қашшоқи Рим дар Сенат
- → вето — “манъ мекунам”
- → “қонунҳои 12 ҷадвал”



**Қонунҳо ба ғуломон мутааллиқ набуданд. Онҳоро дар бозорҳо мефурӯхтанд.**

Савол ва супоришҳо

1. Дар Рим идораи республика бо кадом тарз ба роҳ монда шудааст?
2. Калимаи “республика” чӣ маъноро ифода мекунад?
3. Диктатор кист? Дар кадом ҳолат вай ба ҳукмдори Рим мубаддал меёбад?
4. Қонунмандии Римро маънидод кунед. Ба худ хосии он аз чӣ иборат аст?
5. “Қонунҳои 12 ҷадвал” манфиати киҳоро ҳимоя менамуд?

## § 47. Ҳаёти Республикаи Рим

**Ҳаёти шаҳрҳо** Баробари васеъ гардидани ҳудуди империя теъдоди шаҳрҳо ҳам афзун гардидан гирифтанд. Шаҳрҳои Рим пешакӣ дар асоси нақшаи пухта таҳиягардида барпо мешуданд. Дар шаҳрҳо бисёр вақт биноҳои ҷамъиятии зебо ва истиқоматӣ, ибодатхонаҳо, ҳаммомҳо, растаҳои савдо ва дорухонаҳо арзи амал кардаанд. Бисёр одамон дар хонаҳои 2–3-ошёна истиқомат кардаанд. Одамони бадавлат бештар барои худ кошона сохтаанд. Дар ин хонаҳо низоми марказонидашудаи гармӣ буданд: фаршҳо гарм карда, тавассути қубурҳо ба маъвоҳо об оварда мешуд. Хонаҳо — *мозаикаҳо* бо суратҳо аз шиша ва пораҳои санг оро дода шуда буданд. Кошонаҳои шоҳона — хонаву ҷойҳо — деворҳои *виллаҳоро* бо *фрескаҳо* — расмҳои ҳангоми корҳои



**Форум-майдони марказии Рим**

пардоздиҳӣ истифода бурдашуда зеб медоданд. Дар маркази ҳар як шаҳр — Форум майдони бозор, ҷой барои ҷамъомади Маҷлиси Халқ, ибодатхонаи марказӣ буд. Об ба шаҳр тавассути *акведук* оварда мешуд,ки ба хотири кас кӯпруки чандқабатаро меовард. Дар бозорҳои Рим ба моли бузург – ғулом талаб калон буд. Бозори ғуломфурӯшии ҳар як шаҳр таҳти назорат қарор дошт.



**Акведук (қубурҳои овезони об)**

Либосҳое,ки одамон дар бар доштанд, мавқеи онҳоро дар ҷамъият муайян мекард. Масалан, писарбачагон дар 14-солагӣ "тога"-и пуштиранг пӯшидаанд. Агар ба синни 14 расанд шахси ба воярасида ҳисобида шудаанд ва тоқии ҳарир пӯшидаанд. Ана ҳамин хел тоқии ҳарирро сенаторон ҳам ба бар мекарданд. Бонувони римӣ куртаҳои мухталифрангро пӯшидаанд, ба сар ва китфонашон руймол мепартофтанд.



**Тога – либоси римӣ**

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Мозаика — ин...*** | ***Акведук — ин...*** |
| ***Фреска — ин...*** | ***Тога — ин...*** |

**Худоёни Рими Қадим**

Дар ҳаёти рӯзмарра римиён аз худоёни худ мадад ва васоятгариро хоста муроҷиат кардаанд. Барои худоён ибодатхонаҳои бошукӯҳ барпо кардаанд. Ба ҷуз ин, дар ҳар хонадони римӣ худои худӣ буд. Худоёни римӣ бисёр вақт худоёни юнониро ба хотир меоварданд. Римиён пеш аз оғози кори муҳим барои дасти мадад дароз кардан ба худоён қурбониҳо кардаанд.



**Меркурӣ-худои савдо-тиҷорат**

Худоҳои турфае ҷиҳатҳои мухталифи ҳаётро идора мекарданд. Масалан, агар дар набард ба мағлубият дучор оянд, гуё бо ягон кори худ ҷаҳли худои ҷанг Марсро бархезондаем, гӯён фикр кардаанд (қиёс кунед: худои набарди юнониён Арес).

Худои асосии Рим худои осмон, раъду барқ ва тиру камон Юпитер ба ҳисоб мерафт. Юпитер ҳимоятгари давлати Рим, тақдири халқ ва давлатҳоро идора

мекунад. Нептун худои баҳр, худои хоб Морфей, худои шикор Диана ба ҳисоб мерафтанд. Римиён Вулканро худои оташ ва оҳангарон пиндоштаанд. Венера худои баҳор ва муҳаббат, Бахус худои май буд. Илоҳаи олии Рим Яститсия ба ҳисоб мерафт. Илоҳаи мазкур одатан бо чашмони баста дар шакли Бонувон тасвир меёфт. Шамшери дар дасти рости Яститсия буди расми ҷазо ба ҳисоб рафтааст, бо тарозуи дасти чапаш айбдорӣ ва беайбиро қиёс намудааст. Илоҳаи тақдири Рим бошад, Фортуна ба ҳисоб мерафт. Фортунаро бештар бо пешвои тақдир бо гул, баъзан бо беқарории тақдир бо пуфак тасвир кардаанд. Илоҳаи қасос ва интиқоми Рим Фурияҳо дар симои бонувони қаттол, қасоскор тасвир гардидаанд.

Дар ибодатхона ҳайкали бузурги сархудои Рим Юпитер гузошта шудааст. Дар паҳлӯи ибодатхона алтар—ҷои баланде буд,ки ба он қурбонӣ мегузоштанд. Одатан говҳо, гӯсфандон, хукҳо ва бузҳоро қурбонӣ кардаанд.


**Нептун-худои баҳрҳо**


**Юпитер-худои раъду барқ**

***Худро озмуда бинед!***

***Худоёни Рими Қадима — ин...***
***Алтар — ин...*** ***Фурияҳо — ин...***

**Маросимҳои динӣ**

Маросимҳои динӣ дар доираҳои қатъан муайянгардида ба иҷро расонда шудаанд. Аз болои ҷӣ тавр гузарондани маросимҳои динии коҳинҳо понтификҳо — руҳониёни Рим назорат бурдаанд. Понтификҳо тақвими идҳо, тартиби тантанаҳову маросимҳоро таҳия намудаанд, ба ҳайати понтификҳое,ки аз 5 нафар то 15 нафар рӯҳонӣ иборат буданд, понтифики бузург сарварӣ мекард. Понтифики бузург бо худоён маслиҳат карда, хулосаи даркорӣ медиҳад, меҳисобиданд.

Римиён тамоми корҳои муҳимро аз фолкушоӣ сар намудаанд. Коҳинҳое фол мекушоданд,ки онро бо кӯмаки *авдугҳо* амалӣ гардондаанд. Авдугҳо


**Вулкан-худои оташ ва оҳангарон**



**Ибодатхонаи Рим**

мувофиқи парвози паррандаҳо, раъду барқ, донҳое,ки ба паррандаҳои муқаддас пошида мешуданд, акси садо ва ҳоказо нигоҳ карда, фол мекушоданд. Мабодо аломатҳо аз тахти дил нагардад, корҳо ба муддати муайян ба таъхир гузошта мешуданд.

Илоҳаи оташдони хонадон — оташи муқаддас дар ибодатхонаи *Веста* нигоҳ дошта мешуд. Нигоҳ доштани оташи муқаддас ба ҷумлаи вазифаи муҳими коҳинаҳо—бонувон медаромад. Оташи фурӯзон бошад, ҳаёт мавҷуд аст, мепиндоштанд. Аз ин рӯ, таъсиру нуфузи *весталка* – коҳинзанон баланд буд.



**Яститсия – худои адолат**

### *Конспекти такягоҳӣ*

- → мозаика
- → фрескаҳо
- → форум
- → акведук
- → Худоён
  - Марс
  - Юпитер
  - Нептун
  - Морфей
  - Вулкан
  - Яститсия
  - Фортуна
- → коҳинҳо - понтификҳо, коҳинҳо - авдугҳо - коҳинҳо-весталҳо



**Фортуна – илоҳаи тақдир**

### *Худро озмуда бинед!*

***Понтификҳо — ин...*** ***Авдугҳо — ин...***
***Коҳинаҳои Весталка — ин...***

### *Савол ва супоришҳо*

1. Аз хусуси ҳаёти аҳолии шаҳри Рим нақл кунед.
2. Либосҳои римиён бо чияш аз ҳамдигар фарқ мекард?
3. Худоёни Римро номбар кунед. Онҳо аз худоёни юнонӣ бо чӣ фарқ мекарданд?
4. Коҳинҳои понтифик ва коҳинҳои авдуг киҳоянд?
5. Коҳинаҳои весталка кадом ӯҳдадории асосиро дар зимма доштанд

## § 48. Мубориза барои ҳукмронӣ дар баҳри Миёназамин

**Лашкари Рим**

Республикаро аз душманони беруна ҳимоя кардан зарур буд. Дар лашкар мардон-шаҳрвандон аз 17 то 46-солагӣ хизмат мекарданд. Гурӯҳи ҷанговарони иборат аз 80 нафар *сентурия* номида мешуд. Аз якчанд сентурия *когорта*, аз 10 когорта *легион* ташкил меёфт. Қисми зиёди ҷанговарон аскарони хуб таълим гирифта, ба онҳо дар лашкар хизмат кардан ба кори якумра мубаддал ёфта, мӯҳлати хизмат 25-сол муқаррар гардида буд. Ба ивази ҳамин мӯҳлати хизмат легионер бо хонаву ҷой, маоши дуруст ва ба имконияти хизмат кардан дар дигар кишварҳои таркиби Рим соҳиб мегардид.



Аскарони Рим ҳангоми набард

Римиён тактикаи ба худ хоси пеш бурдани ҷангро таҳия намуда буданд: сараввал шаҳр муҳосира гардида, сонӣ аз асбоби номаш *катапултаи* муҳосира истифода бурда, деворро сӯрох макарданд ва ба шаҳр зада медаромаданд. Бо кӯмаки манораи даро-зи муҳосира,ки аз тахтачаҳои пухтаи филизӣ тайёр шуда буданд, аз деворҳои баланд мегузаштанд.



Аскари захмбардоштаи Рим

Барои он ки гурӯҳҳои ҳарбӣ дар ҳудуди империя ба зудӣ ҳаракат кунанд, дар мамлакат шабакаҳои хуби роҳ барқарор гардида буд. Ба воситаи роҳҳои мазкур ба гӯшаи дилхоҳи империя рафтан мумкин буд. Дар сарҳадҳои империя бошад, қалъаҳои сангин барпо шуданд.

Баъди ғалаба мувофиқи қарори Сенат қӯшунҳои Рим триумфи мутантанро қайд мекард. Дар пеши қӯшун болои аробае,ки чор асп гирифта мебурд, саркарда мерафт,ки дар сараш гулчамбари лавр овезон буд. Пас аз аспи сарлашкар молу мулки ба даст омада мегузашт. Дар баландии Капитолӣ ҳамчун рамзи миннатдорӣ барои ба даст овардани ғалаба ба худоён қурбонӣ мекарданд.



Аркаи триумфалии Ғалабаи Рим

*Худро озмуда бинед!*

| | |
|---|---|
| ***Сентуриҳо — ин...*** | ***Легион — ин...*** |
| ***Когорта — ин...*** | ***Триумф — ин...*** |


Катапулта-силоҳи тирпарронӣ

**Набардҳои Пунӣ**

Ҳудуди давлати Рим пайваста афзун мегардид. Дар миёнаҳои асри III пеш аз мелод сарлашкарони Рим ба ғайр аз қисми шимолии мамлакат тамоми Итолиёро забт намуданд. Ба зудӣ нақшаҳои истилогаронаи онҳо ба ҳудудҳои ҳамсоя ҳам паҳн гардид.

Дар ин вақт як қисми Ситсилияро бо роҳи истилогарӣ давлати дигари ғуломдорони Карфаген,ки соҳилҳои Африқои Шимолӣ, ҷазираҳои Сардиния, Корсико фаро мегирифт, ишғол намуда, ҳудудҳои худро доманадор кард. Ва маҳз масъалаи Ситсилия сабаби асосии сар задани набардҳо байни Рим ва Карфаген гардид.


Ашёҳои ҳимоявии ҳарбиёни Рим

Флоти Карфаген аз ҷиҳати ҳарбӣ калону пурқувват буду бартарият дошт. Аммо ҷои заифи қӯшунҳои Карфаген дар зархарид будани онҳо буд. Мақсади яккаву ягонаи аскарони зархарид бошад, ба даст овардани тӯъма буда, дар вақти барояшон ниҳоят қулай ба ҷониби душман гузашта ҳам мерафтанд.


Ганнибал

Римиён бо Карфаген се маротиба ҷангиданд. Набардҳои мазкур ба таърих бо номи *набардҳои Пунӣ* дохил шудааст. Чунки римиён Карфагенро Пуна гуён ба забон гирифтаанд. Дар набарди якум римиён ғалаба карданд. Ситсилия забт гардида, карфагенҳо маҷбур гардиданд,ки ба римиён хироҷ супоранд. Баъди ду сол римиён ҷазираҳои Корсика ва Сардинияро забт намуданд. Рим дар минтақаи баҳри Миёназамин ба давлати аз ҳама пуриқтидор тадбил ёфт. Вале Карфаген дар набардҳо барои ҷазираҳои баҳри Миёназамин рақиби хавфноки Рим шуда монд. Барои аз даст рафтани Ситсилия худро тақдиру қаноат ҳосил кунондан ғуломдорони Карфаген қисми зиёди Испониёро забт намуданд.

Ба лашкари Карфаген сарлашкари моҳир Ганнибал сарварӣ мекард. Вақте ки дар Испониё ӯ ба қӯшунҳои зархарид сарварӣ кардааст, ягон маротиба ҳам нашъаи мағлубиятро начашидааст.

***Худро озмуда бинед!***

***Карфаген — ин...*** ***Ганнибал — ин...***
***Пуна — ин...***

**Дар хотир доред!**

Ба лашкари Карфаген сарлашкари моҳир Ганнибал роҳбарӣ мекард. Ба лашкари Рим бошад, Ссипион сарвар буд.

### Вайронкунии Карфаген

Барои дар ғарбии баҳри Миёназамин ба хӯҷаини ягона тадбил ёфтан римиён бо Карфаген ба набардҳо омада гардид. Римиён қарор доданд,ки ба карфагениён аз ду ҷониб зарба мезананд. Як лашкар дар Испониё лашкари Ганнибалро торумор кунад, дигараш Карфагенро истилоъ карданаш лозим буд. Вале Ганнибал нақшаҳоро барбод дод. Ганнибал аз кӯҳсори гуё гузаштанашаванда убур карда, ҳудуди Итолиёро забт намуд ва **соли 216 пеш аз мелод** дар ҷанги наздики Канн лашкари римиёнро торумор кард. Дар ин набард 70 ҳазор легионери римӣ ҳалок гардид.

Баъди мағлубият римиён аз ҷанги ҳалкунанда худро ба канор гирифтанд. Аҳолии Итолиё Ганнибалро ҷонибдорӣ накард. Чунки лашкари зархарид мамлакатро толону тороҷ намуда буд. Вақте ки сарлашкари римӣ *Ссипион* нобаҳангом бо қӯшунҳои худ ба соҳилҳои Африқо фуромад, Ганнибал барои ҳимояи Карфаген шурӯъ кард. Аммо **соли 202 пеш аз мелод** лашкари ӯ аз тарафи римиён торумор карда шуд. Дар соли 183 пеш аз мелод ҳангоми дар бадарға гаштан барои ба римиён супурдан Ганнибалро ба даст гирифтанӣ буданд. Аммо вай захр хӯрда, мемурад. Рим дар ғарбии баҳри Миёназамин ба ҳокими мутлақ мубаддал меёбад. Баъди забти Сурия ва Македония римиён қарор медиҳанд,ки Карфагенро ҳам забт менамоянд.

Дар мобайни асри II пеш аз мелод ҷанги сеюми Пунӣ ба амал омад. Римиён Карфагенро муҳосира



**Ҷанговарони Ганнибал**



**Пиёдагардони римӣ дар набард**

**Дар хотир доред!**

**Соли 202 пеш аз мелод** дар наздикии шаҳри Зама лашкари Ганнибал аз тарафи римиён яксон карда шуд.

намуданд, аммо аҳолӣ барои ҳимояи он бархост. Аҳли Карфаген шаҳри худро ду сол ҳимоя намуд, дар шаҳр гуруснагӣ сар шуд. Легионерҳои римӣ бо як ҳамла манзилҳоро забт намуданд, чизу чораи дар роҳашон дучоромадаро тороҷ мекарданд ва оташ мезаданд.

Карфаген ҳабдаҳ рӯз дар иҳотаи оташ монд. Хонадонҳо ва китобхонаҳое,ки таҷрибаву донишмандии мардумиро маҳфуз дошта буданд, хокистар гаштанд. Маскане,ки дар он ҷо Карфаген бунёд гардида буд, мувофиқи қарори Сенат маскани лаънаткарда эълон шуд. Дар ин ҷо манзил сохтан ва бо зироаткорӣ машғул гардидан манъ шуд. Ҳамин тавр, **соли 146 пеш аз мелод** Карфаген ба харобазор мубаддал ёфт. Қӯшунҳои Рим нашъаи ғалабаро чашиданд, кишварро толону тороҷ намуда, бо ҳазорон ғуломон ба Италиё баргаштанд.



**Вайронкунии Карфаген**

**Ҳудудҳое,ки аз тарафи Рим забт гардидаанд**

Баъди ҷангҳои Пунӣ ҳудудҳои калон-калони аз сарҳадҳои Рим дуродур ҳам ба тасарруфи Рим гузаштанд. Сарзаминҳои истилогардидаро римиён *провинсия* (музофот) номиданд. Ситсилия, Корсика, Сардиния, Испониё, Юнон, Осиёи Сағир, Пеш, Миср ва дигар ҳудудҳо ба ҷумлаи онҳо шомил буд. Ноибон-проконсулҳо таъин мегардид, ки музофотҳоро идора мекарданд.

Онҳо соҳиби ҳокимияти номаҳдуд буданд. Проконсулҳо одатан ба як сол интихоб мегар-диданд ва онҳо мамлакатҳои дар зери итоати худ будаа ро бетанаффус ғорат мекарданд. Барои он ки музофотҳо ба муқобили Рим барнахезанд, римиён ба усулияти “Тақсим куну ҳукматро рон!” такя карда, кор пеш мебурданд. Римиён ба баъзе шаҳрҳо қасдан барои дигарон ҳасад бурдан ва бо якдигар ҷанг карданашон имтиёзҳо медоданд. Вале дар музофотҳо мунтазам ошӯбҳо сар мезаданд, римиён дар ин ҳолат гуё дар шаҳре,ки дар муҳосираи душман мондааст, ҳаёт ба сар мебурданд.



**Сипари ҳимоявии лашкари Рим,ки “Сангпушт” ном дошт**

### *Конспекти такягоҳӣ*

→ сентурӣ → когорта → легион
→ Триумф
→ Набардҳои Пунӣ — Карфаген → Ганнибал; Рим → Ссипион
→ соли 216 пеш аз мелод — торумори лашкари Рим — ҷанги Канн
→ соли 146 пеш аз мелод — вайронкунии Карфаген
→ провинсияҳо
→ проконсулҳо
→ “Тақсим куну ҳукматро рон!”

**Дар хотир доред!**

Заминҳои истилошударо римиён **провинсия** номидаанд. Барои идоракунии провинсияҳо вакилон-**проконсулҳо** таъин гардидаанд.

*Савол ва супоришҳо*

1. Триумф чист? Дар кадом ҳолатҳо триумф қайд гардидааст?
2. Қӯшунҳои Рим аз киҳо ташкил ёфта буд?
3. Қӯшунҳои Рим аз карфагениягиён бо кадом ҷиҳатҳояш фарқ мекарданд?
4. Сабаби асосии набардҳои Пуниро маънидод кунед?
5. Аз харита самтҳои юриши Ганнибалро нишон диҳед?
6. Усулияти римиён “Тақсим куну ҳукматро рон!”-ро маънидод созед!
7. Аз номи сентуриони лашкари Рим ҳикоя таҳия созед.
8. Аз харита ҳудудҳои аз ҷониби Рим забтшударо нишон диҳед.
9. Римиён Карфагенро чӣ тавр забт карданд?
10. Римиён кадом ҳудудҳоро провинсия номидаанд ва онро чӣ тавр идора кардаанд?

## § 49. Ғуломон ва гладиаторон

**Ғуломдорӣ дар Рим**

Дар натиҷаи набардҳои зафаровар дар Рим миқдори ғуломон афзуд. Дар Миср ҳам, дар Юнон ҳам миқдори ғуломон чун дар Рим зиёд набуд.



**Саворагони Рим**

Мувофиқи тасаввури римиёни озод ғулом пурра дар ихтиёри ғуломдор аст ва барои вай амвол ба ҳисоб меравад. Қадри ғуломон набуд, чунки ниҳоят арзон меистоданд.



Ғуломони сангбур



Ғуломдори Рим

Аз сабаби набардҳо дар мамлакатҳои истилошуда ва қарздорӣ дар Рим миқдори ғуломон то ҳамин миқдор зиёд буд,ки римиён аз онҳо дар корҳои хоҷагӣ дуруст истифода бурда натавониста, чӣ кор карданашонро намедонистанд. Вақти римиёни сарватманд мудом зиёд буд, чунки тамоми корҳоро ғуломон ба иҷро расондаанд.

Дар давлати Рим ҳисси манфиатдорӣ аз меҳнати ғуломон набуд. Ба онҳо дастмузд намедоданд. Аз ин рӯ, ғуломон каму нохуб кор мекарданд. Бо мурури вақт ҳосилнокии меҳнати ғуломон кам шуд.

Дар асри I-II мелодӣ ба ғуломдорон маълум гардид,ки меҳнати ғуломон фоидаовар нест. Бисёр ғуломдорон ғуломонро ба иҷорагарони замин мубаддал карданд. Аз ошӯби ғуломон ҳаросида, заминдорон ба мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии замин заминҳои худро ба мулкҳои хурд-хурд тақсим карда, ба бенавоёни озод ба иҷора додан гирифтанд. Дар ана ҳамин заминҳо иҷоракорон бо зироаткорӣ машғул шуданд. Онҳо ба замин ҳар чӣ қадар хубтар муносибат кунанд, ҳамон қадар ҳосили фаровон мебардоштанд ва қисми зиёдаш дар ихтиёрашон мемонд.

Иҷоракорони хурди замин *колонҳо* номида мешуд. Барои истифодабарӣ аз замин онҳо ба заминдорон аз ҳисоби маҳсулоти руёндашуда ҳақ медоданд.

Рафта-рафта миқдори ғуломони мутеъ кам гардид. Баъзе заминдорон барои пеш бурдани корҳои хоҷагӣ дар заминҳои хурд ба ғуломон олоти меҳнат, тухмӣ ва бо оилааш якҷоя зиндагонӣ кардан рухсат медоданд. Ин ғуломон *"ғуломони кулбадор"*, яъне ғуломони манзилдор номида мешуданд. Онҳо ҳам барои истифода бурдан аз замин ҳақ медоданд, аммо тақдири онҳо дар дасти хӯҷаинон буд.

Ғуломон ва колонҳо аҳолии аз ҳама мазлуми империяи Рим шуда монданд, онҳо якҷоя ба муқобили ғуломдорон мубориза бурданд.

***Худро озмуда бинед!***

***Колонҳо — ин...***
***“Ғуломони кулбадор” — ин...***

**Набардҳои гладиаторон**

Яке аз тамошоҳои маҳбуби римиён ҷанги гладиатрон буд. Аксар гладиаторон ғуломон ё худ ҷинояткорон буданд. Онҳоро дар мактабҳои махсуси пӯшида сабақ медоданд, бархеро бо якдигар мусобиқа кардан, дарёфти дили тамошогарон маҷбур месохтанд.

Ҳаёту мамоти ҳар як гладиатор ба азму хоҳиши тамошогарон вобаста буд. Баъди ҳар як ҷанг тамошогарон зинда мондан ё куштани гладиатори мағлубгардидаро ҳал мекарданд. Агар бисёр тамошогарон сарангушти дасти рости худро ба боло бардоранд-гладиатори мағлубшуда зинда мондааст, баръакс ба пас фуроварда шавад, ӯро дар пеши назари тамошогарон куштаанд. Набардҳо дар варзишгоҳҳои сангин, *амфитеатрҳо* ба амал омадаанд. Колизей амфитеатри аз ҳама калон буд, ки 50 ҳазор тамошогарро ба оғӯш мегирифт.

Баъзан гладиаторҳо ба гурӯҳҳои калон ҷанг кардаанд, дар ҳамон лаҳза саҳна майдони ҷангро ба хотир меовард: гладиаторони кушташуда, захмдоргардида ва ҷондодаистода дар ҳама ҷо ба чашм бармехӯрданд. Барои боз ҳам шавқовартар шудан набардҳо дар байни гладиаторон гузаронда мешуданд, ки қувваашон бо ҳам баробар буд. Дар якеаш танҳо шамшер ва сипар бошад, дар дигараш тӯр ва чангак (нӯгаш чун найза) буд. Гладиаторе,ки бо тӯру чангак мусаллаҳ буд, худро бо ягон чиз ҳифз карда наметавонист, вай рақибашро ба тӯр печонда, бо чангак ӯро куштанаш мумкин буд. Гладиатрон бо паланги ваҳшӣ, шеру говҳои дар ғазаб ҳам ҷанг кардаанд.

**Дар хотир доред!**

“Ғуломони кулбадор”-ин аз ҷониби ғуломдорон таъмин гардидани ғуломон бо замини хурд, олоти меҳнат, тухмист. Ба онҳо барои барпо кардани оила ва манзилгоҳ рухсат дода шуда буд.



**Намуди берунаи колизей**

*Худро озмуда бинед!*

| | |
|---|---|
| *Гладиаторҳо — ин...* | *Колизей — ин...* |
| *Амфитеатр — ин...* | *Чангак — ин...* |





**Колизей**



**Ҷанги гладиаторон**

**Ошӯби Спартак (солҳои 74 – 71 пеш аз мелод)**

Ғуломони мазлум аз истисморгарони худ нафрат карда, барои халосӣ аз онҳо ошӯбҳо бардоштаанд.

Ошӯби ғуломон таҳти сарварии Спартак (**соли 74 пеш аз мелод**) яке аз ошӯби оммавӣ ва муташаккили дунёи қадим гардид.

Барои саркашӣ аз хизмат дар лашкари Рим ба мактаби гладиатори шаҳри Капуя ғуломи фракиягӣ Спартак фурӯхта шуда буд. Вай ғуломонро ба ошӯб тайёр кард. Аммо касе дар ин бора ба римиён хабар дод. Спартак ва 200 нафар тарафдорони ӯ ба посбонони маҳбасхона ҳуҷум мекунанд ва аз маҳбас мегурезанд. Азбаски дар шаҳр имконияти истиқомат набуд, ба ағбаҳои кӯҳҳои *Везувӣ* баромада рафтанд. Ба оҳистагӣ ба сафи онҳо ғуломоне ҳамроҳ шудан гирифтанд,ки аз соҳибони худ мегурехтанд. Сафи ошӯбгарон афзуд. Дере нагузашта микдори онҳо ба 10 ҳазор нафар расид.



**Уқоби римӣ. Рамзи ҳукмдорони Рим ҳисобида шудааст**

Ба мақсади торумори ғуломон қӯшуни сеҳазорнафара дар наздикии кӯҳҳои Везувӣ лагери ҳарбӣ барқарор намуд.

Муҳосира сар шуд. Аммо Спартак нақшаи нобаҳангому қатъиро амалӣ гардонд. Ғуломон аз навдаҳои ток норвон тайёр карда, аз ҷониби ноаён аз қулла ба паст фуромаданд. Спартак аз ақиби римиён зарба зада, онҳоро торумор намуд. Дар байни ошӯбгарон ихтилоф пайдо шуд. Бисёрии ғуломон барои аз мамлакат баромада нарафтан, торумори Рим ва аз ғуломдорон халос шудан аҳд карданд.

Ба муқобили Спартак таҳти сарпарастии сарлашкар *Марк Красс* қӯшуни бисёрҳазорнафара фиристода шуд. Баҳори **соли 71 пеш аз мелод** дар ҷанги ҳалкунанда қӯшуни Спартак торумор карда шуд, худи вай дар ҳамин набард ҳалок гардид. Беш аз шаш ҳазор нафар асирон ба чӯбҳои салибдор бо мех дар роҳи байни Рим – Капуя кӯфта кушта шуданд. Тӯдаи алоҳидаи ошӯбгарон дар давоми 10 сол муборизаро давом доданд.



**Ошӯби Спартак**

**Дар хотир доред!**

Ошӯби Спартак **солҳои 74-71 пеш аз мелод** ба амал омада, он бо мағлубияти ғуломон ба анҷом расидааст.



**Ҳалокшавии Спартак**

### *Конспекти такягоҳӣ*

- → меҳнати ғуломон фоиданок набуданаш маълум гардид
- → колонҳо — иҷорагарони заминҳои хурд
- → "ғуломони кулбадор"
- → гладиаторҳо
- → амфитеатри Колизей
- → соли 74 пеш аз мелод — ошӯби Спартак
- → Қароргоҳи кӯҳи Везувӣ
- → соли 71 пеш аз мелод торумори лашкари Спартак

### Савол ва супоришҳо

1. Миқдори ғуломон дар Рим аз ҳисоби кӣ афзун гардид?
2. Мавқеи ғуломон, колонҳо ва “ғуломони кулбадор” аз ҳамдигар чӣ гуна фарқ мекунад?
3. Римиён нисбати ғуломон чӣ гуна муносибат доштанд?
4. Макону самти ошӯби ғуломонро таҳти сарпарастии Спартак дар харита нишон диҳед.
5. Ошӯби Спартак бо кадом ҷиҳаташ аз дигар ошӯбҳои ғуломони Рим фарқ мекунад?
6. Аз номи яке аз гладиаторони Рим ҳикоя нависед?
7. Ғуломони ошӯбгар чаро комёб нагардиданд?

## § 50. Сарнагуншавии Республикаи Рим

**Сабабҳо**

Ошӯбҳои ғуломон ғуломдоронро хеле сахт тарсонд. Дар назди ғуломдорон масъалаи зарурати ба вуҷуд овардани диктатураи ҳарбӣ ба сифати ҳокимияти пурқувват меистод. Сенаторон ва шахсони мансабдори камшумор давлати бузургро ҳамвора идора карда наметавонистанд.



Истироҳати лашкарони Рим

**Дар асри I пеш аз мелод** сарварони ҳарбие, ки мунтазам ба қӯшунҳои зархарид такя мекарданд, ба қувваи воқеӣ тадбил ёфтанд. Аскарони зархаридро бошад, қувваву қудрати ҳарбии Рим ва нерӯи давлат не, балки молу мулк бештар шавқманд мегардонд. Аскарони зархарид фарқи киро ғорат кардан ва бо кӣ ҷанг карданро намедонистанд.

Дар Рим бошад, бисёр сарлашкароне буданд, ки сарвари давлатро ба зиммаи худ гирифтанӣ шуданд.

**Қарор ёфтани ҳокимияти Сезар**

Баъди он ки ошӯби Спартак хомӯш карда шуд, Красс ва Помпей барои ҳокимият дуру дароз мубориза бурданд, аммо дар яке аз набардҳое,ки империяи Рим пеш мебурд, Красс ҳалок гардид. Акнун барои Помпей Сезар ягона рақиби хавфнок буд. Ба туфайли ғалабаҳояш дар набарди Галлия нуфуз ва обрӯи Сезар баланд буд. Аскарони зархарид ба қобилияти саркардагии ӯ боварӣ доштанд, барои аз паси Сезар ба ҷои дилхоҳ рафтан тайёр буданд. Ба ҷуз ин бенавоён, мабодо вай дар маҷлиси Сенат иштирок кунад, ба мо замин ҷудо мекунонад ва қарзҳоямонро бекор мекунад, мепиндоштанд ва Сезарро ҷонибдорӣ менамуданд.



Байрақҳои римиён

Баъди набарди музаффаронаи Галлия дарёи Рабикори сари роҳи Римро убур карда, **соли 49 пеш аз мелод** Юлий Сезар барои яккаҳоким гардидан муборизаи ошкороро сар кард. Сезар ҳамон вақт ин тавр гуфта буд: “Қуръа партофта шуд”.

Ҷонибдории аҳолии Рим аҳамияти ҳалкунанда касб намуд. Қӯшунҳои Помпей дар Испониё меистод.

Сезар ғалаба кард. Вай ба император ва диктатори Рим-ҳокимияти номаҳдуд мубаддал гардид. Азму хоҳиши Сезар барои Рим ба қувваи қонун баробар гардид. Вай бидуни интихобот шахсони мансабдор-ро таъин карда, ба Сенат ва Маҷлиси халқ ҳисобот надод.



Сезар – императори Рим

Ҳолати мазкур он қадар тӯл накашид. Сенаторон аз ҳокимияти номаҳдуди Сезар норизо шуда, фитна барангехтанд. Онҳо аҳд карданд,ки Сезарро мекушанд ва дар Сенат мавқеашонро барқарор менамоянд. Ба фитнагарон яке аз дӯстони наздики Сезар Брут раҳбарӣ кард. Ҳангоми маҷлиси Сенат фитнагарон Сезарро печонда гирифтанд ва бо ишора ба вай бо ханҷарҳо зарба задан гирифтанд. Сезар дар ҳамин ҷо фавтид.

**Дар соли 44 пеш аз мелод** ҳукмронии Юлий Сезар ба анҷом расид. Аммо куштори вай боиси аз нав ташкил ёфтани республика нагардид. Дар байни сарлашкарон мубориза ва мамлакат ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт.

***Худро озмуда бинед!***

***Красс, Помпей, Сезар — ин...***
***Император — ин... Брут — ин...***

**Оқибатҳои мубориза барои ҳокимият**

Баъди куштани Сезар Брут барои аз нав барқарор кардани республика кӯшид. Вале сенаторон ба тартиботи пештар баргаштанро нахостанд. Бисёрии онҳо сарвати худро дар давраи ҳукмронии Сезар ба даст оварда буданд. Брут ва тарафдорони вай барои ба Юнон гурехта рафтан маҷбур шуданд.



Куштани император Сезар

Дар айни маҳал дар Рим ҷияни Сезар,ки император бонӣ карда гирифта буду номаш Гай Юлий Сезар Октавиан буд, пайдо гардид. Октавиан

ба ҳукмдори мамлакат тадбил ёфт. Вай ба муқобили Брут ва тарафдорона ӯ мубориза бурд.

Дар Юнонистони шимолӣ Брут қӯшун ҷамъ карда, ба Рим хавфи ҷиддӣ овард. Бо Октавиан Марк Антонӣ иттифоқ мебандад ва республикачиёнро торумор месозанд. Баъди он Октавиан идоракунии қисми ғарбии давлати Рим, Антонӣ бошад, музофоти шарқии мамлакатро ба дасти худ мегиранд.



Динори Юлий Сезар. Солҳои 49–48 пеш аз мелод.

Антонӣ ба Миср омада, ба малика Клеопатра хонадор мешавад. Ба тариқи тӯҳфаи ақди никоҳӣ Антонӣ музофоти шарқии Римро ба ихтиёри Клеопатра мегузорад. Он боиси норозигии Ок-тавиан мегардаду соли 31 пеш пеш аз мелод дар соҳилҳои Юнон байни флотҳои Антонӣ ва Октавиан набард ба амал омад. Вақте ки набард ба арши аълояш расида буд, Клеопатра ва Антонӣ ба шаҳри Александрия мегурезанд. Армия ва флот ба Октавиан таслим мегардад. Соли дигар Октавиан бо қӯшунҳояш ба Миср рафта мерасад, Антонӣ ва Клеопатра худкушӣ менамоянд. Миср бошад, ба музофоти Рим тадбил меёбад. Ҳамин тавр, Октавиан ба империяи Рим ҳукмдори ягона шуда мемонад.

**Соли 29 пеш аз мелод** Октавиан аз Сенат унвони император ва лақаби Августро мегирад. Октавиан як қатор ислоҳотро ба рӯи об баровард. Октавиан-Август миқдори сенаторон ва легионҳоро кам кард. Мӯҳлати хизмати хизматчиёни ҳарбӣ 20 сол боқӣ монд. Дар замони Октавиан-Август теъдоди умумии лашкари Рим ба 300 ҳазор расид. Император корҳои бунёдкориро доманадор кард. Дар давраи ҳукмронии ӯ дар Рим бисёр қасру ибодатхонаҳо сохта шудаанд.



Клеопатра — маликаи Миср

Октавиан-Август соли 14 мелодӣ вафот кард. Ворисони вай Калигула ва Нерон ҳукмронӣ карданд. Дар давраи ҳукмронии онҳо империя рӯ ба таназзул ниҳод. Дар мобайни асри II мелодӣ қуввaву қудрати

Рим аз нав барқарор гардид. Даври мазкур “асри заррин”-и империяи Рим ном гирифтааст.

**Соли 98 мелодӣ** Траян ба тахти императорӣ нишаст. Траян дар давраи ҳукмронии худ бо дакҳо набарди беамоне бурд, ки дар соҳили дарёи Дунай истиқомат мекарданд. Дар сутуни 40 метраи колоннаи Траян,ки онро дакҳо оро додаанд, манзараи набард бо дакҳо акси худро пайдо кардааст. Ва ин расмҳо кандакорӣ гардидаанду дар ин бора нақл менамоянд. Дар ин давр ҳудудҳои Сурия ва Месопотамия дар таркиби Рим буд. Траян дар набардҳо бо Парфия комёб гардид.



**Марк Антонӣ**

***Худро озмуда бинед!***

| | |
|---|---|
| ***Октавиан-Август — ин...*** | ***Клеопатра — ин...*** |
| ***Сезар Октавиан — ин...*** | ***Траян — ин...*** |

**Дар хотир доред!**

**Соли 29 пеш аз мелод** Октавиан аз Сенат унвони император ва лақаби Августро гирифт. Вай асосгузори империяи Рим ба ҳисоб меравад.

## *Конспекти такягоҳӣ*

→ муборизa барои ҳокимият — Красс → Помпей
→ соли 49 пеш аз мелод — Юлий Сезар — императори Рим
→ Куштори Сезар → Брут
→ соли 31 пеш аз мелод — ҷанги Антонӣ ва Октавиан
→ Октавиан — император Август
→ асри II мелодӣ — империяи Рим “асри заррин”
→ соли 98 мелодӣ — император Траян → Сутуни Траян



**Император Октавиан-Август**

### Савол ва супоришҳо

1. Сабаби асосии вожгуни Республикаи Римро маънидод кунед!
2. Дар Рим қарор ёфтани ҳокимияти Сезар чӣ тавр руй дод?
3. Куштори Юлий Сезарро кӣ ва барои чӣ ташкил намуд?
4. Баъди куштори Юлий Сезар дар Рим чӣ гуна тағйиротҳо рӯй доданд?
5. Дар мубориза барои яккаҳокимиятӣ чаро Октавиан ғолиб омад?

## § 51. Барбодравии империяи Рим



Сутуни Траян

**Вожгуни империя**

Баъди давраи император Траян римиён набардҳои зиёди истилогаронаро ба рӯи об набаровvarданд. Дар асри III мелодӣ иқтидору қудрати империяи Рим суст шудан гирифт. Императорро акнун лашкар интихоб мекард, дар лашкар ҳам дар байни гурӯҳҳои мухталиф мубориза авҷ мегирифт.

Дар айни замон дар тарафҳои шимолӣ-ғарбии сарҳади империя қабилаҳои бодиянишин пайдо гардиданд. Римиён ба онҳо "варварҳо" ном ниҳоданд ва барои дар сарҳад нигоҳ доштани лашка-ри калон маҷбур буданд.

Аввал юнониён тамоми халқҳо ва қабилаҳоеро, ки забонашон ба онҳо нофаҳмо буд, "варварҳо" номида буданд. Римиён, бошанд, ба фикри онҳо халқҳои дараҷаи маданияташон пастро ҳамин тавр меномиданд.

**Империяи Рими Ғарбӣ ва Шарқӣ**

Дар замони император Константин, яъне **соли 330 мелодӣ** пойтахти империяи Рим шаҳри Византия эълон гардид,ки дар соҳили Босфор ҷойгир буд. Мувофиқи фармони император тамоми биноҳои кӯҳнаи шаҳр вайрон карда ва шаҳри нав барпо гардид. Ҳайкалҳо ва коллонаҳое,ки аз шаҳрҳои Рим, Афина ва Коринф овардаанд, шинонда шуданд, шаҳр ба шарафи император *Константинопол* номида шуд.



Пиёдагардони Рим

Империяи бузургро аз Константинопол исто-да идора кардан кори душвор буд. Дар замони император Феодосӣ **соли 395-уми мелодӣ** империяи Рим дар байни ду писари ӯ ба Ғарбиву Шарқӣ тақсим гардид. Ба қисми ғарбӣ вилоятҳо дар Италиё ва Африли Шимолӣ, қисми шарқӣ бошад, заминҳои нимҷазираи Балкан, Осиёи Сағир ва Миср шомил буданд. Дар империяи Рими Шарқӣ ҳокимияти ягонаи император нигоҳ дошта шуд. Рими Ғарбӣ ба давлатҳои алоҳида пароканда шудан гирифт.

***Худро озмуда бинед!***

***“Варварҳо” гуфта...***

**Готҳо дар Рим**

Дар асрҳои IV-V мелодӣ саросари Римро ошӯби ғуломон ва колонҳо фаро гирифт. “Варварҳо” ҳам аз паи замин ва молу мулки калон шуда, ҳуҷумро ба империя пурзӯр мекарданд.

**Дар соли 410-уми мелодӣ** готҳо тахти сарпарастии Аларих Римро муҳосира намуданд. Римиён бо онҳо машварат карданд, аммо шабона ғуломон дарҳоро боз намуданд. Истилогарон ба шаҳр зада даромаданд. Готҳо ҳайкалҳоро несту нобуд карда, китобҳои бебаҳоро сӯзонданд, Римро се рӯз тороҷ карданд. Рими толону тороҷгардида бе кӯйу кас монд.



**Варварҳо дар остонаи Рим**

Германҳо бесавод буда, ҳеҷ гоҳ ба театрҳо, китобхонаҳо ва ҳаммомҳо нарафта буданд. Вақте ки ба сарҳади Рим омаданд, меъморӣ, зебогии ҳайкалҳо ва шаҳомати онҳоро муносиб арзёбӣ карда натавонистанд. Ҳамаи онро бешафқатона несту нобуд карданд. Германҳо ба мақсади иҳота кардани деворҳои қалъачаҳои худ тахтачаҳои сангини ибодатхонаҳо ва китобхонаҳоро кӯчонда бурданд. Китобҳо, ҳайкалҳо, дигар асарҳои санъат нобул шундан.

**Дар хотир доред!**

Дар замони император Федосӣ **соли 395-уми мелодӣ** империяи Рим ба қисмҳои Ғарбӣ ва Шарқӣ тақсим шуд.

**Вожгуни империяи Рими Ғарбӣ**

Ишғоли Рим аз тарафи готҳо аҳолии империяро ба ларза овард. Дар давоми садсолаҳо римиён аз болои рақибони худ мунтазам ғалаба ба даст оварда буданд, тамоми мамлакатҳои соҳили баҳри Миёназаминро забт карда, худро бошад, ҳукмдори ҷаҳон мепиндоштанд. Рим бошад, ҳамчун “шаҳри абадӣ” тавсиф карда мешуд. Гуё қудрати римиён интиҳое надошт. Бинед, хазинаи дурдонаҳое,ки аз саросари ҷаҳон гирд оварда шуда буданд, ба дасти қабилаҳои дағалу бадахлоқ афтод. Аз хусуси вожгуни Рим муаррихи ҳамонзамона ин тавр нигошта буд:



**Готҳо Римро толону тороҷ мекунанд**

“Шамчароғи ҷаҳон,ки тамоми рӯи Заминро ба худ мутеъ сохта буд, ҳам хомӯш гардид”. Қисми зиёди римиён Рим агар ба завол рӯ оварад, саросари ҷаҳон несту нобуд мегардад, меҳисобиданд. Аммо дунё ҳалок нагардид. Аларих ҳам вафот кард, вале душмани аз он ҳам қатоли Рим қабилаҳои хунн тахти сарпарасттии Аттила ба майдон баромаданд. Атилла ба империяи Рими Шарқӣ ҳуҷум кардан гирифт. **Соли 452-уми мелодӣ** хуннҳо ба Итолиё зада даромаданд.

**Соли 455-уми мелодӣ** ба Рим қабилаҳои вандали германӣ ҳам ҳуҷум овард, онҳо дар тӯли ду ҳафта шаҳрро толону тороҷ намуданд. Вандалҳо тамоми чизу чораеро,ки ҳамроҳашон бурда наметавонистанд, хароб карданд. Соли 476-уми мелодӣ қӯмондони қӯшун Одоакр императори охирин Ромилро аз сарой пеш карда баровард ва нишони унвони императориро ба Константинопол фиристод. Сарҳадҳои империяи собиқи Рими Ғарбиро қабилаҳои германӣ ишғол намуданд. Ҳамин тавр, **соли 476-уми мелодӣ** империяи Рими Ғарбӣ вожгун шуд ва ба сифати санаи хотимавии таърихи дунёи қадим ба таърих дохил шуд. Акнун таърихи асримиёнагӣ дар остона дар кӯфта меистод.

**Дар хотир доред!**

Рим **соли 410** аз ҷониби готҳо тахти сарпарастии **Аларих** яксон гардид.



**Аскари вандалӣ**

### *Конспекти такягоҳӣ*

- Соли 330-уми мелодӣ — пойтахти империяи Рим — Византия (Константинопол)
- Соли 395-уми мелодӣ — Империяи Рими < Ғарбӣ / Шарқӣ
- Соли 410-уми мелодӣ — готҳо Римро ба хароба тадбил доданд — Аларих
- соли 452-уми мелодӣ истилои Рим аз ҷониби хуннҳо — Аттила
- Соли 455-уми мелодӣ — зада даромадани қабилаҳои вандали германӣ
- Соли 476-уми мелодӣ вожгуни империяи Рими Ғарбӣ



**Манзараи набард**

**Дар хотир доред!**

**Соли 455-уми мелодӣ** ба Рим қабилаҳои вандали олмонӣ ҳуҷум овард, онҳо давоми ду ҳафта шаҳрро толону тороҷ карданд.

Савол ва супоришҳо

1. Аз хусуси лашкари Рим нақл кунед?
2. Римиён киро "варварҳо" номидаанд? Римиён бо кадом қабилаҳои варварҳо рӯ ба рӯ гардидаанд?
3. Сабаби ба империяҳои Рими Ғарбӣ ва Шарқӣ тақсим гардидани империяи Рим дар чист?
4. Аз хусуси забт гардидани Рим нақл кунед?
5. Сабабҳои вожгуни империяи Рими Ғарбиро маънидод кунед?



**Тасвири набарди римиён бо кӯшунҳои варварҳо**

## §§ 52 – 53. Маданияти Рими Қадим

**Тарзи зиндагонии Римиён**

Дар асри I мелодӣ дар тарзи зиндагонии римиён гардиши куллӣ ба вуҷуд омад. Патрисийҳо, ки зодагони римӣ буданд, дар хонаи оддии якошёнагӣ зиндагонӣ карда, миқдори ғуломонашон ҳам он қадар зиёд набуд.

Дар оғӯши теппагиҳое,ки шахсони бадавлат зиндагонӣ мекарданд, тамошогоҳ ва боғҳову саробӯстонҳо бисёр буданд, ҳаво бошад, нисбати маҳалҳои ҳамвор тозаву соф, шахсони ба император наздик соҳибони ин кошонаҳо буданд.

Римиёне,ки бадавлат набуданд, дар ҷойҳои ҳамвори мобайни баландӣ иқомат мекарданд. Дар

**Дар хотир доред!**

**Соли 476** империяи Рими Ғарбӣ вожгун гардид.



**Хона – қалъаи римии сарватманд**

ин ҷо кӯчаҳо тангу ифлос буд: ахлотро рост ба кӯча мепартофтанд. Миқдори аҳолии Рим пайваста зиёд гардид. Зеро деҳқонони хонавайроншуда аз чор тараф ба пойтахт меомаданд. Шахси омаднок як порча замин ё хонаро ба иҷора мегирифт, бенавою гадоён дар зери зинаҳо, заминканҳои заҳу нимторик ё худ кушоду равшан дар кӯчаҳои шаҳр мезистанд.

Императороне,ки ба меҳри қашшоқони римӣ мушарраф шуданӣ буданд, барои аҳолии пойтахт бо номи “термҳо” ҳаммомҳои зебо сохтанд (аз юнонии “гарм” гирифта шудааст, “термос” ҳам аз ҳамин баромадааст). Ба ивази ҳаққи ночизе ҳар як римӣ имконияти ба термҳо афтиданро дошт. Дар ин ҷо баробари ҳавзҳои об барои шиноварӣ толорҳои варзишӣ мавҷуд буданд. Дар назди термҳо барои таълим ва шуғлварзӣ бо фанҳо китобхонаҳо ҳам буданд.



**Термҳои Рим. Расми замонавӣ.**

### Таълим

Таълим, ки нишонаи асоси маданият аст, дар Рим бо худ хос буд. Таълимгирии бачагон ба чӣ тавр додани ҳақ аз ҷониби падару модарон вобаста буд. Фарзандони римиёни бенаво азбаски ба корҳои хоҷагӣ ба волидон кӯмак мерасонданд, дар мактаб таҳсил намекарданд. Фарзандони сарватмандон аз 6-солагӣ ба мактаб мерафтанд. Бачагоне,ки ҳарфҳоро ёд мегирифтанд, бо кӯмаки ручкаи филизии стил ҳарфҳоро дар болои тахтачаҳои бо мум фарогирифта кандакорӣ мекарданд.



**Ҷадвале,ки аз мум сохта шудааст**

Баъди ёд гирифтани хондан, навиштан ва ҳисобу китоб бисёриҳо хонданро қатъ мекарданд. Баъзеяшон таҳсилро дар грамматика (мактаби миёна) давом медоданд. Таърих, ҷуғрофия, геометрия, мусиқӣ васиторашиносиро меомӯхтанд. Ба омӯзиши забони юнонӣ диққату эътибори махсус нигаронда мешуд, чунки китобҳо доир ба соҳаҳои илм ба забони юнонӣ навишта шуда буданд. Ҳар як шахсе,ки арбоби сиёсӣ

шуданӣ бошад, санъати нотиқӣ ва *риторика*, зебо ҳарф заданро меомӯхт.



**Дар хотир доред!**

*Стил* — чӯбчаҳои оҳанин барои навиштан дар тахтачаҳои бо мум рӯкачгардида таъин гардидаанд.

### Меъморӣ ва пайкаратарошӣ

Корҳои бинокорӣ дар империяи Рим ниҳоят ба авҷи аълояш расида буданд. Амфитеатрҳо, сиркҳо, театрҳо, ибодатхонаҳо, саройҳо, аркҳои триумфал ва дигар бисёр иморатҳои бисёрошёна барпо гардиданд. Шаҳрҳоро деворҳои баланд иҳота мекарданд.




**Рақамҳои лотинӣ**

Меъмории римӣ аз меъмории юнонӣ бо рангорангӣ ва мустақилии худ фарқ мекард. Дар асри I мелодӣ Рим шаҳри аз ҳама бузургу аҳолиаш ниҳоят зиёд буд. Ҳамон вақт ҳатто мақоли зерин баланд садо медод:“Тамоми роҳҳо ба Рим мебаранд”. Ҳазорон ғуломон ба воситаи чангалзор, кӯҳҳо ва ботлоқзорҳо роҳҳо мегузаронданд. Баробари роҳҳо водопроводи Рим — қубурҳои об кашида, боқимондаҳои он то замони мо расида омадаанд. Қубурҳо дар асоси нишебкунӣ гузошта, аз чашмаҳои кӯҳсор худи об меомад. Барои қубурҳоро аз болои ҷариҳо, саҳрову водиҳо кашидан акведикҳо – кӯпрукҳоро аз қисми аз ҳама болои анҳорҳо сохтаанд.



**Сохтмони роҳ дар Рим**

Кӯпрукҳоро саросар аз санг сохтан хеле қимат меафтод ва сохтмон вақти дароз давом мекард. Римиён масолеҳи нави бинокорӣ-бетонро кашф намуданд. Бинокорон аз хишт ду девори борик қад

**Дар хотир доред!**

Дар империяи Рим корҳои бунёдкорӣ инкишоф ёфт. Амфитеатрҳо, сиркҳо, театрҳо, ибодатхонаҳо, саройҳо, триумфҳо ва бисёр хонаҳои серошёна қад кашидаанд.



**Пантеон — бутхонаи тамоми худоён**



**Сохтмони акведук**

кашонда, холигии байни деворҳоро бо бетон пур намудаанд. Баъди хушк шудан вай аз санг ҳам мустаҳкам гардидааст. Истифодабарии бетон ба римиён имкон дод,ки биноро тезу мустаҳкам созанд.

Амфитеатрҳо,ки даҳҳо ҳазор тамошогаронро ба оғӯши худ мегирифт, иншоотҳои калони Рим ба ҳисоб мерафт. Дар ин ҷо ҳарбу зарби гладиаторҳо ва набарди киштиҳои ҳарбӣ ба амал меомаданд. Дар зери замин, дар ҷое ҳавзеро сохтаанд,ки имконияти нигоҳ доштани обро медод.Колизей,ки амфитеатри аз ҳама калонтарина Рим ба ҳисоб мерафт, ҳамчун гувоҳи шаҳомати замон то рӯзҳои мо расида омадааст.

Баъди ихтирои бетон шифтҳо дар шакли гумбаз бидуни сутунҳо сохта шудаанд. Пантеони Рим бо ҳамин васила сохта шудааст (ба юнонӣ маънои “ибодатхонаи тамоми худоён”-ро медиҳад). Ҳар як шахсе,ки дар Рим истиқомат мекард, имконияти ба Пантеон омада, ба худои худ саҷда карданро дошт.

**Дар хотир доред!**

Дар Пантион — бутхонаи тамоми худоён ҳар як шахсе, ки дар империяи Рим истиқомат мекард, имконияти саҷда кардан ба худои худро дошт.




**Услубҳои меъморӣ. Сутунҳо**

Яъне мисриён ба Асирис, юнонӣ ба Зевс, римӣ ба Юпитер ибодат мекард. Барои қайди ғалабаҳои бузург аркаҳои мӯҳташами триумфал барпо шудаанд.

**Бавуҷудоии насрониён** Дар аввали асри I мелодӣ дар зери ҳокимияти Рим Фаластин қарор дошт. Дар сарзамини онҳо — шаҳри Вифлеем тавлид ёфтани "Писари Худо" ривояте ҳаст, ки номи Исоро гирифта буд.

Дар 30-солагӣ бо дувоздаҳ нафар ҳамсафони худ ба Фаластин сафар карда, оиди оятҳои Худо нақл мекунад, мӯъҷизаҳои мухталиф намоиш медиҳад. Яъне ба мурдаҳо ҳаёт мебахшад, беморони аз зиндагонӣ умедашон кандаро ба ҳаёт мегардонад. Рӯҳониёни маҳаллӣ Исо пайғамбарро барои ҳақиқати мавҷудаи диниро вайрон кардан айбдор ҳисобида,ӯро ба қатл мефармоянд. Ҳукми мазкурро ноиби Рим Понти Пилат тасдиқ карданаш шарт буд. Сараввал ӯ аз ин кор саркашӣ намуд, вале дар зери тазйиқи рӯҳониён розигӣ дод. Исоро дар кӯҳи Голдоф ба чӯби салибдор мебанданд. Дар ин ҷо мувофиқи

**Дар хотир доред!**
**Тит Ливӣ, Татсит, Плутарх** — муаррихони римӣ.

**Дар хотир доред!**
Римиён маводи нави сохтмон бетонро кашф намуданд.

**Дар хотир доред!**
Дини насронӣ дар **асри I мелодӣ** ба вуҷуд омадааст.



**Ибодатхонаи аввалини насрониён**



**Бастани Исо ба чӯби салибдор**



**Император Константин**

ривоятҳо аввалин инсони рӯи Замин-Одам Ато дафн карда шуда буд. Исо мемирад. Мурдаи ӯро ба яке аз ғорҳо бурда мемонанд. Рӯзи сеюм барои дафн омада ба набудани ҷасади Исо Масеҳ дар ҷояш шоҳид мегарданд. Исо пайғамбар аз нав зинда гардида ва ба меъроҷ бардошта шуда, барои арзёбии кори одамони вафоткарда ва зиндагонӣ кардаистода ба рӯи Замин баргашта омадан ваъда дода будааст.

Ривоятҳо дар ҳаққи Исо Масеҳ номи Йевангелия (Инҷил)-ро гирифтааст. Агар он аз юнонӣ тарҷума карда шавад, калимаи мазкур маънои “Хушхабар”-ро медиҳад. Пайравони таълимоти пайғамбар Исо насрониён (христианҳо) мебошанд. Шогирдонашон аппостолҳо (ховариҳо)-янд. Ба ҷамоаҳои насрониён епископҳо сарварӣ мекунанд. Асри I мелодӣ санаи ба вуҷуд омадани насронӣ (христианӣ) ба ҳисоб меравад.

Ҳукмдорони Рим насрониёнро ба зери таъқиб мегиранд, ба азобу уқубати мухталиф гирифтор менамоянд. Он боиси норозигии одамон мегардад.

**Дар соли 313 мелодӣ** император Константин фармон баровварда, дини насрониро бо дигар динҳо баробар эълон мекунад. Фармон ба насрониён рухсат дод, ки ибодатхона созанд ва ошкоро ибодат намоянд.

### *Конспекти такягоҳӣ*

- термаҳо
- риторика
- усулҳои меъморӣ
  - Коринф
  - Ҷон
  - Дорӣ
- ихтирои бетон
- Пантеон
- муаррихон
  - Квинт Курсӣ Руф
  - Тит Ливӣ
  - Татсит
  - Плутарх
- Исо Масеҳ
  - Понти Пилат
  - Голгофа
  - асри I
  - Йевангелия



**Мувофиқи ривоятҳо император Константин ба сипари аскарони худ кашидани рамзи насрониро фармудааст ва ғалаба кардааст.**

**Муаррихони Рим:**



**Квинт Курсӣ Руф**



**Плутарх**



**Тит Ливӣ**

*Савол ва супоришҳо*

1. Оид ба тарзи зиндагонии римимён ҳикоя таҳия кунед.
2. Дар давлати Рим кадом намудҳои таълим мавҷуд буд, чиҳоро ёд медод?
3. Хусусиятҳои меъмории Римро номбар кунед.
4. Номи иншооти аз ҳама калони Римро номбар кунед.
5. Аз хусуси Пантеони Рим чиҳоро медонед?
6. Исо пайғамбар кист? Аз хусуси насрониён чиро медонед?

## § 54. Дар манбаъҳои маънавиёт

Шумоён дар давоми сол бо таърихи дунёи қадим,ки аз сохтори ҷамоати ибтидоӣ оғоз ёфтааст, шинос шудед. Баробари такомул ёфтани олоти меҳнатӣ ва афзудани ҳосилнокӣ, рушди деҳқонӣ, ҳунармандӣ ва савдову тиҷорат давлатҳои аввалин ташаккул ёфтанд. Баъди пайдошавии хат одамон ба навиштани қонунҳое ба ҷамъият шурӯъ карданд,ки дар он зиндагонӣ мекарданд.

**Дар хотир доред!**

Ҷараёни ба камолрасии маънавии одамизод решаи амиқ ва анъанаҳои қадимаро молик аст.

Одамон аз қадим аз ихтироъ ва кашфиётҳои офаридашуда истифода мебаранд. Онҳо усулҳои зироаткорӣ, чарх, қубурҳои об, алифбо, тақвим, рақамҳо, хона ва ҳамин қабил комёбиҳо мебошанд.

Мо ҳанӯз ҳам аз ёдгориҳои мадание дар ҳайрат меафтем,ки халқҳои дунёи қадим офаридаанд. Ҳоли ҳозир ҳам бисёр асарҳои муаллифони қадима моро ба мардӣ, меҳнатдӯстӣ, муҳаббат ба Ватан ҳидоят месозанд.



Бунёдкорӣ мудом тақдир гардидааст

Бунёдкорӣ доимо қадр ёфтааст. Ҳатто дар давраи қадим ҳам ҳаёти аҷдодони қадимаамон зери хавфу хатар, аз ташвишҳо саршор, мақсади асосии одамон дарёфти ғизо бошад ҳам, инсоният барои дарки олам ҳаракат намудааст. Он барои рушди маданияти маънавӣ ҳамчун пойдевор хизмат кард. Ҷараёни такомулёбии маънавии инсоният ҳамин тавр оғоз ёфт.

...Дар қуллаҳои тики Кӯҳитоғ, дараҳои алҳол унвонашон Зарауткамар ё ки Олойи Тилло соҳибони мӯйқаламҳои қадима бо рангҳои сурх тасвири шикори гавазнҳои ёбоиро кашидаанд. Онҳо аз ҳолатҳои драматикӣ саршоранд. Дар расмҳои мазкур бо ғалаба анҷом ёфтани шикор, тантанаи шикорчиён ва бузургии ақли инсон тасвир ёфтаанд.



Алоқаи байниҳамдигарии мисриён, юнониён ва римиён бо маданияти Шарқ суръати рушди илму фанро баланд бардошт, ба инкишофи маданияти дунё оварда расонд.

Акнун шумоён решаи таърихи дунёи қадим ва таърихи Ӯзбекистон аз қаъри чандин асрҳо об хӯрданашро хуб медонед. Маҳз дар гузаштаи дур дар диёрамон барои рушди мероси маданӣ асос

***Худро озмуда бинед!***

***Маданияти моддӣ — ин....***
***Маданияти маънавӣ — ин...***
***Санъат — ин...***

гузошта шуда буд. Дар ин ҷо шаҳрҳо ва давлатҳои қадима ташкил ёфтаанд. Зироаткорон, ҳунармандон ва бинокорон бо меҳнати бунёдкоронаи худ шӯҳрати диёрро саросари дунё паҳн кардаанд.

Муҳаббат нисбати Ватан дар ҷасорати қаҳрамонҳои халқие намудор мегардад,ки ба муқобили истилогарони сершумор мубориза бурдаанд. Томирис, Шерак, Спитамон ва боз бисёр қаҳрамонҳои ҷасур озодии кишварро аз ҳаёти худ боло гузоштаанд.

Дар манбаи нахустини хаттӣ – "Авасто" худои бузург ва донишманди олии зардуштиён Аҳу-рамаздо Ӯзбекистон ба сифати мамлакати аз ҳама беҳтарин ҳудудҳои қадимаи кишоварзӣ офарида шуданашро номбар кардааст.



Бунёдкорӣ асоси маънавиёт аст

Дар поёнобҳои Амударё, заминҳои Хоразми кӯҳан, кӯҳу водиҳои Сурхон, Қашқадарё ва Зарафшон тарғиботгарони дини зардуштӣ қасидаи муқаддасро аз хусуси муборизаи абадӣ байни некиву бадӣ тараннум кардаанд. Онҳо одамонро ба сулҳу салоҳ, адолат ва некӣ даъват кардаанд. Одамон ба оила, хона, об ва замин бо ҳурмату эътибор нигаристаанд, дар шуури фарзандонашон тасаввурро дар хусуси мақоми баланди инсон дар ҷамъият ҷойгир сохтаанд. Ғояи зардуштӣ рушди ҷамъияти қадимаро муайян сохт.

Тараққиёти ҷамъияти дилхоҳ ба мавҷудияти ғояи бунёдкорӣ муайян мегардад.

Қаҳрамонӣ, ҷасорати таърихии аҷдодонамон дар ҳисси ватанпарварӣ тарбия мекунад, ҳимоя кардани манфиати Ватанро меомӯзад.



Ҳайкали Мирзо Улуғбек

Президенти Республикаи Ӯзбекистон И.А.Каримов моҳияти ғояи миллии истиқлолро баён сохта, рушди мамлакатро ба гул-гулшукуфонии маънавии ҷамъият,ки аз шаҳрвандони тамоми Ӯзбекистон қатъи назар аз миллат, забон ва динашон таркиб ёфтааст, тарбия намудани инсони комил узван вобаста намуд.



Мероси таърихӣ-маданӣ



Ҳайкали Амир Темур

Халқамон ба некигарӣ, сулҳу салоҳ ва бунёдкорӣ ҳаракат мекунад. Асоси ин саъю кӯшиш маънавиёти саршор ва ривоҷи ӯ ба гул-гулшукуфии имрӯзаву ояндаи мамлакататамон вобаста аст.

Мо маданияти моддӣ ва маънавии Ватанамонро эҳтиёткорона ҳифз намуда, онро ғанӣ сохта, корҳои неки аҷдонамонро давом доданамон лозим аст.

Президентамон Ислом Каримов дар китоби худ «Маънавиёти воло–қувваи мағлубнопазир» зикр намудаанд: «Мо тамоми қуввваву имкониятҳои худро барои халқамон дар дунё аз ҳеҷ кадом кам нашуданаш, фарзандонамон аз мо пурқувватар, донишманд, доно ва албатта, хушбахт шуданашон сафарбар кардаем, дар ин бора бе ягон шакку шубҳа масъалаи тарбияи маънавӣ аҳамияти беқиёс пайдо мекунад».



Ҳайкали Алишери Навоӣ

Барои амалӣ гардондани мақсаду вазифаҳои рушди маънавиёт ҳар як инсон худро чун шаҳрванди ҳақиқии мамлакат ҳис кардан таърихи қадимаву кӯҳан, мероси бойи аҷдодони бузург ва маданиятамонро амиқан омӯхтанаш, воқеияти тағйиротҳои саршори олами имрӯзаро дарк карданаш, ба тараққиёти ҷамъияту давлатамон дахлдор буданашро фаҳмиданаш лозим.

## Луғати
### истилоҳоти таърихӣ

Австралопитек — навъи одами қадима.

Агора — ҷои ҷамъомади Маҷлиси Халқ дар шаҳрҳои Юнон, майдони марказӣ.

Акведик — кӯпруки баланде,ки дар болояш ҷӯе доштааст,ки ба шаҳр об меовард.

Алтамир — ғоре,ки оид ба зинаи охирини палеолит дар харсангҳо расмҳо ёфт гардидаанд.

Амфитеатр — иншооти калони бебом, ки тамошогарон дар атрофи саҳна нишастаанд ва онҳо бо ҳам пайваст гардидаанд.

Амфора — кӯзаи калони сарпӯшдор,ки барои нақли моддаи моеъ ва нигоҳ доштани он таъин гардидааст.

Амулет — ба фикри мисриён, маводи хурд,ки мабодо инсон ҳамроҳи худ гирифта гардад, ӯро аз рӯҳи бад ва балову қазоҳо ҳимоя мекунад, тумор.

Анимизм — эътиқод ба мавҷуд будани ҷону рӯҳҳое,ки дар муҳит инсонро фаро гирифтаанд.

Таърихи атиқа — таърихи Юнони Қадим ва Рими Қадим.

Агронавтҳо — қаҳрамонҳои Эллада, ки мӯинаи тиллогин (пӯсти қӯчқори сеҳрнок)-ро ҷустуҷӯ намуда, ба воситаи киштии сербодбондор ба саёҳат баромадаанд.

Ориён — халқҳои қадима, тарҷумааш маънои “содиқон”, “озодҳо”-ро мефаҳмонад, ориёнҳо.

Археология — фаннест,ки манбаъҳои ашёвиро меомӯзад ва аз рӯи онҳо гузаштаи таърихиро аз нав барқарор мекунад, қадимшиносӣ.

Архив — маскане,ки хуҷҷатҳои давлатӣ маҳфуз дошта мешаванд.

Архитектура — санъати биносозӣ ва бунёди дигар иншоотҳо.

Буддо — Номи Сиддҳартна Гаутаман, лақабаш; бо тарзи “Маърифатнок” тарҷума мегардад.

Буддоӣ — таълимоти динӣ,ки дар Ҳиндустон аз тарафи Сиддҳартна Гаутаман асос гузошта шудааст.

Варвар — дастҳо; шахси дилхохи ҳориҷ,ки бо забони юнонӣ ҳарф намезанад; баъдтар калимаи мазкур нисбати одамоне кор фармуда мешуд,ки бемаданият буданд.

Гилгамиш — қаҳрамони афсонавии Месопотамия, шахси таърихӣ, шоҳи шаҳри Урук.

Гоплит — аскари пиёдаи бо силоҳи вазнин мусаллаҳгардидаи лашкари Юнони Қадим ва Юнону Македония.

Шаҳр — давлат (полис) — шаҳри худидоракунист,ки атрофашро ба тасарруфи худ гирифтааст; давлати хурди мустақил дар Юнони Қадим ва Рим; дар полис ҳокимият дар дасти шаҳрвандони баробарҳуқуқ буд.

Данайҳо — Гомер дар “Иллиада” юнониёнро ҳамин тавр номидааст.

Делта — маконе,ки манзараи умумии секунҷаро дар резишгоҳи дарёи Нил дар баҳри Миёназамин ба вуҷуд меоварад.

Демократия — ҳар як шаҳрванд оид ба масъалаи идоракунии давлат фикри худро баён месозад, ҳамчунин сохтори иҷтимоӣ, ки дар идоракунии мамлакат иштирок менамояд.

Диадонҳо (ворисон) — сарлашкарони ҳарбие,ки баъди вафоти Искандари Мақдунӣ аз болои худудҳои мухталиф ҳокимияти худро ба роҳ гузоштаанд.

Диктатор — ҳукмдори хотимавие,ки ҳангоми рӯй додани вазъияти фавқулодда таъин карда мешавад.

Династия (сулола) — авлоди шоҳон,ки паси ҳам ҳукмдорӣ мекунанд; номи сулолаҳо одатан бо як ном гуфта шудаанд. Масалан, Аҳамониён.

Ғуломи қарздор — чараёни ғулом гардидани шаҳрвандони озод,ки қарзро сари вақт барнагардондаанд.

Бахшидани қурбонӣ — ба мақсади қонеъ гардондани меҳру шафқат ба худоён маводҳо ҳадя карда мешаванд.

Коҳинҳо — рӯҳониёни ибодатхонаҳо.

Зиккурат — манораи калони зинапоядор,ки дар болояш ибодатхона ҷойгир шудааст.

Иэроглифҳо — дар Юнони қадим хати мисриёнро ҳамин тавр номидаанд; маънои “навиштаҷоти муқаддас”-ро ифода мекунад.

Ибодатхона — бино ё маскан,ки муқаддас эълон гардида, одамон ба худо саҷда кардаанд.

“Иллиада” — достони Гомер дар бораи набарди Троя.

Империя — давлате,ки ҳокимияти номаҳдуди ҳукмдор ҷорӣ гардидааст.

Италикҳо — қабилаҳои қадима,ки дар нимҷазираи Апеннин истиқомат кардаанд.

Баландии Капитолӣ — теппагии аз ҳама баланди Рим.

Коллонияҳо — манзилгоҳ ва шаҳрҳое,ки кишвари худро тарк намуда, дар сарзамини нав барқарор кардаанд.

Консул — лавозими олии сиёсии Рим дар давраи республика. Ду нафар консул ҳар сол интихоб карда, ба Сенат ва лашкар роҳбарӣ кардаанд.

Бодиянишинон — одамоне,ки ҷои доимии истиқоматӣ надоранд.

Легион — воҳиди аз ҳама бузурги лашкари Рим.

Хати мехӣ — хати қадимаи шумерҳо ва форсҳо.

Метек — аҷнабие,ки дар Афина истиқомат мекард.

Мозаика — расми манзаравӣ,ки дар маводи сафолини рангин ё худ шишапора ба девор ё худ расми манзаравие,ки ҳангоми андовакунӣ дар фарш истифода бурда шудааст.

Мохенҷодаро — тамаддуни аз ҳама қадимаи Ҳиндустон.

Ҷасади мумиё (гардонда) шуда — барои дафн тайёр гардидааст, ҷасаде,ки барои дуру дароз нигоҳ доштан бо моддаҳои махсус аз нав кор карда мешавад.

Некропол — қабристон, мақбара.

“Нот” -ҳо — давлатҳои аввалини Миср.

Ойкумена — қисми рӯи Замин,ки одамон зиндагонӣ мекунанд, ҳудудаш.

Бозиҳои Олимпӣ — дар шаҳри Олимпиаи нимҷазираи Пелопенос дар чор сол як маротиба ба шарафи Зевси олимпиядагӣ мусобиқаҳои умумиварзишӣ гузаронда мешаванд.

Папирус — қамише,ки мағзи пояааш барои навиштаҷот ҳамчун мавод истифода мегардад.

Патритсийҳо — авлодони сенаторон.

Плебейҳо — халқи оддӣ, шаҳриён, бенавоён.

Пирамида — иншооти сангини пуршаҳомат, мақбараи фиръавнҳо, аҳромҳо.

Республика — маънои “кори умумӣ”-ро мефаҳмонад, номи сохтор.

Сенат — маънои “Машварати оқсақолон” -ро мефаҳмонад.

Стратег — сарвари ҳарбии Афина.

Сфинкс — пайкараш аз шеру сараш аз инсон. Мавҷудоти афсонавӣ,ки аҳромҳоро ҳимоя кардаанд.

Тамаддун — дараҷаи ниҳоят баланди тараққиёти ҷамъият.

Термҳо — ҳаммомҳои ҷамоатии шаҳри Рими Қадим.

Титан — ҳукмдоре,ки соҳиби ҳокимияти мутлақ буд.

Фаланга — сафкашии аскарони бо силоҳҳои вазнин таъмингардидаи одатан дар 9 ё 16 қатор.

Фиръавн — ҳукмдори Миср: маънои “хонадони бузург”-ро мефаҳмонад.

Фреска — расми дар девор кашидашуда.

Форум — маркази шаҳр,ки барои гузарондани ҷамъомад ва майдони бозор хизмат кардааст.

Хронология — фан дар хусуси асрҳо, даврҳо, ченаки вақт; воқеаҳои мухталиф тавассути санаи хронология аниқ мегардад ва аниқ мешавад.

Ҷоппер — силоҳи сангинест,ки фақат як тарафи коркарди он тез карда шудааст.

Эллиада — Юнони Қадим.

Эллиниҳо — юнониёни қадима; сараввал тамоми аҳолии Юнон ҳамин тавр номбар шудааст.

Ғулом — мулки шахси дигар будааст ва одами озод,ки ба сифати қувваи корӣ истифода шудааст (“силоҳи меҳнати ҳарфзананда”); ғуломро харида гирифтан ва фурӯхтан мумкин буд.

## *Такроркунии хотимавӣ*

Ҳангоми омӯзиши таърихи дунёи қадим то чӣ андоза аз худ кардани истилоҳу номҳои таърихиро як озмуда бинед. Мабодо душворӣ кашед, ба саҳифаҳое,ки дар матн нишон дода шудаанд, муроҷиат кунед.


*авгурҳо — 157*
*агора — 98*
*акведик — 155*
*атлас — 163*
*амулет (тумор) — 45*
*амфитеатр — 164*
*анимизм — 16*
*антропологҳо — 8*
*адинак — 187*
*археологҳо — 8*
*буддоӣ — 68*
*гладиаторҳо — 164*
*гоплитҳо— 92*
*демократия — 104*
*диктатор — 159*
*коҳин — 39*
*зардуштиён — 85*
*зиккурат — 52*
*сохтори иқтисодӣ — 10*
*ибодатхона — 15*
*иэроглифҳо — 44*
*илотҳо — 95*
*хоҷагии истеҳсолӣ — 20*
*кастаҳо — (варнҳо) — 65*
*коллонияҳо — 97*
*колонҳо — 163*
*матриархат — 11*
*мезолит — 19*
*метекҳо — 93*
*микролитҳо — 20*
*тамаддуни Миной — 90*
*хатти мехӣ — 51*
*мозаика — 155*
*мӯмиёкунӣ — 42*
*неолит — 12*
*“ном”-ҳо — 31,33*
*нумизматика — 5*
*оссуарӣ — 83*
*хоҷагии азхудкунанда — 14*
*палеолит — 12*
*палестр (мактаб) — 94*
*папирус — 44*
*патриархат — 11*
*патритсийҳо — 152*
*перийекҳо — 95*
*пирамидаҳо, аҳромҳо — 40*
*плебейҳо — 152*
*полисҳо — 92*
*провинсияҳо (музофотҳо)—161*
*риторика — 176*
*авлод, насаб — 11*
*сагарис — 28*
*саркофаг (тобути сангӣ) — 41*
*сатрап — 122*
*Сенат — 152*
*сӯзанак — 149*
*стил — 93*
*стратег — 100*
*сфинкс — 44*
*тамаддун — 30*
*термҳо — 180*
*трийера — 110*
*тога — 156*
*триумф — 159*
*фаланга — 92*
*фиръавн — 35*
*файласуф — 114*
*фреска — 155*
*ҷопперҳо — 14*
*эллинигардонӣ — 134*
*эллинҳо — 112*
*энеолит — 12*
*эпиграфика — 5*
*этнограф (ховаршиносӣ) — 8*

## ИСТИЛОҲОТИ ТАЪРИХӢ ВА ҶУҒРОФӢ ОИД БА ТАЪРИХИ ДУНЁИ ҚАДИМ

*Афина — 86*
*Афросиёб — 78, 124*
*Аккад — 44, 46*
*Александри Есхата — 126*
*Алтамир — 16*
*Аппенин — 145*
*Айритом — 138*
*Бохтра (Зариапс) — 124*
*Бохтар — 176*
*Беҳистун — 9*
*Бобул — 49*
*Дилварзинтеппа — 138*
*Довон (Паркана) — 134*
*Эрон — 57*
*Фаластин — 56*
*Финикия — 56*
*Фрот — 43*
*Ганг — 61*
*Голгоф — 176*
*Ҳинд — 61*
*Баҳрайн — 43*
*Итолиё — 145*
*Иверихон — 29*
*Ҷонбошқалъа — 23*
*Карфаген — 156*
*Қӯзалиқир — 178*
*Костантинопол — 168*
*Коринф — 104*
*Корсика — 159*
*Кошала — 65*
*Крит (Кносс) — 85*
*Ктесифон — 171*
*Курушкат (Киропилис) — 125*
*Лагаш — 45*
*Лаконика — 89*
*Ласко — 16*
*Ливия — 32*
*Маснай — 19*
*Магадна — 65*
*Македония — 102*
*Малла — 65*
*Водии Марафон — 98*
*Марғиёна — 118*
*Мароқанда — 125*
*Мауря — 65*
*Мемфиз — 31*
*Месопатамия — 43*
*Мидия — 58*
*Микенн — 85*
*Миср — 28*
*Митаннӣ — 53*
*Мохенҷодаро — 62*
*Нил — 28*
*Ниневия — 55*
*Мидия — 32*
*Обишир — 19*
*Окс (Амударё) — 125*
*Олдувай — 13*
*Олимпия — 106*
*Олтинтеппа — 76*
*Олвива — 92*
*Ошшур — 54*
*Ассурия — 54*
*Пантикарей — 92*
*Парфия — 130*
*Паталипутра — 65*
*Пелопоннес — 84*
*Персепол — 60*
*Пирей — 88*
*Қалъалиқир — 132*
*Канг (Кангуй) — 133*
*Қизилтеппа — 78*
*Қӯшилиш — 19*
*Қӯйқирилганқалъа — 132*
*Қоратеппа — 138*
*Рим — 146*
*Розетт — 40*
*Сардиния — 159*
*Селенгур — 14*
*Шумер — 44*
*Сидон — 56*
*Суғдиёна — 176*
*Сополитеппа — 23*
*Спарта — 89*
*Сурия — 32*
*Тир — 56*
*Тушпа — 55*
*Урарту — 55*
*Узункир — 78*
*Везувий — 162*
*Византия — 168*
*Харапа — 62*
*Хуанхе — 68*
*Яҳудистон — 56*
*Еркӯргон — 78*
*Юнон-Бохтар — 130*
*Юнонистон — 84*
*Замонбобо — 23*
*Зараутсой — 20*
*Зартеппа — 138*
*Зинҷ — 14*

## НОМҲОИ ТАЪРИХИ ДУНЁИ ҚАДИМ


*Аралих — 169*
*Антиох — 129*
*Антонӣ — 166*
*Аристофан — 109*
*Аристотел — (Арасту) — 112*
*Арриан — 9*
*Архимед — 112*
*Аттила — 170*
*Бесс — 124*
*Брут — 165*
*Буддо — 66*
*Деметрӣ — 130*
*Демокрит — 112*
*Доро I — 59*
*Драконт — 94*
*Дюперрон А—81*
*Евтидем — 130*
*Есхил — 121*
*Фидӣ — 110*
*Филипп II — 102*
*Фрада — 119*
*Ганнибал — 157*
*Гераклит — 112*
*Геродот — 112*
*Гилгамиш — 47*
*Гомер — 108*
*Исо Масеҳ — 176*
*Калигула — 167*
*Камбиз — 34*
*Канишка — 138*
*Киаксар — 58*
*Кир II — 159*
*Клеопатра — 166*
*Константин — 168*
*Красс — 163*
*Ксеркс — 100*
*Кудзула Кадфиз — 137*
*Квинт Курсӣ Руф — 9*
*Луи Ван — 73*
*Искандари Мақдунӣ — 103*
*Менес — 30*
*Менкаура — 37*
*Мениа — 55*
*Милтиад — 99*
*Митридат I — 130*
*Навуходонор II — 50*
*Нерон — 167*
*Октавиан-Август — 167*
*Ошшурбанапал — 55*
*Перикл — 96*
*Платон (Афлотун) — 113*
*Полийен — 120*
*Помпей — 165*
*Понти Пилат — 176*
*Равшанак (Роксана) — 127*
*Ф. Рихтгофен — 141*
*Ромул — 146*
*Салавка — 129*
*Сардур I — 55*
*Саргон I — 48*
*Сезар — 165*
*Шамполуон Ҷ—40*
*Шерак — 120*
*Сим Суан — 9*
*Син Шихуандӣ — 72*
*Скинна — 119*
*Софокл — 109*
*Сократ (Суқрот) — 113*
*Солон — 94*
*Спартак — 162*
*Спитамон — 125*
*Страдон — 9*
*Тарквинӣ — 147*
*Томирис — 119*
*Траян — 167*
*Тутанхамон — 38*
*Туттмос II — 33*
*Туттмос III — 33*
*Ю. Ди — 73*
*Вима Кадфиз — 137*
*Хафра — 37*
*Хупӣ (Хеопс) — 37*
*Яхмос — 33*
*Зардушт — 80*
*Чандрагупта — 65*
*Хаммурапӣ — 49*

## ТАЪРИХИ ДУНЁИ ҚАДИМ ДАР ТАҚВИМҲО

I миллион — ҳазораи 100 пеш аз мелод — зинаи аввали палеолит дар Осиёи Миёна
ҳазораи 100-40 пеш аз мелод — зинаи миёнаи палеолит
ҳазораи 40-20 пеш аз мелод — зинаи охирини палеолит
ҳазораи 12-7 пеш аз мелод — давраи мезолит
ҳазораи 6-4 пеш аз мелод — давраи неолит
миёнаи ҳазораи 4-3 пеш аз мелод — давраи энеолит
ҳазораи 4 пеш аз мелод — манзилгоҳҳои шумер ва аккадҳо дар Месопотамия, ба вуҷуд омадани шаҳрҳои Урук, Эриду, Лагаш, Ур
ҳазораи 4 пеш аз мелод — бавуҷудоии манзилгоҳҳо дар соҳилҳои Нил
соли 2600 пеш аз мелод — бунёди аҳроми Хеопс (Хупӣ) дар Миср
ҳазораи 3 пеш аз мелод — бавуҷудоии тамаддуни Чин
ҳазораи 3 пеш аз мелод — бавуҷудоии шаҳрҳои Мохенҷадоро ва Хараппа
миёнаи ҳазораи 3 — 2 пеш аз мелод — давраи биринҷӣ
ҳазораҳои 3-2 пеш аз мелод — рушди “Роҳи лаъл”
ҳазораи 2 пеш аз мелод — бавуҷудоии аввалин давлатҳои бузург дар ҳудуди Осиёи Пеш: Хетт, Митаннӣ, Ассурия
ҳазораи 2 пеш аз мелод — ташкилёбии шоҳигарии Бобул
ҳазораи 2 пеш аз мелод — ташкилёбии калонтарин манзилгоҳҳои деҳқонӣ, аз қабили Замонбобо, Сополитеппа, Ҷарқӯтон
ҳазораи 2 пеш аз мелод — ташкил ёфтани давлатҳои Микен ва Крит
асри XVIII пеш аз мелод — ҳукмдори Бобул Хаммурапӣ (солҳои 1792-1750 пеш аз мелод) Месопотамияро дар давлати ягона муттаҳид сохт
соли 1500 пеш аз мелод — юриши бузурги истилогаронаи Фиръавн Тутмос II
асри XIII пеш аз мелод — давлати Ассурия дар давраи подшоҳ Саламанасар ба қуллаи аз ҳама баланди тараққиёти худ расидааст
асри XIII пеш аз мелод — “халқҳои баҳрӣ” Хаттусаро вайрон карданд
соли 1200 пеш аз мелод — аз ҷониби дориён вайрон карда шудани давлати Микен
асри XII пеш аз мелод — дориён Лаконикаро истилоъ намуданд ва ба шаҳри Спарта асос гузоштанд
асри XI пеш аз мелод — ташкилёбии давлати Исроил
асри IX пеш аз мелод — ҷойгиршавии форсҳо ба ҷануби Эрон
асри VIII-VI пеш аз мелод — колонизатсияи Юнони бузург
дар аввали асрҳои IX–VIII пеш аз мелод – сарнагуншавии давлати Урарту
асрҳои VIII-VI пеш аз мелод — бавуҷудоии коллонияҳои Херсонес, Пантикапей, Танаис, Фасис, Трапезинг
ҳазораи I пеш аз мелод — паҳншавии зардуштӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна
асрҳои IX-VIII пеш аз мелод — зинаи ба даври оҳан гузаштани Осиёи Миёна
асри VIII пеш аз мелод — бавуҷудоии 12 иттифоқи шаҳр дар Итолиё
соли 776-уми пеш аз мелод — ташкилёбии Рим
асри VII пеш аз мелод — ба давлати ягона боз муттаҳидшавии Миср

асри VII пеш аз мелод — ташкилёбии шоҳигарии Бохтари қадима
асри VII пеш аз мелод — бавуҷудоии шаҳри Кӯзалиқири Хоразм
асрҳои VII-IV пеш аз мелод — рушди шаҳрҳои Қизилтеппа, Афросиёб, Узунқир, Ёрқӯрғон, Кӯзалиқир
асрҳои VII-VI пеш аз мелод — бавуҷудоии давлатҳо Магадна, Кошала, Малла дар Ҳиндустон
асрҳои VII-V пеш аз мелод — давраи "бисёрподшоҳӣ" дар Чин
соли 621 пеш аз мелод — қабул гардидани қонунҳои Драконт
соли 605 пеш аз мелод — вожгуни шоҳигарии Ассурия
соли 594 пеш аз мелод — гузарондани ислоҳоти Солон дар Афина
соли 558 пеш аз мелод — ташкилёбии шоҳигарии Форс (Кир II)
солҳои 545-540 пеш аз мелод — забти Парфия, Марғиёна ва Бохтар аз тарафи Кир II
соли 539 пеш аз мелод — аз ҷониби форсҳо забт гардидани Бобул
соли 530 пеш аз мелод — ҳалок гардидани Кир II дар Осиёи Миёна (Томирис)
соли 525 пеш аз мелод — аз тарафи шоҳи Эрон Камбиз забт гардидани Миср
соли 522 пеш аз мелод — ба сатрапҳо таксим шудани салтанати Доро I
соли 522 пеш аз мелод — ошӯби Фрада ба муқобили Доро I
519 пеш аз мелод — юришҳои истилогаронаи Доро I ба муқобили қабила–ҳои сак (ҷасорати Шерак)
соли 509 пеш аз мелод — Рим республика эълон гардид
садаҳои V—IV пеш аз мелод — паҳншавии тангаҳои аввалин дар Осиёи Миёна
солҳои 490-449 пеш аз мелод — набардҳои Юнону Форс
соли 490 пеш аз мелод — набарди водии Марафон
соли 480 пеш аз мелод — набарди Фермопил (часорати сесад нафар спартагиён)
соли 480 пеш аз мелод — набарди Саламин байни юнониён ва форсҳо
соли 479 пеш аз мелод — набарди назди шаҳри Платея — ғалабаи юнониён
солҳои 443-429 пеш аз мелод — ҳукмдории стратег Перикл дар Афина
салаи IV пеш аз мелод — озодшавии хоразмиён, сакҳо ва массагетҳо аз зулми Аҳамониён
соли 337 пеш аз мелод — ба иттифоқи шаҳр-давлатҳо якҷояшавии шаҳрҳои Юнон
соли 334 пеш аз мелод — Юриши Искандари Мақдунӣ ба Шарқ
соли 330 пеш аз мелод — забти салтанати Аҳамониён аз тарафи Искандари Мақдунӣ
соли 329 пеш аз мелод — аз тарафи юнону македониён таҳти сарпарастии Искандари Мақдунӣ истилои Мароқанд
соли 329 пеш аз мелод — ҷанги соҳилҳои дарёи Зарафшон: торумори қӯшунҳои юнониву македонӣ (Спитамон)
соли 328 пеш аз мелод — мағлубияти Спитамон дар ҷанг ба муқобили лашкари Искандари Мақдунӣ
соли 327 пеш аз мелод — забти Ҳиндустон аз тарафи Искандари Мақдунӣ
соли 323 пеш аз мелод — вафоти Искандари Мақдунӣ
соли 318 пеш аз мелод — аз тарафи Чандрагупта пеш кардани қӯшунҳои юнону македонӣ аз Ҳиндустон

соли 312 пеш аз мелод — оғози ҳукмронии Салавка-асосгузори давлати Салавкагиён
соли 280 пеш аз мелод — Антиох ҳукмдори давлати Салавкагиён
асри III пеш аз мелод — ташкилёбии давлати ягонаи Син
соли 250 пеш аз мелод — ташкилёбии шоҳигарии Юнон — Бохтар
соли 250 пеш аз мелод — ташкилёбии давлати Парфия
асри III пеш аз мелод — тамоми матнҳои таълимоти зардуштӣ дар 21 китоб ҷамъ оварда шуд
асри III пеш аз мелод — ташкилёбии давлати Қанғ
асри III  пеш аз мелод — ташкилёбии давлати Довон
асри III пеш аз мелод — шаҳрҳои Ҷонбосқалъа ва Куйқирилганқалъаи Хоразм
солҳои 246-210 пеш аз мелод — ҳукмдории Син Шихуандӣ дар Чин
соли 216 пеш аз мелод — торумори лашкари Рим дар Канн
соли 206 пеш аз мелод — ошӯб ба муқобили сулолаи Син дар Чин
соли 202 пеш аз мелод — дар наздикии шаҳри Зама қӯшуни Карфаген аз тарафи римиён торумор гардид
солҳои 140-87 пеш аз мелод — ҳукмрони Ю. Ди дар Чин
асри II пеш аз мелод — аз тарафи римиён вайрон гардидани Карфаген
солҳои 140 ё ки 130 пеш аз мелод — аз тарафи юэчҷиҳо (кушониён) забт гардидани давлати Юнон-Бохтар
асри I пеш аз мелод — вожгуни давлати Парфия
асри I пеш аз мелод — кашфи коғаз дар Чин
соли 74 пеш аз мелод — ошӯби Спартак
соли 71 пеш аз мелод — торумори армияи Спартак
соли 49 пеш аз мелод — Юлий Сезар — императори Рим
соли 29 пеш аз мелод — ба Октавиан аз тарафи Сенат унвони император ва лақаби Август дода шуд
соли 98 мелодӣ — аз инқироз баромадани мамлакат дар давраи императори Рим Траян
асрҳои I-II мелодӣ — давраи гул-гулшукуфии шоҳигарии Кушон
асри II мелодӣ ошӯби “рӯймолзардон” дар Чин
асрҳои III-II мелодӣ — сохтмони шаҳри Тӯпроққалъаи Хоразм
асри III мелодӣ — порчашавии давлати Кушон
соли 330 мелодӣ — пойтахти империяи Рим — Византия (Константинопол)
соли 394 мелодӣ — боздошти гузарондани бозиҳои Олимпӣ
соли 395 тақсимшавии империяи Рим: Ғарбиву Шарқӣ
соли 410 мелодӣ аз ҷониби истилогарони готҳо таҳти сарпарастии Аларих яксоншавии Рим
соли 452 мелодӣ — ба Итолиё зада даромадани хуннҳо–Аттила
соли 455 мелодӣ — забти Рим аз тарафи вандалҳо (қабилаҳои герман)
соли 476 мелодӣ — вожгуни Рими Ғарбӣ

ANATOLIY SAGDULLAYEVICH SAGDULLAYEV,
VASILIY ANUFRIYEVICH KOSTETSKIY

# TARIX

## QADIMGI DUNYO

Umumiy o'rta ta'lim maktablarining 6-sinfi uchun darslik

To'ldirilgan to'rtinchi nashri
(Tojik tilida)

Муҳаррир Э.Турдикулов
Тарҷумон Т.Нодир
Мусаҳҳеҳ Ҷ.Эшонзода
Муҳаррири техникӣ Б.Азимов
Саҳифабанди компютерӣ К.Костетский

Ба чопаш 16.08.13 рухсат дода шуд. Андозаи 70x90 1/16. Гарнитураи “Ариал”. Кегли 12,10. Ҷузъи шартии чопӣ 12,87. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 10,8. Адади нашр 8553 нусха. Супориши №110.

**Дар матбааи Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Yangiyo'l Poligraf Servis» чоп шудааст. Шаҳри Янгийӯл, кӯчаи Самарқанд, 44.**

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

## Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Китобро барқарор кардан аз имкон берун аст. |